


**Маҷаллаи "Бонкдорӣ дар Тоҷикистон"**
**дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ба қайд гирифта шудааст.**
**Шаҳодатномаи қайд: №0007/мч,**
**аз 21 январи 2009 с.**

# Обуна

**Тел:**
**+(992) 44 600-32-49**

**Муассис:**
Бонки миллии Тоҷикистон

**Раиси Шӯрои машварат:**
НУРМАҲМАДЗОДА Ҷ.

**Аъзои Шӯрои машварат:**
АСАДУЛЛОЗОДА Ҳ.
ЛАЛБЕКОВ И.
ҲИСАИНОВ С.
ТАШРИФОВ М.
ДАВЛАТОВ И.
ИДИЕВ М.

**Ҳайати маҷалла:**
**Сармуҳаррир:** Идиев М.
**Муовини Сармуҳаррир:** Шарипова А.
**Котиби масъул:** Мӯминов А.
**Муҳаррир:** Юнусова М.
**Муҳаррири техникӣ:** Низомова Ф.
**Ороишгар:** Ҷамолов З.
**Мусаҳҳеҳ:** Туфонова Ҳ.

маҷаллаи иттилоотии бонкӣ

# БОНКДОРӢ
## дар Тоҷикистон

**№4 (69)**
**апрел 2015**

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Дар матбааи
**ҶДММ "ЭР-граф"**
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218
Тел.: +992 (37) 881-15-16

**Теъдоди нашр:** 708 нусха.
**Навбатдори шумора:** М.Юнусова
**Суроғаи маҷалла:** 734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 23/2
**E-mail:** majalla@nbt.tj
**Тел:** + (992) 44 620-05-37
**Факс:** + (992) 44 600-32-49

# Дар ин шумора:




*Тибқи арзёбиҳои муътамад, аллакай дар соли 2030 тақрибан 50 фоизи аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор омада, то соли 2050 камбуди об шиддати бештар пайдо хоҳад кард.*

4


## Президент
Истифодаи оқилонаи захираҳои об талаботи давр аст 4

## Дар партави Паём
Паёми Президенти кишвар – роҳнамои саодати мардум 8

## Дастовард
Дастовардҳои пурарзиши Тоҷикистон дар соли Мавлоно Ҷомӣ (2014) 12




*Пажӯҳишгарони алоҳида ҳанӯз дар нимаҳои аввали садаи бистум ба чунин хулосаи муҳим расида буданд, ки аввалан бозори озод дар сатҳу масоҳати давлати ҷудогона ба миён омада, ҳамчун сабабгории асосии ривоҷу равнақи иқтисодиёти миллӣ хизмат кардан мегирад.*

44



32


## Таҳлилу шарҳ
Амонат аз пасандоз чӣ фарқ дорад? 32

## Назари мутахассис
Пардохтнопазирӣ ва муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ 34
Қарзи бонкӣ ва рушди соҳибкорӣ: алоқамандӣ ва мушкилот 39

# Дар ин шумора:


## Нигоҳ

Сиёсати бозори озод 44
Пардохтҳои ғайринақдӣ шаффофияти молиявиро таъмин мекунанд 48
Нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт 51




48

*Мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи соҳибкорон ва даромади онҳо аз ҳисоби фурӯши маҳсулот сол аз сол меафзояд.*

39






## Бонкдории исломӣ

"ВАҚФ" – сарчашмаи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар ислом 54

## Дар чанд сатр

Шарҳи бонкиву иқтисодии ВАО-и ҷаҳон 62

## Тақвим

Рӯйдодҳои муҳимми моҳ 66




54

# Истифодаи оқилонаи **захираҳои об талаботи давр аст**



Суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об

**Муҳтарам ҷаноби Раис!**
**Иштирокдорони гиромии Форум!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Қабл аз ҳама, ба Хукумати Ҷумҳурии Корея барои даъват ҷиҳати иштирок дар чунин ҳамоиши бонуфузи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об, инчунин фароҳам овардани шароити беҳтарини кору фаъолият, пазироии гарм ва меҳмоннавозии самимӣ арзи сипос менамоям.

Мавзӯи Форум – "Об бароиояндаи мо", - бешубҳа, ба тамоюлоти ҷории глобалӣ оид ба муайян намудани амалиёти минбаъда барои давраи баъди соли 2015, ки дар ҷараёни он, низ ба назари мо, мавзӯи захираҳои об бояд нақши калидӣ дошта бошад, комилан ҳамоҳангу созгор аст.

*Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Дар қаламрави кишвар тақрибан 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд.*

Қобили зикр аст, ки форумҳои ҷаҳонии об дар ҳалли масъалаҳои мубрами об дар тамоми ҷаҳон саҳми бисёр арзишманд мегузоранд. Бисёр ғояву ибтикорот оид ба масъалаҳои об, ки дар сатҳҳои гуногун мавриди татбиқ қарор гирифтаанд, маҳз дар пояи чунин ҳамоишҳо арзи вуҷуд кардаанд.

Бо ташаббуси Тоҷикистон силсилаи қатъномаҳои муҳимми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об қабул гардиданд ва аз ҷумлаи онҳо ду қатънома, ки ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" (солҳои 2005-2015) ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (соли 2013) бахшида шудаанд, бори аввал аз ҷониби мо маҳз дар ҷараёни ин чорабиниҳо, яъне дар Киото, дар Форуми сеюм ва дар Истамбул, дар чаҳорчӯбаи Форуми панҷуми умумиҷаҳонии об эълон шуда буданд.

**Иштирокдорони муҳтарами Форум!**

Ҳарчанд, ки дар чаҳорчӯбаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола доир ба ҳалли масъалаҳои об пешрафти муайяне ба даст омадааст, вале таҳдидҳои глобалии муосир хушбинии моро ба оянда зиёдтар намекунанд. Тибқи арзёбиҳои муътамад, аллакай дар соли 2030 тақрибан 50 фоизи аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор омада, то соли 2050 камбуди об шиддати бештар пайдо хоҳад кард.

Мо ҷонибдори ақидае ҳастем, ки андешидани тадбирҳои фаврии ба иқдомоти воқеӣ нигаронидашуда зарур аст. Таҳлилҳо



нишон медиҳанд, ки дар амалҳои мо сармоягузорӣ ба бахшҳои ба истилоҳ “нарм” ҳиссаи ҳарчи бештар пайдо мекунад, ҳол он ки дар раванди мазкур лоиҳаҳои инфрасохторӣ нақши асосӣ доранд.

Дигар самти муҳимми фаъолияти минбаъдаи мо бояд ба сӯйи иқтисоди “сабз” равона карда шавад, ки дар ин арса захираҳои об ба ҳайси манбаи таҷдидшавандаи нерӯи барқ бояд мавқеи арзанда дошта бошанд.

Имрӯз ҳиссаи нерӯи барқи обӣ дар истеҳсоли ҷаҳонии нерӯи барқ тақрибан 20 фоизро ташкил медиҳад ва ин дар ҳолест, ки аз имкониятҳои аз лиҳози иқтисодӣ фоиданоки гидроэнергетикӣ ҳамагӣ 45 фоиз истифода мегардаду халос.

Дар ин замн ҳамбастагии “об – неруи барқ – озуқаворӣ” низ, ки баҳисобгирии мутавозини манфиатҳои тамоми бахшҳои муҳимро таъмин менамоянд, муҳим

> *Тибқи арзёбиҳои муътамад, аллакай дар соли 2030 тақрибан 50 фоизи аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор омада, то соли 2050 камбуди об шиддати бештар пайдо хоҳад кард.*

ба назар мерасад. Ба кор гирифтани чунин шеваи амал, бешубҳа, барои вусъати ҳамкории дурусту оқилона на фақат дар байни бахшҳо, балки дар ҳавзаи дарёҳои сарҳадгузар низ асоси боэътимод ба вуҷуд меорад.

Барои расидан ба ҳадафҳои соҳаи об маблағгузории мунтазам тадбири муҳим мебошад. Мутаассифона, бухронҳои молиявӣ ва иқтисодӣ дар тӯли даҳсолаи охир саъйю талоши кишварҳоро оид ба таъмини соҳаи об бо маблағгузории кофӣ коҳиш доданд. Аз ин лиҳоз таъсис додани сандуқҳои (фондҳои) гуногуни миллӣ ва минтақавию глобалӣ, инчунин дигар ташаббусҳо доир ба беҳсозии маблағгузории соҳаи об ба хотири мусоидату мадад, аз ҷумла ба кишварҳои камтараққӣ ва давлатҳои хурди ҷазиравӣ, дар ҳалли ин масъалаҳо иқдомоти саривақтӣ хоҳанд буд.

**Хонумҳо ва ҷанобони муҳтарам!**

Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Дар қаламрави кишвар тақрибан 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд.

Аммо инфрасохтори начандон мутараққӣ ва манбаъҳои маҳдуди молиявӣ имкон намедиҳанд, ки захираҳои мавҷудаи об ба андозаи пурра ба манфиати рушди иқтисоди кишвар истифода карда шаванд.

Сарфи назар аз захираҳои кофии об, имрӯз фақат тақрибан 57 фоизи аҳолии мамлакат ба манбаъҳои бехатари оби нӯшокӣ ва қариб 30 фоизи он ба шароити хуби санитарӣ дастрасӣ дорад. Ин масъала алалхусус дар деҳот тезутунд буда, дастрасии сокинони деҳот ба оби нӯшокӣ ҳамагӣ қариб 40 фоиз ва ба хизматрасонии беҳдоштӣ на зиёда аз 10 фоизро ташкил медиҳад.

Офатҳои табиии марбут ба об барои Тоҷикистон ҳамоно чун мушкили ҷиддӣ боқӣ мемонанд. Тоҷикистон кишварест, ки наваду се фоизи қаламрави онро кӯҳсори релйефаш мураккаб ташкил медиҳад.




*Имсол Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015 ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эълон гардида буд, ба анҷом мерасад.*

Селу обхезиҳо ҳамасола ба иқтисоди кишвар зарари калон мерасонанд ва дар баъзе ҳолатҳо, мутаассифона, боиси ҳалокати одамон мегарданд. Масалан, фақат тайи 5 соли охир хисороти умумӣ аз обхезӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 600 млн. долл. ИМА-ро ташкил додааст.

**Иштирокдорони муҳтарами Форум!**

Мушкилоти зикршудаи марбут ба об, ки Тоҷикистон бо онҳо рӯ ба рӯст, ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ хос мебошанд.

Суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар минтақа ва тағйирёбии иқлим, ки ба раванди обшавии пиряххо – манбаи асосии об – таъсири манфӣ мерасонад, сол аз сол мубрам ва боиси нигаронӣ мегарданд.

Мувофиқи арзёбию таҳлилҳои мавҷуда, то соли 2030 таъминот бо об ба ҳар сари аҳолӣ ба ҳадди ниҳоиву хатарноки худ – камтар аз 1,7 ҳазор метри мукааб дар як сол мерасад. Дар муқоиса бояд гуфт, ки ин нишондиҳанда дар солҳои 60-уми асри гузашта тақрибан ба 6 ҳазор метри мукааб барои як одам дар як сол баробар буд.

Дигар масъалаи мубрами минтақаи мо бо об таъмин намудани аҳолии деҳот мебошад. Обёрии зиёда аз 8,5 млн. гектар заминҳои корами минтақа дар шароити даври тағйирёбандаи гидрологӣ ва зиёд шудани шумораи солҳои камобу хушк душвортар ва мураккабтар мегардад.

Дар ин зимн истифодаи дурусти захираҳои об, алалхусус тавассути

технологияҳои муосири сарфаи об, навсозии шабакаҳои обрасониву мелиоративӣ ва татбиқи усулҳои нави обёрӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Чунин муносибат ва тарзи кор ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, хеле кам гардидани партовҳои заҳрнок ба атмосфера, ҳамчунин ба рушди иқтисоди "сабз", ки ба татбиқи самараноки манбаъҳои таҷдидшавандаи неруи барқ равона шудааст, мусоидат менамояд.

Гузашта аз ин, дар минтақа захираҳои кофие мавҷуданд, ки азхудсозии ботадриҷи онҳо ба кишварҳо имкони ба даст овардани фоидаи иловагиро муҳайё мегардонад.

Ба назари мо, фақат ҳамкории пурсамар дар арсаи истифодаи оқилонаи захираҳои об имконияти бо об таъмин намудани аҳолии кишварҳои минтақаро фароҳам оварда, дар баробари ин, ба ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд.

**Раиси муҳтарам,**
**Иштирокдорони гиромии Форум,**

Имсол Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015 ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эълон гардида буд, ба анҷом мерасад. Дар иртибот ба ин, арзёбии мукаммалу ҳамаҷонибаи чорабиниҳои дар тӯли даҳ сол суратгирифта, ошкор сохтани мушкилоту масъалаҳои дар роҳи татбиқи ҳадафҳои даҳсола мавҷуда ва ҳамчунин банақшагирии амалиёти минбаъда дар давраи баъд аз соли 2015 зарур аст.

Бидуни шакку шубҳа, иҷрои нақшаи Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт" барои муттаҳид сохтани саъю талоши муштараки мо дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ба хотири тақвияти тадбирҳои расидан ба ҳадафҳо дар соҳаи захираҳои об асоси хубе ба миён овард.

Вале таҳдиду хатарҳои муосири глобалӣ, аз ҷумла бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйири иқлим, зуд-зуд рух додани ҳодисаҳои офатбори гидрометеорологӣ, норасоии об ва дар натиҷа, боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, густариши бемориҳои сироятkунанда ва афзоиши фавти модару кӯдак, аз мо саъю талоши бештар ва дар ин арса андешидани тадбирҳои марбутаро тақозо доранд. Зеро таҳдидҳои зикршуда имкон надоданд, ки ҳадафу вазифаҳои Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" пурра татбиқ карда шаванд.

Бо дарназардошти ин, пешниҳод менамоям, ки Даҳсолаи дуюми байналмилалӣ таҳти шиори "Об ба хотири рушди устувор" эълон карда шавад.

Итминон дорам, ки мо бо эълони даҳсолаи навбатӣ татбиқи амалии тадбирҳои нақшавиро дар чаҳорчӯбаи Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт" идома медиҳем ва онҳоро ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор бо саъю талошҳои нав ғанӣ месозем. Мо умедворем, ки ин пешниҳод аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ хоҳад ёфт.

**Хонумҳо ва ҷанобони муҳтарам,**

Дар фарҷоми суханронӣ лозим медонам ёдрас намоям, ки тибқи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони "Даҳсолаи байналмилалии амалиёт "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015 ва талошҳои минбаъда ба хотири расидан ба рушди устувори захираҳои об", ки моҳи декабри соли гузашта қабул шуда буд, 9-11 июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба натиҷаҳои татбиқи даҳсолаи номбурда дар назар аст.

Фикр мекунам ки, дар чаҳорчӯбаи Конфронси Душанбе бо иштироки намояндагони кишварҳо, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва бахши хусусӣ чараёни татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт" ҳамаҷониба арзёбӣ гардида, вазифаҳои навбатӣ дар самти дастёбӣ ба рушди устувор дар соҳаи захираҳои об муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз фурсат, бори дигар аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро даъват менамоям, ки дар ин чорабинии байналмилалӣ ширкат варзанд ва дар кори муваффақи он саҳм гузоранд.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.

***12 апр 15/Корея***

# **Паёми Президенти кишвар –** роҳнамои саодати мардум



*Агар оила ба тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро солиму солеҳ ба воя расонад ва дар ташаккули шахсияташон дар хонавода аҳамияти бештар диҳад, чунин фарзанд дар ҷомеа ҳатман мавқеи худро пайдо карда, боғи падару модар мегардад ва нафъаш ба падару модар ва кишвар зиёдтар мерасад.*

Эмомалӣ Раҳмон

Барои ҳар давлати соҳибистиқлол тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа, махсусан ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ зарурати бебаҳс дар замони пурталотуми имрӯза маҳсуб мегардад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва ватанпарастӣ ин кори басо муҳим ва бомашаққате мебошад, ки ба он ҳам давлат ва ҳам ҷомеа ниёзманд мебошанд. Баъд аз ба даст овардани истиқлолият миллати тоҷик бо роҳбарии Президенти ватанпарвар ва дурандеши худ тамоми талошҳоро ба хотири нигоҳ доштани якпорчагии давлат ва ваҳдати миллат ба харҷ дод. Тоҷикистони ҷавон бояд дар ин майдони пуртуғёни таърих имтиҳони басо сахт месупорид.

Хушбахтона, имрӯз халқи тоҷик тамоми он барномаҳоеро, ки Сарвари давлат пешниҳод карда буд ва пешниҳод менамояд, бо ҷидду ҷаҳди ватанпарастона амалӣ месозад. Дар ҳар паёми худ Президент нуктаҳои муҳимми таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва якпорчагии кишварамонро таъкид намуда, роҳҳои амалӣ сохтани барномаҳои давлатии баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии аҳолии мамлакатро пешниҳод мекунанд. Агар ҳарсола паёмҳоро аз назар гузаронем, баръало мебинем, ки он нуктаҳои аз ҷониби Сарвари давлат ироа гашта, тадриҷан амалӣ мегарданд. Мисоли он - таҳкими ҳарчи бештари истиқлолият, якпорчагии давлат, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, сохтани иншоотҳои калони стратегӣ, тадриҷан барпо кардани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷавонон ва монанди инҳо, ки ҳама шоҳиди марҳила ба марҳила амалӣ шудани чунин барномаҳо мебошанд. Паёми соли 2014 аз паёмҳои пешина хеле фарқ мекард ва ин вобаста аз он таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳони имрӯза мебошад, ки муносибатро ба сиёсати на танҳо беруна, балки дохилии кишвар низ пурра тағйир медиҳад. Тоҷикистони имрӯза аз Тоҷикистони 10-15 соли пеш фарқи калон дорад. Сарфи назар аз мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ,

дар ин марҳилаи тақдирсози хеш, Тоҷикистон тавонист асосҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократии худро, ки дар Конститутсияи кишвар дарҷ шудааст, нигоҳ дорад. Сатҳи некӯаҳволии халқ рӯз аз рӯз беҳтар шуда, сохтмони иншоотҳои бузург, биноҳои баландошёна, роҳҳои васеъ ва мумфарш, мактабҳо ва муассисаҳои фароғатӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки имконияти халқ беҳтар шудааст ва рушди босуботи ҷомеа имкон медиҳад, то ҳар як фарди ҷомеа барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии худ ғайрат намояд. Ҷорӣ намудани дастовардҳои илму технологияи замонавӣ низ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад. Ба хусус, таваҷҷуҳ ба рушди илму маориф хеле бештар шуда, ин соҳаҳо ба соҳаҳои афзалиятнок табдил меёбанд. Имрӯз ҳар як фарзанди тоҷик имкон дорад, ки на фақат дар дохили кишвар, балки берун аз он дар донишгоҳҳои машҳури сатҳи ҷаҳонӣ дониш омузад ва соҳиби касбу ихтисос гардад. Ташкил намудани Маркази миллии тестӣ имконияти ҷавонони моро барои дастрасӣ ба маълумоти олӣ боз ҳам зиёд намуд. Зикри як мисол кофист, ки аз таваҷҷӯҳи давлат гувоҳии равшан медиҳад. Масалан, аспирантону докторантони Академияи илмҳо тавонистанд аз ҳисоби буҷети давлат дар мактабҳои олии бонуфузи Россия дифои рисола намоянд ва дар навбати худ Раёсати Академияи илмҳои кишвар ҷавононеро, ки пеш аз мӯҳлат дифои рисола намуданд, бо маблағҳои зарурӣ ҳавасманд мегардонад.

Дар Паёми соли 2014-и Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии

> *Аз хиёнат ба Ватану падару модар гуноҳи азиму бузургтаре нест. Аз ин рӯ ба падару модарон, аҳли ҷомеа муроҷиат менамоям, ки дар тарбияи фарзандон саъю талош намоед, онҳоро беназорат намонед, ҳамеша барои таҳсили онҳо монеа эҷод накунед ва пеши ҳар гуна амалҳои нодурусти онҳоро гирифта, фарзандони лоиқи давронро тарбия намоед.*
>
> Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки "мо хуб дарк мекунем, ки бо дарназардошти таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза ва мушаххасоти геополитикии он, инчунин манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллӣ рӯ ба рӯйи мушкилот ва вазифаҳои бузургтаре қарор дорем, ки ҳалли онҳо аз ҳар яки мо диди амиқи стратегӣ, иродаи матин, зиракии сиёсӣ ва амали ниҳоят санҷидаву масъулонаро талаб менамояд ". Ба андешаи мо, ин даъвати Президенти кишвар метавонад барои ҳар як фарди ҷомеа барномаи амал бошад, зеро имрӯз ҷаҳон ба як гирдоби пурхавфи экстремизму терроризм дучор гаштааст, ки зиракии сиёсӣ ва тақвияи ҷаҳонбинии илмиро тақозо менамояд ва ин ҳамоҳангсозии тамоми унсурҳои давлатӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла диниро низ барои ташаккули ҳисси ватанпарастии ҷавонон талаб менамояд. Мо бояд ҷавононро дар рӯҳияи иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳифзи манфиати Ватан тарбия намоем. Чунин тамоюл бояд манфиатҳои миллату давлат ва ҷомеаро дар назар дошта сиёсати дохилию берунии давлатро дастгирӣ намояд. Хусусияти имрӯзаи рӯҳияи ватанпарастӣ бояд чӣ гуна бошад? Рӯҳияи ватанпарастӣ бояд дар асоси арзишҳои баланди миллӣ холӣ аз ҳар гуна таассубҳои динӣ дар заминаи анъанаҳои миллӣ, асосҳои демокративу дунявӣ сурат гирад. Тарбияи насли ҷавони миллат, ки барои таъмини якпорчагии кишвар ва эҳтироми таъриху фарҳанг омода бошад, мероси маънавии халқи худро ҳифз созад, оила ва арзишҳои баланди ахлоқиро муқаддас шуморад, кори бағоят муҳим аст. Ин амр бояд инъикоси ягонагии фарҳанги тамоми унсурҳои ҷомеаи тоҷик бошад. Асоси бунёди чунин рӯҳия пеш аз ҳама ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷавонон мебошад. Бояд гуфт, ки солҳои охир дар байни ҷавонони мо таъсири андешаҳои ифротии динӣ бештар шудааст, ки ин аз як тараф таъсир аз берун бошад, аз тарафи дигар баъзе унсурҳои тундрави дохилӣ, ки манфиатҳои гурӯҳии худро аз манфиатҳои давлату миллат боло мегузоранд, дастгирӣ меёбад. Сарвари давлат доимо дар баромаду паёмҳои худ пуштибонӣ аз озодии виҷдонро амри зарурӣ дониста, ҳамзамон дар баробари риояи аҳкоми дини мубини ислом ба ҳифзи арзишҳои муҳимми дунявият ва дахлнопазирии аслҳои Конститутсия даъват менамоянд. Дин набояд монеаи пешрафти ҷомеа гардад.

Имрӯз, ки мо дар асри XXI қарор дорем, бояд шуури мардуми худро аз таъсирҳои манфии ифротгароиҳои динӣ ҳифз намоем. Таъкидҳои Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша бар он аст, ки замон дигар шудааст ва барои нигоҳ доштани миллати худ бояд ҳамқадам бо замона бошем. Аз анъанаҳои фарҳанги миллати хеш, ки барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ равона шудаанд, оқилона истифода барем. Халқи тоҷик намояндаи мазҳаби Абуҳанифа мебошад, ки яке аз унсурҳои таълимоти ӯро инсондӯстӣ ташкил менамояд. Дар замони муосир бояд вазифаҳои ахлоқии дин, ки тозагии зоҳириву ботинии инсон, инсондӯстӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон ва занон, мустаҳкамии асосии оиларо собит месозанд, дар мадди аввал қарор гиранд. Талқини ақидаҳои кӯҳнашудаи асримиёнагӣ дар замони муосир ба пешрафти ягон миллат ва пойдории дини ӯ мусоидат намекунад. Баъзеҳо боз мехоҳанд ҳамон амали солҳои пешинро, ки мардумро ба кофару мусулмон ҷудо карда, низоъ меангехтанд, такрор намоянд. Пешгирии чунин даъватҳои тундрав танҳо аз роҳи илм ва касби донишу ҳунар имконпазир аст. Ба ибораи дигар, тавре ки маълум аст, рушди босуботи ҷомеа аз ташаккули синфи миёна вобаста мебошад. Чӣ қадаре ки дар ҷомеа миқдори намояндагони синфи миёна зиёд шаванд, ҳамон қадар ҷомеа устувортар хоҳад гашт.

Аз ҳамин ҷиҳат Сарвари кишвар дар паёмҳои худ доимо баланд бардоштани обрӯи илмро дар ҷомеа таъкид менамоянд. Дар Паёми соли 2014 дарҷ шудааст, ки “дар сиёсати иҷтимоии кишвар соҳаи илму



*Имрӯз ҳар як фарзанди тоҷик имкон дорад, ки на фақат дар дохили кишвар, балки берун аз он дар донишгоҳҳои машҳури сатҳи ҷаҳонӣ дониш омӯзад ва соҳиби касбу ихтисос гардад.*

маориф дар оянда низ ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ боқӣ монда, Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди он тамоми имконоти худро истифода мебарад ва маблағгузории соҳаро ҳамасола ба таври назаррас афзоиш медиҳад”.

Инчунин таъкид шудааст, ки бояд мақоми омӯзгор аз сари нав дар ҷомеа барқарор шавад ва ин комилан дуруст аст, зеро танҳо илм метавонад роҳи паҳн шудани радикализми динӣ ва ҳар гуна амалҳои зароварро гирад. Дар асоси ин нуктаи муҳим, ки дар Паёми Президент омадааст, ҳангоми ислоҳоти маориф зиёд намудани соатҳои фанҳое, ки ҷаҳонбинии илмиро васеъ менамоянд, бояд ба назар гирифта шавад. Зиёд кардани соатҳои фанҳои мантиқ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, этика, эстетика дар мактабҳои олӣ, боиси ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва мафкураи солими ҷавонон мегардад. Президенти давлат борҳо дар

баромадҳои худ таъкид менамоянд, ки дар ҷаҳони имрӯза танҳо тавонистани хондану навиштан, нишонаи босаводӣ нест. Ҳар як ҷавони тоҷик бояд на камтар аз ду забонро донад ва технологияи компютериро аз худ намояд. Дар партави ин даъватҳо мо бояд насли ҷавонро босавод тарбия намоем. Саводи кофӣ бештар бо хондани китоб ба даст меояд. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем дониши худро васеъ намоем. Ҳар як падару модар ва омӯзгор вазифадор аст, ки кӯдаки худро чунон тарбия намояд, ки хондани китоброро дӯст дорад. Дар мактабҳои миёна аллакай хонандаро ба хондани китобҳои фалсафӣ бояд ҷалб намоем, зеро агар мо хоҳем, ки ҷаҳонбинии илмиро дастгирӣ намоем, яке аз роҳҳои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ин фикррони фалсафӣ ва мантиқӣ мебошад. Шахси соҳибмаърифат ҳеҷ гоҳ аз дунболи равияҳои ифротгаро намеравад. Як нуктаро бояд таъкид кард, ки дар ҳама давру замон омӯзиш ва касби дониш садоқату матонат талаб мекунад ва тай кардани роҳи илм роҳи осон нест. Дониш боиси васеъ шудани ҷаҳонбинӣ мегардад. Танҳо фалсафаю мантиқ роҳи маърифати ақлгароиро боз мекунанд.

Гузаштагони мо доимо таъкид мекарданд, ки барои як ҷавон ва ё духтар чил ҳунар кам аст. Роҳи дигари сади радикализм шудан ин ҳунаромӯзӣ мебошад. Хушбахтона, бо дастгирии Президенти муҳтарамамон имрӯз миқдори мактабҳои махсуси касбӣ зиёд шуда истодааст. Масалан, мактаби умумиҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии ш.Истаравшан, ки бо ташаббуси Президенти кишвар имрӯз фаъолияти худро шурӯъ намудааст, барои эҳёи ҳунарҳои зебо ва миллии халқамон нақши муҳим хоҳад бозид. Бояд аз бар кардани касб вазифаи аввалиндараҷаи ҷавонон бошад. Падару модаронро лозим аст, ки барои аз худ намудани ягон касб аз тарафи писару духтари хеш кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар тӯли таърихи ҳазорсолаи хеш тоҷикон бо ҳунарҳои волои худ аз ҷумла косибӣ, оҳангарӣ, санъати меъморӣ, санъати ҳарбӣ (сохтани тамоми намудҳои корду шамшерҳо), кандакорӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, пазандагӣ ва ғайра шӯҳрат пайдо намуда буданд, зеро касб ин манбаи даромаду баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мебошад.

Имрӯзҳо чунин сару садоҳое ҳастанд, ки гӯё сабаби ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ҳамроҳ шудани баъзе аз шаҳрвандони мо ин камбизоатӣ мебошад. Профессори булғорӣ, доктори илмҳои сиёсатшиносии Донишгоҳи София Татяна Дронзина иброз медорад, ки “сабаби ба гурӯҳҳои радикалии динӣ ҳамроҳ шудани баъзе аз қазоқон ин паст будани сатҳи камбизоатӣ нест” , мо низ мӯътақидем, ки сабаби ин паст будани маърифат ва надоштани касб мебошад. Шахсе, ки ягон чиз меофарад, ба вайронкунӣ даст намезанад. Шахсе, ки дар ҳақиқат дорои маърифат мебошад, ҳар озодии иродаи инсон ва боварии ӯро ҳамчун падидаи олӣ шуморида, ба ҷони инсон қасд намекунад.

Бинобар ин зарур аст, ки ҳар падару модари тоҷик барои баланд бардоштани ҳисси ватандорӣ дар донишомӯзиву касбазхудкунии фарзанди худ кӯшиш ба харҷ диҳад, дар ҷавонон хоҳиши дар Тоҷикистон зиндагӣ кардан ва тақдири худро бо он пайваст намуданро талқин диҳад. Суханони дар Паёми соли 2014 зикр намудаи Сарвари давлатамон дар ин бора, ки “....таърихи начандон тӯлонии давлатдориамон собит менамояд, ки ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, ҳимояи амният ва манфиатҳои милливу давлатӣ, устувор гардонидани ваҳдати миллӣ ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеа, инчунин таъмин намудани рушди иқтисоди кишвар ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити торафт вусъат пайдо кардани бархӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпарвар мебошад”. Барои муттаҳидии ҳамаи қишрҳо ва ҳаракатҳои ҷомеаи мо, аз як гиребон сар бароварда, кору зиндагӣ кардан ва Ватани ободу зиндагии шарофатмандро бунёд кардан дастури хирадмандона ва дилсӯзона ба ҳамаи афроди ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

***Н.Содиқова***

# ДАСТОВАРДҲОИ пурарзиши Тоҷикистон
## дар соли Мавлоно Ҷомӣ (2014)

*(Идома)*



*Мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон*

Дар робита ба татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар соли 2014 бояд тазаккур дод, ки дар ин соли наку сиёсати "Дарҳои боз"-и Ҳукумати кишвар басо боровар буд. Тайи ду сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон як зумра санадҳои басо муҳим ба имзо расид, ки қариб ба ҳаҷми 10 млрд. долл. ИМА сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистонро дар назар дорад. Бори дигар метавон таъкид дошт, ки ба ин далел соли 2014-ро метавон соли қадамҳои устувор дар эҳёи Шоҳроҳи Абрешим номид.

Дар маҷмӯъ бошад, хотиррасон бояд намуд, ки, ғайр аз ин сафарҳо, дар соли 2014 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон се сафари корӣ ба Федератсияи Россия, як сафари расмӣ ва як сафари корӣ ба Ҷумҳурии Белорус, як сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сафари расмӣ ба Мамлакати Бахрайн ва сафари давлатӣ ба Малайзия анҷом дод.

> *Бо қарори Шӯрои илмии Донишгоҳи Лимкоквинг Эмомалӣ Раҳмон бо унвони профессори фахрии ин донишгоҳ сарфароз гардонда шуд.*

Ҳамчунин роҳбарони шаш давлати ба мо дӯсту шарики дигар, аз ҷумла Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, Президенти Ҷумҳурии Латвия Андрис Берзинш, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Рӯҳонӣ, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ва Президенти Ҷумҳурии Чехия Милош Земан сафарҳои расмӣ ба Тоҷикистон анҷом доданд.

Рӯйдоди аз ҳама хотирмон дар самти таҳким ва густариши робитаҳои хориҷии Тоҷикистон раисии давлати мо дар Созмони ҳамкории Шанхай ва баргузор шудани ҳамоиши сарони давлатҳои аъзои ин созмони бонуфузи ҷаҳон дар шаҳри Душанбе буд.



*Шоми дӯстӣ ба истиқболи Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва ҳамсари ӯ хонум Пен Лиюан*

Аз се сафари корӣ ба Федератсияи Россия яке барои иштирок дар маросими кушодашавии бозиҳои XXII зимистонаи олимпӣ дар шаҳри Сочи, дувумӣ барои мулоқоти ғайрирасмии сарони кишварҳои Тоҷикистон, Арманистон, Беларус, Россия ва Қирғизистон ва савумӣ дар охири сол ба хотири иштирок дар ҷаласаи навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ буд.

Боздид аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба хотири анҷом додани сафари расмӣ ва иштирок дар чорабиниҳои бахшида ба панҷумин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз буд, ки дар пойтахти ин кишвар шаҳри Кобул баргузор гардид.

Маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни Арки Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо шукӯҳи хоса баргузор гардид.

*Дар робита ба татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар соли 2014 бояд тазаккур дод, ки дар ин соли наку сиёсати "Дарҳои боз"-и Ҳукумати кишвар басо боровар буд.*

Масъалаҳои вобаста ба муносиботи дӯстона ва ҳамкории судбахши ду кишвари ҳамсоя дар мулоқоти хоса оғоз ёфта, зимни музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои ду ҷониб идома ёфт.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ, санадҳои нави ҳамкории дуҷониба ба имзо расид.

Зимни нишасти матбуотӣ сарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳомид Карзай аз натиҷаҳои мулоқоту музокирот, фазои дӯстию ҳамкорӣ ва дурнамои робитаҳои судбахши ду кишвари ҳамсоя изҳори қаноатмандӣ карданд.

Дар доираи сафари расмӣ ба Афғонистон, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо Раиси Маҷлиси намояндагони (парлумони) ин кишвар Абдуррауф Иброҳимӣ ва Вазири молияи он Ҳазрат Умар Захилвол мулоқотҳои судбахш анҷом дод.

Гузашта аз ин, дар шаҳри Кобул Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар се чорабинии муҳимми байналмилалию минтақавӣ иштирок ва суханронӣ намуд.

Инҳо тантанаҳои марказии бахшида ба ҷашни 5-уми Наврӯзи байналмилалӣ ва ҳамоишҳои сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ва чорҷонибаи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон буд.

Мавзӯҳои асосии ҳамоишҳои сеҷониба ва чаҳорҷонибаи роҳбарони кишварҳои мазкур баррасӣ ва тасмимгириҳои муштарак доир ба таҳкими амну субот дар минтақа ва дарёфти роҳҳои татбиқи лоиҳаҳои бузурги зербиноӣ дар бахшҳои энергети-

ка, нақлиёту коммуникатсия, аз ҷумла доир ба бунёди роҳҳои оҳану мошингард, кашидани хатҳои интиқоли барқ ва лӯлаҳои нафту газ, об ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз буданд.

Зимни сафари расмии Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳаммадов ба Тоҷикистон пас аз анҷоми мулоқоту музокирот, ки дар Қасри Миллат баргузор гардид, 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Сарони ду давлат – Эмомалӣ Раҳмон ва Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ба натиҷаи мулоқоту музокирот баҳои баланд дода, ба дурнамои рушди муносибот ва ҳамкории Тоҷикистону Туркманистон изҳори хушбинӣ карданд.

Дар ҷараёни сафари якуми корӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки ҳадафи асосӣ аз он иштирок дар вохӯрии сарони давлатҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё буд, Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва намояндагони гуногуни сохторҳои ҳукуматӣ ва соҳибкории ин кишвари бузург мулоқотҳои судманд анҷом дод.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин Тоҷикистонро "ҳамсояи наку, дӯсти хуб ва шарики боэътимоди стратегӣ" номида, аз рушди ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун изҳори қаноат кард.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки 2 сол боз ҳаҷми гардиши мол миёни Тоҷикистону Чин аз 2 млрд. долл. ИМА боло меравад ва солҳои наздик аз ҳадди 3 млрд. ҳам бояд боло равад.

Мулоқотҳои дигар бо раиси Шӯрои директорони ширкати Зиҷин Майнинг Ван Ҷенхуа, роҳбари ширкати TBEA Чжан СИН, раиси Кумита оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, узви Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Мин Чен Чжу, ноиби Президенти ширкати миллии нафтии Чин, роҳбари ширкати Чайна Петролиум Ван Дун Чен, роҳбари ширкати Ҳайчен групп Ҳуан Ҷянжун, узви Бюрои сиёсии марказӣ, котиби Кумитаи ҳизбии Ноҳияи Мухтори Синзяну Уйғур Чжан Чунсиан анҷом ёфт.



*Оғози сафари расмии Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ба Тоҷикистон*

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Беларус ҳам басо пурмаҳсул буд, зеро мулоқоту музокироти сатҳи олӣ бо имзои 10 санади нави ҳамкорӣ анҷом пазируфт.

Дар охир Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус аз ҷониби сарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Александр Лукашенко ба имзо расид.

Зимни изҳороти матбуотӣ роҳбарони ду давлат ба натиҷаҳои гуфтушунид баҳои баланд дода, дурнамои густариши робитаҳоро басо умедворкунанда номиданд. Аз ҷумла зикр гардид, ки муҳоҷирони кории тоҷик ба бахшҳои кишоварзӣ, мошинсозӣ ва дигар корхонаҳои саноатии Беларус васеъ бояд ҷалб карда шаванд. Тавре Александр Лукашенко изҳор дошт: "Ҷумҳурии Беларус ба ҷалби васеи қувваи корӣ аз Тоҷикистон манфиатдор аст".

Зимни мулоқот бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи Давлатии Беларус бо қарори Шӯрои илмии ин муассисаи олии таълимӣ Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо унвони "Профессори фахрӣ"-и ин донишгоҳ сарфароз гардонида шуд.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ



*Мулоқоти музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Баҳрейн*

Раҳмон ба Мамлакати Баҳрайн ба ташкил ва густариши робитаҳои судбахш бо ин кишвари пешрафтаи ин минтақа раҳкушо шуд.

Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди қасри Суҳайри Подшоҳи Мамлакати Баҳрайн баргузор гардид.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Подшоҳи Мамлакат шайх Ҳамад ибни Исо оли Халифа истиқбол гирифта, ба болои минбари ифтихорӣ даъват намуд. Маросими истиқболи расмӣ бо саф кашидани ҷузъҳои Горди фахрии Подшоҳ, садо додани оҳанги сурудҳои миллии ду кишвар, гузашт аз назди қатори афсарону сарбозон, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии кишвари мизбон ва шиносоӣ бо ҳайатҳои фахрии ду ҷониб ҷараён гирифт.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокирот миёни ду кишвар 7 санади ҳамкорӣ ба имзо расид. Дар охир сарони ду давлат бо мукофотҳои олии давлатӣ сарфароз гардонида шуданд.

> *Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Мамлакати Баҳрайн ба ташкил ва густариши робитаҳои судбахш бо ин кишвари пешрафтаи ин минтақа раҳкушо шуд.*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо волотарин мукофоти давлатии Баҳрайн “Ал-Қилод ал-Халифӣ” (ордени Подшоҳӣ) сарфароз гардид. Ба Подшоҳи Мамлакати Баҳрайн шайх Ҳамад ибни Исо оли Халифа ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 супурда шуд.

Зимни сафари расмӣ ба Мамлакати Баҳрайн, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо раисони ҳарду палатаҳои парлумон, роҳбарони бузургтарин бонкҳои кишвар ва дигар шахсиятҳои воломақом мулоқотҳои судбахш анҷом дода, дар форуми соҳибкорону тоҷирони ду кишвар иштирок намуд. Дар форуми соҳибкорӣ аз ҳарду ҷониб беш аз 200 нафар соҳибкорону тоҷирон ба ҳам омаданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиш суханронӣ намуда, шахсан фазои сиёсӣ ва ҳуқуқии соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистонро ба соҳибкорони бонуфузи Баҳрайн муаррифӣ кард ва онҳоро ба ташкил ва густариши ҳамкории ба ҳарду ҷониб судбахш даъват намуд.

Мулоқоту суҳбатҳои зиёд бевосита миёни соҳибкорону тоҷирони ду кишвар баргузор шуд, ки зимни онҳо тавофуқоти бисёри ҳамкорӣ ҳосил шуд.

Дувумин роҳбари давлатӣ хориҷӣ, ки дар соли 2014 ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод, Президенти Ҷумҳурии Латвия Андрис Берзинш буд.

Хотиррасон бояд намуд, ки

миёни Тоҷикистону Латвия фазои хуби сиёсӣ ва заминаи мусоиди қарордодию ҳуқуқии ҳамкорӣ мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин пас аз мулоқоту музокироти навбатии сатҳи олӣ миёни ду кишвари дӯст 4 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки ба густариши минбаъдаи робитаҳои судбахш мусоидат хоҳанд кард.

Сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ҳам ба Тоҷикистон пурсамар буд.

Бо изҳори ҳавасмандӣ ба тавсиаи робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ зарурати саҳл намудани имконоти ҳамлу нақл ва транзитӣ, дарёфти роҳҳои нави иртиботӣ таъкид гардид.

Ҳарду ҷониб доир ба авзои кунунӣ дар минтақа ва ҷаҳон ва хатарҳои терроризму ифротгароӣ табодули назар намуда, ҳавасмандии амиқи худро ба таҳкими ҳамгироии минтақавӣ бар зидди чунин таҳдидҳои ҷаҳони муосир таъйид намуданд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокирот миёни ду кишвар 5 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Моҳи июни соли 2014 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Малайзия сафари давлатӣ анҷом дод, ки басо пурсамар буд.

Сафари давлатӣ бо баргузории маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар саҳни Парлумони ин кишвар оғоз ёфт.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва бонуи аввали кишвари моро Подшоҳи Малайзия, волоҳазрат Абдулҳалим Муаззам, Шоҳбону ва Сарвазири кишвари мизбон Наҷиб Абдурразоқ бо



*Оғози мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон дар Қасри миллат*

*Моҳи октябр дар шаҳри Душанбе нахустин анҷумани сармоягузории Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) барои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд,*

ҳамсараш истиқбол гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Подшоҳи Малайзия волоҳазрат Абдулҳалим Муаззам, Шоҳбону ва Бонуи аввали Тоҷикистон ба болои минбари подшоҳӣ гузаштанд ва сурудҳои миллии ду кишвар садо доданд.

Дар ин ҳангом ба ифтихори нахустин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Малайзия ҳамчунин аз тӯпхонаҳо 21 шиллик паронда шуд.

Масъалаҳои вобаста ба рушди минбаъдаи муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории ду кишвар нахуст дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Малайзия Наҷиб Абдураззоқ баррасӣ шуд.

Доир ба рушди ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию сармоягузорӣ, тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.



*Дидору мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин дар ҳамоиши сатҳи олии Созмони ҳамкории Шанхай*

Ҳамкорие, ки миёни Тоҷикистону Малайзия дар соҳаи энергетика, аз ҷумла барои сохтмони як маркази барқугармидиҳӣ бо истифода аз ангишти маҳаллӣ дар шаҳри Исфара ба роҳ монда шудааст, оғозбахши робитаҳои фароҳи иқтисодию сармоягузории ду кишвар номида шуд.

Наҷиб Абдурраззоқ пешниҳодҳои Эмомалӣ Раҳмонро доир ба ташкили комиссияи муштараки ҳамкорӣ ва боздид аз Тоҷикистон хуш пазируфта, ин тадбирҳоро омили муҳимми густариши робитаҳо миёни ду кишвар номид.

Ба рушди ҳамкорӣ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ ҳавасмандии ҳарду ҷониб таъкид гардид.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ як зумра санадҳо ба имзо расид, ки ба густариши заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистону Малайзия асос мегузоранд.

Зимни сафари давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо Подшоҳи Малайзия волоҳазрат Абдулҳалим Муаззам ва собиқ Сарвазири Малайзия Маҳатҳир Муҳаммад вохӯриҳои судбахш анҷом дод.

Яке аз бандҳои муҳимми барномаи сафари давлатӣ ба Малайзия, иштирок дар анҷумани соҳибкорони бонуфузи ду кишвар буд, ки дар он наздики 300 нафар аз ду ҷониб ҳузур доштанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон шахсан ва бевосита имкониятҳои васеи ташкил ва густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро муаррифӣ намуд.

Зимни анҷуман ҳамчунин соҳибкорону тоҷирони Тоҷикистону Малайзия мулоқоту гуфтушунидҳои зиёди рӯ ба рӯ анҷом дода, робитаҳои мустақим барпо намуданд.

Дар охири анҷуман миёни Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ва Палатаи савдо ва саноати миллии Малайзия Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар шаҳри Путраҷая, ки пойтахти нави Малайзия ба шумор меравад, Сарвари давлати Тоҷикистон бо дастовардҳои намоёни он шинос шуд.

Зимни шиносоӣ ва суҳбатҳои судманд ду ҷониб ба қарор омаданд, ки дар шаҳри Путраҷая Сафорати Тоҷикистон ифтитоҳ ёбад. Ҷониби Малайзия изҳор дошт, ки то бунёд ёфтани бинои алоҳида онҳо ба сафорати мо қароргоҳи муваққатии иҷоравӣ пешкаш мекунанд ва се соли аввал бе пардохти иҷорапулӣ. Дар баробари ин, барои бунёди бинои алоҳидаи Сафорати Тоҷикистон дар Малайзия замин ҷудо карда шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки аз ҳамин рӯз эътиборан Сафорати Тоҷикистон дар Малайзия кори худро шурӯъ намояд.

Дар шаҳри Сайберҷаяи Малайзия Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи технологияҳои нави Лимкоквинг ва донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Малайзия таҳсили илм мекунанд, мулоқот намуд.

Дар вохӯрӣ доир ба ҳамкории кунунӣ ва ояндаи Тоҷикистон бо ин донишгоҳ суҳбати ҷолиб сурат гирифт. Тавре зикр гардид, ин донишгоҳ 8 ҳазор донишҷӯй

дорад ва 80 фоизи он аз кишварҳои хориҷӣ аст. Аз Тоҷикистон бошад, танҳо дар ҳамин донишгоҳи Малайзия наздики 40 донишҷӯйи тоҷик таҳсил мекунанд. Дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ин кишвар беш аз 200 нафар тоҷикон илм меомӯзанд.

Бо қарори Шӯрои илмии Донишгоҳи Лимкоквинг Эмомалӣ Раҳмон бо унвони профессори фахрии ин донишгоҳ сарфароз гардонда шуд.

Миёни Вазорати маорифи Тоҷикистон ва Донишгоҳи Лимкоквинг Ёддошти тафоҳум ба имзо расид, ки тибқи он оянда филиали ин донишгоҳ дар Тоҷикистон бунёд хоҳад ёфт.

Дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Тоҷикистон, ки чорабиниҳои марказиаш дар Қасри Миллат баргузор гардид, барои таҳким ва густариши робитаҳои судбахши ояндадор заминаи хуб гузошта шуд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ маросими имзои санадҳо баргузор шуд, ки зимни он Эъломияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ва 4 созишнома ба имзо расид.

Моҳи октябр дар шаҳри Душанбе нахустин анҷумани сармоягузории Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) барои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд, ки дар он масоили ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати кишоварзӣ, нақлиёт, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, маориф, илму техника, сайёҳӣ ва тандурустӣ баррасӣ шуд.

Барои иштирок дар ин анҷуман намояндагони кишварҳои аъзои СҲИ, ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, сохторҳо оид ба рушди ҳамкорӣ, бахшҳои хусусӣ ва сармоягузорони кишварҳои аъзо ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон меҳмонони олимақом ва ҳамаи иштирокдорони анҷуманро хайрамақдам гуфта, изҳори бовар намуд, ки ҳамоиши номбурда ба таҳким ва рушди минбаъдаи сармоягузорию соҳибкорӣ дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мусоидати фаъол мекунад.

Дар қисмати ифтитоҳии анҷуман ҳамчунин дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Иёд Амин Маданӣ, раиси Бонки исломии рушд Аҳмад Муҳаммад Алӣ, вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Либия Муҳаммад ал-Ғиронӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Мамлакати Арабистони Саудӣ Туркӣ ибни Муҳаммад ибни Сауд ал-Кабир, вазири давлатии Аморoти Муттаҳидаи Араб Абдулло Ғаббош, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Судон Алӣ Аҳмад ал-Картӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Атиқуллоҳ Атифмал ва мудири омили ширкати Қатари Диёр – Тоҷикистон Камол Ҳиҷозӣ суханронӣ намуданд.

Пас аз анҷоми қисмати ифтитоҳии Анҷуман Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон панҷ нафар иштирокдорони воломақоми ин ҳамоишро ба ҳузур пазируфта, суҳбати судбахш анҷом дод, аз ҷумла бо дабири куллии Созмони ҳамкории исломӣ Иёд Амин Маданӣ, раиси Бонки исломии рушд Аҳмад Муҳаммад Алӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Мамлакати Арабистони Саудӣ Туркӣ ибни Сауд ал-Кабир, вазири давлатии Аморoти Муттаҳидаи Араб Абдулло Ғаббош ва муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Атиқуллоҳ Атифмол.

*(давом дорад)*

**А.Шарифзода,**
*доктори илмҳои таърих, профессор.*
**З.Қосимӣ**

# Тангаҳои нави хотиравии

## Бонки миллии Тоҷикистон

**Бонки миллии Тоҷикистон ба ифтихори “600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ”** – шоир, нависанда ва мутафаккири бузурги адабиёти классикии тоҷику форс, **“700-солагии Алӣ Ҳамадонӣ”** – шоир ва файласуфи форсу тоҷик, **“20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”,** се адад танга ба ифтихори **“90-солагии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе”** бо тасвирҳои **“Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ”, “Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ва **“Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** дар маҷмуъ шаш намуд тангаҳои хотиравии арзишашон 500 сомониро, ки аз нуқраи холис сохта шудаанд, барои ҳадафҳои нумизматӣ баровард.




Тангаҳои хотиравӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо истифодаи технологияи навину таҷрибаи пешрафтаи ин соҳа ва бо риояи стандартҳои олии сикказании тангаҳои нумизматӣ дар Сиккахонаи Майер (Олмон) сикка зада шудаанд.

*29 апр 15/Хадамоти матбуоти*
*Бонки миллии Тоҷикистон*


ИҚТИСОДИЁТ
ИҚТИСОДИЁТ
ИҚТИСОДИЁТ
ИҚТИСОДИЁТ
ИҚТИСОДИЁТ
ДАХ СОМОНӢ
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ПАНҶОҲ СОМОНӢ
СОМОНӢ



# Нишондиҳандаҳои алоҳидаи макроиқтисодӣ

| № | Нишондиҳандаҳо | январ-марти 2015 |
|---|---|---|
| 1. | **ММД-и номиналӣ *(млн. сомонӣ)*** | 8 310,0 |
| 2. | **ММД-и ҳақиқӣ *(бо фоиз)*** | 5,3 |
| 3. | **Таварруми моҳона** | 0,8 |
| 4. | **Таваррум аз аввали сол** | 1,5 |
| 5. | **Таваррум дар 12 моҳ** | 6,5 |
| 6. | **Содирот *(млн. долл. ИМА)*** | 214,5 |
| 7. | **Воридот *(млн. долл. ИМА)*** | 751,7 |
| 8. | **Шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда, ҳаз.нафар** | 55,0 |
| | *ба ҳисоби фоиз нисбат ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол* | |
| 9. | **Қурб *(долл. ИМА/сомонӣ)*** | |
| | **охири давра** | 5,8014 |
| | **миёнамоҳона** | 5,5983 |
| | **миёна дар давра** | 5,4497 |
| 10. | **Бақияи пасандозҳо *(дар охири давра, млн. сомонӣ)*** | 7 023,5 |
| | *бо пули миллӣ* | 2 105,5 |
| | *бо асъори хориҷӣ* | 4 918,0 |
| | *шахсони ҳуқуқӣ* | 2 457,5 |
| | *шахсони воқеӣ* | 4 566,0 |
| 11. | **Бақияи қарзҳо *(дар охири давра, млн. сомонӣ)*** | 10 582,1 |
| | *бо пули миллӣ* | 3 931,9 |
| | *бо асъори хориҷӣ* | 6 650,2 |
| | *қарзҳои кӯтоҳмуддат* | 5 342,2 |
| | *қарзҳои дарозмуддат* | 5 239,9 |
| 12. | **Қарзҳои хурди додашуда** | 1 621,7 |
| 13. | **Фоизи миёнавазни пасандозҳо *(мӯҳлатнок)*** | |
| | *бо пули миллӣ* | 15,20 |
| | *бо асъори хориҷӣ* | 11,97 |
| 14. | **Фоизи миёнавазни қарзҳо** | |
| | *бо пули миллӣ* | 23,56 |
| | *бо асъори хориҷӣ* | 20,77 |
| 15. | **Меъёри бозтамвил *(бо фоиз)*** | |
| | *дар охири давра* | 8,00 |
| | *дар давра* | 8,00 |

*Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон*



# Нархи миёнаи маҳсулот дар ҷумҳурӣ ба 30 апрели 2015

| № | Номгӯйи маҳсулот | воҳиди ченак | шаҳрҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Душанбе | Хуҷанд | Қӯрғон-теппа | Кӯлоб | Ғарм | Хоруғ | Нархи миёна дар ҷумҳурӣ |
| 1 | Картошка | кг | 2,10 | 3,20 | 2,20 | 2,00 | 2,10 | 3,00 | 2,43 |
| 2 | Карам | кг | 3,50 | 4,10 | 1,80 | 2,00 | 2,50 | 4,00 | 2,98 |
| 3 | Пиёз | кг | 2,20 | 3,20 | 2,00 | 2,00 | 3,50 | 4,00 | 2,82 |
| 4 | Сабзӣ | кг | 2,00 | 1,70 | 2,00 | 2,00 | 2,00 | 3,00 | 2,12 |
| 5 | Биринҷ | кг | 8,00 | 7,80 | 6,50 | 7,00 | 9,00 | 10,00 | 8,05 |
| 6 | Равғани пахта | литр | 7,60 | 7,90 | 8,00 | 8,00 | 9,00 | 11,00 | 8,58 |
| 7 | Равғани маска | кг | 30,00 | 33,20 | 22,00 | 22,00 | 16,00 | 42,00 | 27,53 |
| 8 | Гӯшти гов | кг | 34,50 | 32,30 | 32,00 | 32,00 | 33,00 | 29,00 | 32,13 |
| 9 | Гӯшти гӯсфанд | кг | 36,00 | 37,50 | 35,00 | 34,00 | 34,00 | 30,00 | 34,42 |
| 10 | Гӯшти мурғ | кг | 13,00 | 11,80 | 13,50 | 12,00 | 14,00 | 13,00 | 12,88 |
| 11 | Ҳасиб | кг | 10,00 | 11,00 | 10,00 | 11,00 | 14,00 | 15,00 | 11,83 |
| 12 | Шир | литр | 4,00 | 3,10 | 3,00 | 3,50 | 5,00 | 5,00 | 3,93 |
| 13 | Асал | кг | 40,00 | 25,00 | 43,00 | 40,00 | 33,00 | 50,00 | 38,50 |
| 14 | Тухм | 10 дона | 6,75 | 5,90 | 7,00 | 8,00 | 7,00 | 8,00 | 7,11 |
| 15 | Шакар | кг | 5,25 | 5,50 | 5,50 | 5,00 | 5,00 | 6,00 | 5,38 |
| 16 | Макарони маҳаллӣ | кг | 5,00 | 4,70 | 5,00 | 5,00 | 5,00 | 6,00 | 5,12 |
| 17 | Орди навъи якум | кг | 3,30 | 3,40 | 3,40 | 3,60 | 3,60 | 3,60 | 3,48 |
| 18 | Гандум | кг | 2,50 | 2,20 | 2,30 | 2,50 | 3,00 | 3,00 | 2,58 |
| 19 | Нон | кг | 3,20 | 3,00 | 2,80 | 3,00 | 3,50 | 3,00 | 3,08 |
| 20 | Каду | кг | 4,00 | 2,00 | 3,20 | 2,50 | 3,00 | 0,00 | 2,94 |
| 21 | Себ | кг | 8,00 | 6,20 | 8,00 | 6,00 | 11,00 | 10,00 | 8,20 |
| 22 | Нок | кг | 10,00 | 9,10 | 10,00 | 8,00 | 10,00 | 8,00 | 9,18 |
| 23 | Ангур | кг | 13,00 | 8,90 | 15,00 | 8,00 | 15,00 | 15,00 | 12,48 |
| 24 | Нахуд | кг | 7,50 | 9,80 | 8,00 | 7,00 | 7,00 | 9,00 | 8,05 |
| 25 | Мош | кг | 8,00 | 9,00 | 7,00 | 5,50 | 8,50 | 9,00 | 7,83 |
| 26 | Помидор | кг | 7,00 | 10,80 | 8,50 | 10,00 | 13,00 | 12,00 | 10,22 |
| 27 | Бодиринг | кг | 5,50 | 7,40 | 4,50 | 10,00 | 9,00 | 11,00 | 7,90 |
| 28 | Намак | кг | 1,00 | 0,80 | 0,70 | 1,00 | 1,00 | 1,50 | 1,00 |
| 29 | Чой | кг | 12,00 | 12,00 | 13,00 | 7,00 | 10,00 | 10,00 | 10,67 |
| 30 | Семент | кг | 0,88 | 0,90 | 0,84 | 1,00 | 1,10 | 1,20 | 0,99 |
| 31 | Хишти пухта | дона (10) | 6,50 | 7,00 | 9,00 | 9,00 | 0,00 | 0,00 | 7,88 |
| 32 | Собуни хоҷагӣ | дона | 2,10 | 2,00 | 2,10 | 2,50 | 2,50 | 3,00 | 2,37 |
| 33 | Қувваи барқ | 1кВт | 0,1265 | 0,1265 | 0,1265 | 0,1265 | 0,1265 | 0,143 | 0,1293 |
| 34 | Ангишт | кг | 0,70 | 0,70 | 1,00 | 1,17 | 1,20 | 1,20 | 1,00 |
| 35 | Бензини 92 | литр | 4,75 | 4,50 | 4,80 | 4,50 | 4,80 | 5,00 | 4,73 |
| 36 | Гази моеъ | литр | 2,05 | 1,95 | 2,00 | 2,00 | 2,40 | 3,30 | 2,28 |

***Департаменти сиёсати пулии Бонки миллии Тоҷикистон***



# Қурби асъорҳо дар моҳи апрели 2015

| Рамзи асъор | Воҳид | Номи асъор | Кишвар | Рӯзҳо 1 | 10 | 20 | 28 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 036 | 1 | Доллар | Австралия | 4,4260 | 4,6449 | 4,7704 | 5,0214 |
| 944 | 1 | Манат | Озарбойҷон | 5,5709 | 5,6951 | 5,8112 | 5,9589 |
| 826 | 1 | Фунт-стерлинг | Бритониёи Кабир | 8,6229 | 8,8216 | 9,0801 | 9,4847 |
| 051 | 100 | Драм | Арманистон | 1,2395 | 1,2607 | 1,2925 | 1,3176 |
| 971 | 10 | Афғонӣ | Афғонистон | 1,0122 | 1,0374 | 1,0551 | 1,0816 |
| 974 | 100 | Рубл | Белорус | 0,0397 | 0,0417 | 0,0427 | 0,0432 |
| 981 | 1 | Лар | Гурҷистон | 2,6220 | 2,6696 | 2,7116 | 2,7106 |
| 208 | 1 | Крона | Дания | 0,8392 | 0,8706 | 0,8779 | 0,9224 |
| 784 | 1 | Дирҳам | АМА | 1,5902 | 1,6304 | 1,6619 | 1,7038 |
| **840** | **1** | **Доллар** | **ИМА** | **5,8405** | **5,9884** | **6,1041** | **6,2580** |
| **978** | **1** | **ЕВРО** | **Иттиҳоди Аврупо** | **6,2706** | **6,4635** | **6,5467** | **6,7989** |
| 356 | 10 | Рупия | Ҳиндустон | 0,9334 | 0,9615 | 0,9800 | 0,9882 |
| 364 | 1000 | Риёл | Эрон | 0,2102 | 0,2139 | 0,2160 | 0,2206 |
| 352 | 10 | Крона | Исландия | 0,4258 | 0,4408 | 0,4494 | 0,4695 |
| 398 | 10 | Танга | Қазоқистон | 0,3146 | 0,3226 | 0,3285 | 0,3368 |
| 124 | 1 | Доллар | Канада | 4,5701 | 4,7940 | 5,0535 | 5,1726 |
| 417 | 10 | Сом | Қирғизистон | 0,9142 | 0,9372 | 0,9599 | 1,0418 |
| 156 | 1 | Юан | Чин | 0,9421 | 0,9654 | 0,9850 | 1,0095 |
| 414 | 1 | Динор | Кувайт | 19,3908 | 19,8950 | 20,2123 | 20,7013 |
| 458 | 1 | Ринггит | Малайзия | 1,5770 | 1,6496 | 1,6707 | 1,7585 |
| 498 | 1 | Лей | Молдова | 0,3178 | 0,3380 | 0,3381 | 0,3446 |
| 949 | 1 | Лираи Нав | Туркия | 2,2320 | 2,3122 | 2,2697 | 2,3467 |
| 934 | 1 | Манати Нав | Туркманистон | 2,0493 | 2,1012 | 2,1418 | 2,1958 |
| 578 | 1 | Крона | Норвегия | 0,7203 | 0,7479 | 0,7825 | 0,8218 |
| 586 | 10 | Рупия | Покистон | 0,5730 | 0,5875 | 0,6011 | 0,6152 |
| 985 | 1 | Злотий | Лаҳистон | 1,5329 | 1,6175 | 1,6246 | 1,7161 |
| 682 | 1 | Риёл | Арабистони Саудӣ | 1,5570 | 1,5965 | 1,6276 | 1,6688 |
| **810** | **1** | **Рубл** | **Россия** | **0,1004** | **0,1158** | **0,1198** | **0,1215** |
| 960 | 1 | СДР | | 8,0803 | 8,3051 | 8,4256 | 8,7255 |
| 702 | 1 | Доллар | Сингапур | 4,2495 | 4,4211 | 4,5152 | 4,7327 |
| 764 | 1 | Бат | Таиланд | 0,1795 | 0,1840 | 0,1884 | 0,1905 |
| 860 | 100 | Сӯм | Ӯзбекистон | 0,2345 | 0,2399 | 0,2440 | 0,2491 |
| 980 | 1 | Гривна | Украина | 0,2495 | 0,2559 | 0,2839 | 0,2813 |
| 752 | 1 | Крона | Шветсия | 0,6753 | 0,6941 | 0,7060 | 0,7445 |
| 756 | 1 | Франк | Швейтсария | 5,9848 | 6,1937 | 6,3695 | 6,5841 |
| 392 | 10 | Йен | Ҷопон | 0,4852 | 0,4991 | 0,5142 | 0,5268 |

***Департаменти танзими асъори Бонки миллии Тоҷикистон***

ОРИЁНБОНК

## Ҷадвали 1. **Ҳисоботи тавозунии ҶСК "Ориёнбонк" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ, интиҳои давра)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Қисми А. Дороиҳо** | | | | |
| Нақд | 271 341 | 261 329 | -10 012 | -3,7 |
| Гирифтан аз БМТ | 53 489 | 165 887 | 112 398 | 210,1 |
| Гирифтан аз бонкҳои маҳаллӣ | 1 470 | 1 470 | 0 | 0,0 |
| Гирифтан аз бонкҳои хориҷӣ | 39 775 | 55 987 | 16 212 | 40,8 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳои байнибонкӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Коғазҳои қиматнок | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи коғазҳои қиматнок* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Қарзҳо | 931 178 | 1 243 089 | 311 911 | 33,5 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳо* | 186 315 | 285 061 | 98 746 | 53,0 |
| Сармоягузорӣ | 3 512 | 3 512 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи сармоягузорӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Воситаҳои асосӣ | 356 434 | 350 725 | -5 709 | -1,6 |
| Дороиҳои дигар | 41 406 | 65 048 | 23 642 | 57,1 |
| **Ҳамагӣ дар қисми А:** | **1 698 605** | **2 147 047** | **448 442** | 26,4 |
| | | | | |
| **Қисми Б. Ӯҳдадориҳо** | | | | |
| Пардохт ба БМТ | 46 935 | 25 658 | -21 277 | -45,3 |
| Пардохт ба бонкҳои маҳаллӣ | 29 960 | 35 234 | 5 274 | 17,6 |
| Пардохт ба бонкҳои хориҷӣ | 66 497 | 137 049 | 70 552 | 106,1 |
| Амонатҳо | 783 320 | 1 214 840 | 431 520 | 55,1 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 384 982 | 239 830 | -145 152 | -37,7 |
| **Ҳамагӣ дар қисми Б:** | **1 311 694** | **1 652 611** | **340 917** | 26,0 |
| | | | | |
| **Қисми В. Сармоя** | | | | |
| Сармояи пардохташуда ва изофа | 300 000 | 355 823 | 55 823 | 18,6 |
| Захираҳои сармоявӣ | 80 875 | 63 067 | -17 808 | -22,0 |
| Фоида | 6 036 | 75 546 | 69 510 | 1151,6 |
| Қарзҳои субординарӣ | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Ҳамагӣ дар қисми В:** | **386 911** | **494 436** | **107 525** | 27,8 |
| **Ҳамагӣ дар қисмҳои Б ва В:** | **1 698 605** | **2 147 047** | **448 442** | 26,4 |

ОРИЁНБОНК

## Ҷадвали 2. **Ҳисоботи фоида ва зарари ҶСК "Ориёнбонк" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Фоизҳо** | | | | |
| а. Гирифташуда | 35 658 | 129 128 | 93 470 | 2,6 |
| б. Пардохташуда | 19 819 | 27 073 | 7 254 | 0,4 |
| **Холис:** | **15 839** | **102 055** | **86 216** | 5,4 |
| **Хизматрасонии қарзӣ** | | | | |
| а. Даромад | 11 047 | 9 440 | -1 607 | -0,1 |
| б. Хароҷот | 811 | 608 | -203 | -0,3 |
| **Холис:** | **10 236** | **8 832** | **-1 404** | -0,1 |
| **Амалиёт бо коғазҳои қиматнок** | | | | |
| а. Даромад | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **0** | **0** | 0 | 0,0 |
| **Амалиёт бо асъори хориҷӣ** | | | | |
| а. Даромад | 23 306 | 69 224 | 45 918 | 2,0 |
| б. Хароҷот | 9 398 | 9 253 | -145 | 0,0 |
| **Холис:** | **13 908** | **59 971** | **46 063** | 3,3 |
| **Амалиёти ғайритавозунӣ** | | | | |
| а. Даромад | 4 169 | 3 592 | -577 | -0,1 |
| б. Хароҷот | 156 | 129 | -27 | -0,2 |
| **Холис:** | **4 013** | **3 463** | **-550** | -0,1 |
| **Амалиёти дигар** | | | | |
| а. Даромади дигар | 595 | 277 | -318 | -0,5 |
| б. Хароҷоти дигар | 493 | 485 | -8 | 0,0 |
| **Холис:** | **102** | **-208** | **-310** | -3,0 |
| **Тағйироти амалиётӣ** | | | | |
| а. Хароҷоти амалиётӣ | 25 102 | 25 668 | 566 | 0,0 |
| б. Даромад аз коҳиши захираҳо | 40 017 | 96 128 | 56 111 | 1,4 |
| в. Хароҷот аз ташкили захираҳо | 50 965 | 145 170 | 94 205 | 1,8 |
| **Холис:** | **-36 050** | **-74 710** | **-38 660** | -1,1 |
| **Фоидаи пеш аз андоз** | **8 048** | **99 403** | **91 355** | 11,4 |
| **Андоз аз фоида** | **2 012** | **23 857** | **21 845** | 10,9 |
| **Даромад/хароҷоти фавқулодда** | **0** | **0** | **0** | 0,0 |
| **Фоида (+)/зарари (-) соф** | 6 036 | 75 546 | 69 510 | 11,5 |

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДА
СОҲИБКОРБОНК

## Ҷадвали 3. **Ҳисоботи тавозунии ҶСК "Соҳибкорбонк" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ, интиҳои давра)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Қисми А. Дороиҳо** | | | | |
| Нақд | 11 148 | 25 720 | 14 572 | 130,7 |
| Гирифтан аз БМТ | 6 725 | 9 410 | 2 685 | 39,9 |
| Гирифтан аз бонкҳои маҳаллӣ | 150 | 9 387 | 9 237 | 6158,0 |
| Гирифтан аз бонкҳои хориҷӣ | 5 135 | 11 067 | 5 932 | 115,5 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳои байнибонкӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Коғазҳои қиматнок | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи коғазҳои қиматнок* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Қарзҳо | 55 320 | 74 825 | 19 504 | 35,3 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳо* | 233 | 833 | 600 | 257,9 |
| Сармоягузорӣ | 394 | 394 | 0 | 100,0 |
| *Захира аз рӯйи сармоягузорӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Воситаҳои асосӣ | 22 282 | 28 131 | 5 849 | 26,3 |
| Дороиҳои дигар | 7 960 | 13 523 | 5 563 | 69,9 |
| **Ҳамагӣ дар қисми А:** | **109 113** | **172 456** | **63 343** | 58,1 |
| | | | | |
| **Қисми Б. Уҳдадориҳо** | | | | |
| Пардохт ба бонкҳои маҳаллӣ | 34 | 1 008 | 974 | 2855,8 |
| Пардохт ба бонкҳои хориҷӣ | 11 028 | 5 618 | -5 410 | -49,1 |
| Амонатҳо | 42 475 | 92 980 | 50 505 | 118,9 |
| Уҳдадориҳои дигар | 16 104 | 20 934 | 4 830 | 30,0 |
| **Ҳамагӣ дар қисми Б:** | **69 641** | **120 540** | **50 899** | 73,1 |
| | | | | |
| **Қисми В. Сармоя** | | | | |
| Сармояи пардохташуда ва изофа | 35 336 | 41 773 | 6 437 | 18,2 |
| Захираҳои сармоявӣ | -3 535 | 1 844 | 5 378 | -152,2 |
| Фоида | 1 437 | 2 066 | 629 | 43,8 |
| Қарзҳои субординарӣ | 6 234 | 6 234 | 0 | 0,0 |
| **Ҳамагӣ дар қисми В:** | **39 473** | **51 917** | **12 444** | 31,5 |
| **Ҳамагӣ дар қисмҳои Б ва В:** | **109 114** | **172 456** | **63 343** | 58,1 |

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДА
СОҲИБКОРБОНК

## Ҷадвали 4. **Ҳисоботи фоида ва зарари ҶСК "Соҳибкорбонк" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Фоизҳо** | | | | |
| а. Гирифташуда | 3 852 | 5 345 | 1 493 | 38,8 |
| б. Пардохташуда | 1 495 | 2 571 | 1 076 | 72,0 |
| **Холис:** | **2 357** | **2 774** | **417** | 17,7 |
| **Хизматрасонии қарзӣ** | | | | |
| а. Даромад | 1 427 | 1 110 | -317 | -22,2 |
| б. Хароҷот | 159 | 254 | 95 | 59,7 |
| **Холис:** | **1 268** | **856** | **-412** | -32,5 |
| **Амалиёт бо коғазҳои қиматнок** | | | | |
| а. Даромад | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **0** | **0** | 0 | 0,0 |
| **Амалиёт бо асъори хориҷӣ** | | | | |
| а. Даромад | 35 954 | 64 239 | 28 285 | 78,7 |
| б. Хароҷот | 33 193 | 60 146 | 26 953 | 81,2 |
| **Холис:** | **2 761** | **4 093** | **1 332** | 48,2 |
| **Амалиёти ғайритавозунӣ** | | | | |
| а. Даромад | 27 | 8 | -19 | -70,4 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **27** | **8** | **-19** | -70,4 |
| **Амалиёти дигар** | | | | |
| а. Даромади дигар | 14 | 651 | 637 | 4550,1 |
| б. Хароҷоти дигар | 18 | 13 | -4 | -23,5 |
| **Холис:** | **-4** | **639** | **643** | 21400,0 |
| **Тағйироти амалиётӣ** | | | | |
| а. Хароҷоти амалиётӣ | 4 370 | 5 098 | 725 | 16,6 |
| б. Даромад аз коҳиши захираҳо | 45 | 56 | 11 | 24,5 |
| в. Хароҷот аз ташкили захираҳо | 167 | 610 | 443 | 100,0 |
| **Холис:** | **-4 492** | **-5 651** | **-1 159** | -25,8 |
| **Фоидаи пеш аз андоз** | **1 916** | **2 718** | **801** | 41,8 |
| **Андоз аз фоида** | **479** | **652** | **173** | 36,1 |
| **Даромад/хароҷоти фавқулодда** | **0** | **0** | **0** | 0,0 |
| **Фоида (+)/зарари (-) соф** | **1 437** | **2 066** | **629** | 43,7 |

## Ҷадвали 5. **Ҳисоботи тавозунии ҶДММ ТАҚХ "МАТИН" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ, интиҳои давра)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Қисми А. Дороиҳо** | | | | |
| Нақд | 1 160 | 1 083 | -77 | -6,6 |
| Гирифтан аз БМТ | 5 413 | 7 353 | 1 940 | 35,8 |
| Гирифтан аз бонкҳои маҳаллӣ | 751 | 2 843 | 2 091 | 278,3 |
| Гирифтан аз бонкҳои хориҷӣ | 5 697 | 260 | -5 437 | -95,4 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳои байнибонкӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Коғазҳои қиматнок | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи коғазҳои қиматнок* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Қарзҳо | 84 136 | 107 113 | 22 977 | 27,3 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳо* | -1 005 | -3 524 | -2 519 | 250,5 |
| Сармоягузорӣ | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи сармоягузорӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Воситаҳои асосӣ | 2 123 | 2 176 | 53 | 2,5 |
| Дороиҳои дигар | 8 250 | 23 178 | 14 928 | 180,9 |
| **Ҳамагӣ дар қисми А:** | **107 530** | **144 005** | **36 475** | 33,9 |
| | | | | |
| **Қисми Б. Ӯҳдадориҳо** | | | | |
| Пардохт ба БМТ | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Пардохт ба бонкҳои маҳаллӣ | 109 | 567 | 458 | 419,7 |
| Пардохт ба бонкҳои хориҷӣ | 24 194 | 31 603 | 7 409 | 30,6 |
| Амонатҳо | 50 492 | 64 090 | 13 598 | 26,9 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 14 916 | 25 539 | 10 623 | 71,2 |
| **Ҳамагӣ дар қисми Б:** | **89 711** | **121 799** | **32 088** | 35,8 |
| | | | | |
| **Қисми В. Сармоя** | | | | |
| Сармояи пардохташуда ва изофа | 14 296 | 17 399 | 3 102 | 21,7 |
| Захираҳои сармоявӣ | 2 128 | 3 064 | 936 | 44,0 |
| Фоида | 1 395 | 1 744 | 349 | 25,0 |
| Қарзҳои субординарӣ | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Ҳамагӣ дар қисми В:** | **17 819** | **22 207** | **4 388** | 24,6 |
| **Ҳамагӣ дар қисмҳои Б ва В:** | **107 530** | **144 005** | **36 475** | 33,9 |

## Ҷадвали 6. **Ҳисоботи фоида ва зарари ЧДММ ТАҚХ "МАТИН" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Фоизҳо** | | | | |
| а. Гирифташуда | 8 467 | 11 217 | 2 750 | 32,5 |
| б. Пардохташуда | 3 216 | 4 135 | 919 | 28,6 |
| **Холис:** | **5 251** | **7 082** | **1 831** | 34,9 |
| **Хизматрасонии қарзӣ** | | | | |
| а. Даромад | 859 | 1 759 | 899 | 104,7 |
| б. Хароҷот | 127 | 605 | 478 | 376,8 |
| **Холис:** | **732** | **1 153** | **421** | 57,5 |
| **Амалиёт бо коғазҳои қиматнок** | | | | |
| а. Даромад | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **0** | **0** | 0 | 0,0 |
| **Амалиёт бо асъори хориҷӣ** | | | | |
| а. Даромад | 2 042 | 3 142 | 1 100 | 53,9 |
| б. Хароҷот | 1 958 | 3 703 | 1 745 | 89,1 |
| **Холис:** | **84** | **-561** | **-645** | -770,5 |
| **Амалиёти ғайритавозунӣ** | | | | |
| а. Даромад | 5 | 6 | 1 | 20,0 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **5** | **6** | **1** | 20,0 |
| **Амалиёти дигар** | | | | |
| а. Даромади дигар | 8 640 | 29 794 | 21 154 | 244,8 |
| б. Хароҷоти дигар | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **8 640** | **29 794** | **21 154** | 244,8 |
| **Тағйироти амалиётӣ** | | | | |
| а. Хароҷоти амалиётӣ | 12 328 | 33 424 | 21 096 | 171,1 |
| б. Даромад аз коҳиши захираҳо | 112 | 246 | 134 | 119,9 |
| в. Хароҷот аз ташкили захираҳо | 507 | 1 586 | 1 079 | 213,0 |
| **Холис:** | **-12 723** | **-34 764** | **-22 041** | -173,2 |
| **Фоидаи пеш аз андоз** | **1 989** | **2 711** | **722** | 36,3 |
| **Андоз аз фоида** | **594** | **967** | **373** | 62,7 |
| **Даромад/хароҷоти фавқулодда** | **0** | **0** | **0** | 0,0 |
| **Фоида (+)/зарари (-) соф** | **1 395** | **1 744** | **349** | 25,0 |

The First MicroFinanceBank

## Ҷадвали 7. **Ҳисоботи тавозунии ҶСП "Аввалин Бонки Молиявии Хурд" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ, интиҳои давра)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Қисми А. Дороиҳо** | | | | |
| Нақд | 11 810 | 20 635 | 8 825 | 74,7 |
| Гирифтан аз БМТ | 34 644 | 97 192 | 62 548 | 180,5 |
| Гирифтан аз бонкҳои маҳаллӣ | 1 215 | 12 516 | 11 301 | 930,1 |
| Гирифтан аз бонкҳои хориҷӣ | 11 723 | 39 727 | 28 004 | 238,9 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳои байнибонкӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Коғазҳои қиматнок | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи коғазҳои қиматнок* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Қарзҳо | 152 103 | 284 661 | 132 558 | 87,2 |
| *Захира аз рӯйи қарзҳо* | 1 538 | 11 765 | 10 226 | 664,7 |
| Сармоягузорӣ | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| *Захира аз рӯйи сармоягузорӣ* | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Воситаҳои асосӣ | 6 557 | 6 242 | -315 | -4,8 |
| Дороиҳои дигар | 7 512 | 17 142 | 9 630 | 128,2 |
| **Ҳамагӣ дар қисми А:** | **225 564** | **478 116** | **252 552** | 112,0 |
| | | | | |
| **Қисми Б. Ӯҳдадориҳо** | | | | |
| Пардохт ба БМТ | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| Пардохт ба бонкҳои маҳаллӣ | 11 | 20 536 | 20 525 | 192146,6 |
| Пардохт ба бонкҳои хориҷӣ | 19 028 | 127 246 | 108 218 | 568,7 |
| Амонатҳо | 140 940 | 227 503 | 86 563 | 61,4 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 10 502 | 25 534 | 15 032 | 143,1 |
| **Ҳамагӣ дар қисми Б:** | **170 481** | **400 819** | **230 338** | 135,1 |
| | | | | |
| **Қисми В. Сармоя** | | | | |
| Сармояи пардохташуда ва изофа | 35 000 | 41 250 | 6 250 | 17,9 |
| Захираҳои сармоявӣ | -10 085 | 5 129 | 15 214 | -150,9 |
| Фоида | 43 | 2 514 | 2 471 | 5723,9 |
| Қарзҳои субординарӣ | 30 125 | 28 403 | -1 721 | -5,7 |
| **Ҳамагӣ дар қисми В:** | **55 083** | **77 297** | **22 214** | 40,3 |
| **Ҳамагӣ дар қисмҳои Б ва В:** | **225 564** | **478 116** | **252 552** | 112,0 |

The First MicroFinanceBank

## Ҷадвали 8. **Ҳисоботи фоида ва зарари ҶСП "Аввалин Бонки Молиявии Хурд" барои моҳи апрели солҳои 2014 ва 2015** *(бо ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 30 апр 14 | 30 апр 15 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| **Фоизҳо** | | | | |
| а. Гирифташуда | 12 958 | 26 237 | 13 279 | 102,5 |
| б. Пардохташуда | 4 212 | 8 579 | 4 367 | 103,7 |
| **Холис:** | **8 746** | **17 658** | **8 912** | **101,9** |
| **Хизматрасонии қарзӣ** | | | | |
| а. Даромад | 2 166 | 730 | -1 436 | -66,3 |
| б. Хароҷот | 676 | 819 | 142 | 21,0 |
| **Холис:** | **1 490** | **-89** | **-1 579** | **-106,0** |
| **Амалиёт бо коғазҳои қиматнок** | | | | |
| а. Даромад | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **0** | **0** | **0** | **0,0** |
| **Амалиёт бо асъори хориҷӣ** | | | | |
| а. Даромад | 350 | 13 087 | 12 737 | 3636,9 |
| б. Хароҷот | 522 | 7 890 | 7 368 | 1410,7 |
| **Холис:** | **-172** | **5 197** | **5 369** | **-3120,9** |
| **Амалиёти ғайритавозунӣ** | | | | |
| а. Даромад | 0 | 3 | 3 | 0,0 |
| б. Хароҷот | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Холис:** | **0** | **3** | **3** | **0,0** |
| **Амалиёти дигар** | | | | |
| а. Даромади дигар | 1 159 | 725 | -434 | -37,4 |
| б. Хароҷоти дигар | 22 | 43 | 22 | 98,5 |
| **Холис:** | **1 137** | **682** | **-456** | **-40,1** |
| **Тағйироти амалиётӣ** | | | | |
| а. Хароҷоти амалиётӣ | 11 042 | 14 090 | 3 047 | 27,6 |
| б. Даромад аз коҳиши захираҳо | 2 244 | 6 349 | 4 106 | 183,0 |
| в. Хароҷот аз ташкили захираҳо | 2 345 | 12 316 | 9 970 | 425,1 |
| **Холис:** | **-11 144** | **-20 056** | **-8 912** | **80,0** |
| **Фоидаи пеш аз андоз** | **58** | **3 395** | **3 338** | **5798,2** |
| **Андоз аз фоида** | 14 | 881 | 866 | 6021,1 |
| **Даромад/хароҷоти фавқулодда** | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| **Фоида (+)/зарари (-) соф** | **43** | **2 514** | **2 471** | **5723,9** |

# **Амонат** аз **пасандоз** чӣ фарқ дорад?



Боре дар яке аз санҷишҳои аттестатсионии кормандони БДА ҶТ "Амонатбонк" як нафар аз аъзои ҳайат ба корманди мавриди санҷиш қароргирифта, савол дод, ки амонат аз пасандоз чӣ фарқ дорад? Корманд тавре ҷавоб гардонд, ки гӯё ин ду чиз синоними якдигар бошанд.

Дар ҳақиқат шояд барои баъзе аз он кормандоне, ки корашон ба дигар самтҳои фаъолияти бонкӣ раво-на гардидааст, мафҳуми амонату пасандозро дар мадди аввал як хел дарк намоянд. Аммо байни ин ду хизматрасонии бонкӣ фарқиятест, ки дар робита ба ин масъала камина хостам, аз ҷустуҷӯйиҳоям қатрае рӯйи саҳифа орам.

Бештари вақт мо дар таҷриба мафҳуми амонатро нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва мафҳуми пасандозро нисбат ба шахсони воқеӣ

> *Амонат бештар барои нигоҳдорӣ гузошта мешавад, на барои аз он гирифтани даромади зиёд. Ҳамчунин, фоизи амонатҳо нисбат ба фоизи пасандозҳо хело пасттар аст.*

истифода мебарем. Яъне дар соҳаи бонкдорӣ одат шудааст, ки мегӯянд: "Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ" ва "пасандозҳои шахсони воқеӣ". Шояд гоҳо нисбат ба шахсони воқеӣ мафҳуми амонат истифода бурда шавад, вале нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ истифода бурдани калимаи пасандоз ба андешаи банда нодуруст аст. Чунки он корхонаҳое, ки дар баъзе ташкилотҳои қарзӣ маблағҳои озоди худро муваққатан ба тариқи гӯё пасандоз мегузоранд, ин ҷойгиркунӣ мебошад, на пасандоз.

Барои фарқиятро байни ин ду мафҳум муайян намудан биёед сараввал худи ин мафҳумҳоро возеҳтар шарҳ диҳем. Пасандози бонкӣ ин маблағи пулиест, ки як тараф (яъне муштарӣ) ба тарафи дигар (яъне ташкилоти қарзӣ) барои муҳлати муайян ва ё бемуҳлат тибқи шартнома пешниҳод менамояд. Амонат бошад, метавонад ҳам маблағи пулӣ бошад, ҳам коғазҳои қиматнок ва ҳам тамоми амволи қиматбаҳое, ки барои нигоҳдорӣ дар ташкилотҳои молиявӣ, судӣ, гумрукӣ ва ё маъмурӣ гузошта мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкӣ қоидаи амонат чунин омадааст: Амонат – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд (Қонун

**Ҷадвали 1.**

| Пасандоз | Амонат |
|---|---|
| ***Васеияти мафҳум*** | |
| Мафҳуми пасандоз васеъ аст. | Мафҳуми пасандоз наметавонад, пурра мафҳуми амонатро низ дар бар гирад. |
| ***Шакл*** | |
| Пасандоз ҳамавақт дар шакли маблағи пулӣ бояд бошад | Амонат метавонад ҳам дар шакли пулӣ бошад, ҳам дар шакли коғазҳои қиматнок ва ҳам филизоти қиматбаҳо |
| ***Мақсади истифодабарӣ*** | |
| Пасандоз танҳо барои нигоҳдорӣ бо шарти пардохти фоизи муайян гузошта хоҳад шуд. Пасандоз хусусияти тиҷоратӣ надорад. | Мақсади асосии амонатгузорӣ ин истифодаи самараноки маблағ аст. Яъне маблағгузорӣ ба хотири ягон кор, тиҷорат ва ё барои нигоҳдорӣ |
| ***Подош (фоиз)*** | |
| Пасандоз ба ташкилоти қарзӣ подош (фоиз) намедиҳад. Аммо подош (фоиз) мегирад. | Амонат метавонад бе подош (фоиз) бошад, метавонад подош (фоиз) диҳад ва ҳам подош (фоиз) гирад |

№782 аз 26.12.11с.).

Дар қонуни зикршуда қоидаи пасандоз чунин аст: Пасандоз - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст (Қонун №782 аз 26.12.11с.).

Дар ҷадвали зер муҳимтарин фарқиятҳои ин ду хизматрасонии бонкӣ аз рӯйи мафҳум, шакл, мақсади истифодабарӣ ва подошнокӣ (фоиз) дарҷ гардидааст *(Ҷадвали 1)*.

Амонат мафҳуми васеъ дорад. Тамоми пасандозҳо амонат ба ҳисоб меравад, вале тамоми амонатҳо пасандоз шуда наметавонанд.

Амонат ва пасандоз ҳарду барои нигоҳдорӣ ба Бонк гузошта мешаванд, вале амонат ин на танҳо маблағ шуда метавонад. Амонат коғазҳои қиматнок, саҳмияҳо, филизоти қиматбаҳо ва ғайра низ шуда метавонанд, ки аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бонк гузошта мешаванд. Пасандоз танҳо дар шакли маблағи пулӣ гузошта мешавад. Пасандоз ин маблағест, ки муштарӣ онро ба бонк барои нигоҳдорӣ ва ба даст овардани фоизи муайяне пешниҳод менамояд. Тавре ба мо маълум аст, дар навбати худ пасандозҳо муҳлатнок ва тодархостӣ мешаванд, ки ин ду намуд боз ба қисмҳои худ ҷудо мегарданд. Пасандозро танҳо ташкилотҳои қарзие қабул менамоянд, ки иҷозатномаи Бонки миллиро дошта бошанд.

Як фарқияти дигари амонат аз пасандоз дар он аст, ки суратҳисоби амонатӣ танҳо дар бонк кушода мешавад. Аммо пасандозро метавон ҳам дар бонк ва ҳам дар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ гузошт. Ғайр аз ин, амонат метавонад ба амонатгузор барои истифодаи маблағи гузошташуда як миқдор фоида биорад ва ё тамоман фоида наорад (вобаста аз шартномаи амонатии басташуда). Амонат ин истифодаи муваққатии маблағҳост, ки дер ё зуд муҳлати истифодабарии он қатъ шуда метавонад. Аммо пасандоз ҳам метавонад бемуҳлат бошад ва ҳам метавонад то муҳлати муайяне нигоҳ дошта шавад.

Амонат бештар барои нигоҳдорӣ гузошта мешавад, на барои аз он гирифтани даромади зиёд. Ҳамчунин, фоизи амонатҳо нисбат ба фоизи пасандозҳо хело пасттар аст.

Ба ҳар ҳол, афзоиши ҳам пасандозҳо ва ҳам амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ин ба манфиати кор аст. Имрӯз дар бархе аз минтақаҳои кишвар мардум шояд чун даврони шӯравӣ беҳтарин ҷойи хуби нигоҳдории маблағи зиёдатии худро таги болини хеш донанд. Аммо бояд тазаккур дод, ки низоми бонкдории имрӯзаи Тоҷикистон қодир аст, дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзӣ маблағи пасандозгузоронро баргардонад. Бинобар ҳамин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷалби маблағҳои озоди аҳолиро тариқи амонату пасандозҳо ба бонкҳо зиёд намуда, нагузоранд, ки ягон маблағи нақдӣ аз истифодабарӣ канор монад.

Ба санаи 31 декабри соли 2014 бақияи амонату пасандозҳо дар ҷумҳурӣ 6 690 593 млн. сомониро ташкил менамояд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 ба маблағи 1 169 014 сомонӣ ва ё ба андозаи 21,2 фоиз зиёд гардидааст.

**О. Сафолов,**
*иқтисодчии БДА ҶТ*
*“Амонатбонк”*

# Пардохтнопазирӣ ва муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ



Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ омилҳои махсусе мавҷуданд, ки асосан ба низоми молиявӣ-қарзӣ таъсир расонида, боиси пардохтнопазирӣ ва ниҳоят муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ, хусусан бонкҳо мегарданд. Аз ин рӯ, бо мақсади танзим ва ҳалли ин масъала, механизмҳои гуногуни иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, ташаккул меёбанд, ки дар назарияи иқтисодии муосир "ниҳод" ва ё "институт" ном гирифтаанд. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ танзими ин ҷараёнро махсус ниҳоде, ки масъалаи пардохтнопазирӣ ва муфлисшавии субъектҳои ғайрисамарабахшро баррасӣ менамояд, ин "институти муфлисшавӣ" дониста мешаванд, ки дар баробари иҷро кардани вазифаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин яке аз унсурҳои пешрафти иқтисодиёти

> Таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тартиби барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ бо асосҳои муфлисшавӣ танҳо тариқи судӣ ва бо муроҷиати мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад.

миллӣ низ ба шумор меравад.

Институти муфлисшавӣ дар низоми иқтисоди бозоргонӣ мавқеи калидиро ишғол намуда, ба таносуби ташаккулёбии макроиқтисодиёт дар соҳаҳои шуғли аҳолӣ, таъмини иҷтимоӣ, дараҷаи даромади аҳолӣ, инкишофи истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ таъсири амиқ мегузорад. Ба ғайр аз ин, институти мазкур, робитаҳои молу мулкии субъектҳоро низ танзим намуда, қобилияти пардохтпазирии онҳоро дар назди қарздеҳон таъмин менамояд.

Чуноне, ки маълум аст, институти муфлисшавӣ на танҳо ҷанбаи иқтисодӣ, балки ҷанбаи ҳуқуқиву иҷтимоӣ низ дорад. Бинобар ин, муҳиммияти ҷанбаи иҷтимоӣ-иқтисодии он зарурияти таҳия ва қабули санади махсусро тақозо менамояд, ки барои ҳалли масъалаҳои пардохтнопазирӣ ва муфлисшавии субъектҳои хоҷагидор ва хусусан ташкилотҳои қарзӣ равона гардидааст.

Қобили қайд аст, ки чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар тамоми давлатҳои мутараққӣ ва рӯбатараққӣ мавҷуд буда, мавриди амал қарор доранд.

Аз ин рӯ, дар ин самт Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ диққати аввалиндараҷа дода, санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст. Аз ҷумлаи онҳо: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", "Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд", "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи муфлисшавӣ", Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра аз қабили онҳоянд.

Бояд қайд намуд, ки чараёни муфлисшавии субъектҳои хоҷагидор (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ)-ро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муфлисшавӣ", ки санаи 8 декабри соли 2003, таҳти №46 қабул гардидааст, амалӣ менамояд. Яъне, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва қабули қонуни мазкур барои муфлис эътироф намудани субъектҳои ғайрисамарабахш фаъолияткунанда ва пардохтнопазир заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузошта шуда, дар татбиқи шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва гуногунии шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши муҳимро мебозад. Қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои корхонаҳои давлатие, ки дар моддаи 127 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд), аз ҷумла шахсони ҳуқуқии хориҷии бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайд гирифташуда ва ҳамчунин соҳибкорони инфиродӣ амал мекунад.

Бо вуҷуди он, ки қонуни мазкур асос ва тартиби аз тарафи суд муфлис эътироф намудани субъектҳои хоҷагидор (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ)-ро муқаррар менамояд, вале муносибатҳои ҳуқуқии татбиқ намудани барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурии баъзе намудҳои шахсони ҳуқуқие, ки хусусияти хоси пешбурди фаъолияти соҳибкориро дороанд, пешбинӣ наменамуд. Аз ҷумлаи онҳо, ташкилотҳои қарзие махсуб меёбанд, ки бо дарназардошти аҳамияти бузурги ин бахш дар иқтисодиёти миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" (дар матн – Қонун дар бораи барҳамдиҳӣ) санаи 28 июни соли 2011, таҳти №719 қабул гардид, ки комилан раванди барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ, аз ҷумла марҳилаи муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро танзим менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки барои анҷом додани ҳар гуна раванди барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ тариқи судӣ ё ғайрисудӣ, қарори Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи бозхонди иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ асоси ягона ба ҳисоб меравад.

Гузашта аз ин, пешниҳоди ариза дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ ба суд ҳуқуқи истисноии Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

Мақомоти дигари ваколатдор ва қарздеҳон метавонанд ҷиҳати барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Бонки миллии Тоҷикистон уҳдадор аст дар муҳлати на дертар аз як моҳ муроҷиати мазкурро баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул намояд.

Ҳамин тариқ, асосҳои воқеии муфлис эътироф намудани ташкилоти қарзӣ ин:

- ғайриқобили пардохт эътироф гардидани ташкилоти қарзии қарздоршуда, яъне қобилият надоштани вай барои қонеъ гардонидани талаботи қарздеҳон аз рӯйи уҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет;
- сармояаш камтар аз 25 фоиз талаботи меъёрии муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон бошад;
- уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ аз дороиҳои он зиёд бошад.

Ариза дар бораи муфлис эълон кардани ташкилоти қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи қабули қарор дар бораи бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ бо зикри асосҳо ба суд пешниҳод карда мешавад. Аз лаҳзаи бозхонди иҷозатнома фаъолияти ташкилоти қарзӣ қатъ мегардад. Аз лаҳзаи аз

ҷониби суд ба истеҳсолот қабул шудани ариза дар бораи оғози мурофиаи муфлисшавии ташкилоти қарзӣ, ягон қарздеҳ барои боз-пас гирифтани маблағи пулӣ ё талаби иҷрои дигар уҳдадориҳо ҳуқуқ надорад.

Дар навбати худ, Бонки миллии Тоҷикистон, якҷоя бо ариза ба суд ҳамчунин рӯйхати номзадҳоро ба вазифаи мудири махсус пешниҳод менамояд. Чунки, мурофиаи муфлисшавии ташкилоти қарзиро, бо асосҳои муфлисшавӣ, мудири махсус, ки дорои шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, бо қарори Суд анҷом медиҳад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади амалӣ намудани талаботи Қонун дар бораи барҳамдиҳӣ, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №35 аз 10 феврали соли 2012, қоидаҳои тахассусӣ, вобаста ба супоридани шаҳодатномаи барҳамдиҳанда ва мудири махсус тасдиқ карда шуд. Қоидаҳои мазкур, дар навбати худ аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №680 аз 14 феврали соли 2012 ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон, дар қаламрави ҷумҳурӣ институти барҳамдиҳандагон ва мудирони махсуси ташкилотҳои қарзӣ мавриди амал қарор доранд.

Таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тартиби барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ бо асосҳои муфлисшавӣ танҳо тариқи судӣ ва бо мурожиати мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад.

Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Қирғизистон, махсус Агентии оид ба азнавташкилдиҳии бонкҳо ва реструктуризатсияи қарзҳо "Дебра", таъсис дода шуда, айни замон фаъолият менамояд. Ин ташкилот ташкилоти давлатии ғайритиҷоратӣ ва мустақил ба ҳисоб рафта, фаъолияти он бештар ҳамчун мудирияти махсуси ташкилотҳои қарзии муфлисшуда ба роҳ монда шуда, дар тобеияти Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ тибқи тартиби судӣ ва дар асоси санадҳои дахлдори меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Масалан, мутобиқи моддаи 68 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон" (дар матн – Қонун дар бораи бонкҳо), бонк дар асоси қарори муассисони он ва бо мавҷуд будани иҷозати мақоми ваколатдор (барҳамдиҳии ихтиёрӣ) инчунин дар асоси қарори суд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои маъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Қазоқистон (барҳамдиҳии маҷбурӣ) метавонад барҳам дода шавад.

Ба ғайр аз ин, дар асоси банди 2, моддаи 71 Қонун дар бораи бонкҳо, бонк танҳо дар асоси қарори суд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ мумкин аст муфлис эътироф карда шавад. Барҳамдиҳии ғайрисудии бонки пардохтнопазир бо қарори муассисони он ва бонк номумкин аст.

Дар ин самт тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар бораи барҳамдиҳӣ мақоми ваколатдори давлатие, ки чараёни барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурии ташкилоти қарзиро танзим менамояд, ин Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо, тариқи судӣ гузаронидани марҳилаи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзи ва бо қарори суд муфлис эътироф намудани онҳо, ин худ як рукни муосири иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқие, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ амали гаштааст, ба шумор меравад.

Айни замон, тибқи омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон, мувофиқи талаботи Қонун дар бораи барҳамдиҳӣ, тариқи судӣ фаъолияти 4 ташкилоти қарзӣ бе аломатҳои муфлисшавӣ қатъ карда шуда, 2 ташкилоти қарзии дигар бо аломатҳои муфлисшавӣ барҳам дода шудаанд.

Таҷрибаи амалӣ ва таҳлили чараёни барҳамдиҳӣ ва муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ собит сохт, ки ин раванд пеш аз ҳама барои самаранок гузаронидани мурофиаи муфлисшавӣ, сабабҳои пайдоиши аломатҳои нодорӣ ва пардохтнопазирӣ, инчунин роҳҳои дарёфти воситаҳо барои қонеъ намудани

талаботи қарзхоҳон равона гардидааст. Дар чунин шароит таҳияи методикаи махсус оид ба таҳлили аломатҳои муфлисшавӣ зарур аст, чунки дар ҷараёни мурофиаи муфлисшавӣ фаъолияти ташкилоти қарзӣ қатъ гардида, он дар марҳилаи хоси ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ё ин ки раванди навсозии иқтисодӣ қарор хоҳад гирифт.

Аз дигар тараф, муфлис эътироф намудани ташкилоти қарзӣ, ин маънои онро дорад, ки дар оянда имконият доштани ташкилоти қарзӣ барои пардохти уҳдадориҳои пулӣ ба эътибор гирифта намешаванд.

Яъне, дар фаъолияти ташкилоти қарзие, ки мурофиаи муфлисшавӣ оғоз гардидааст, қобилияти дар оянда пурра пардохт намудани уҳдадориҳои худро дар назди ҳар гуна қарздеҳ надорад. Воситаҳо ва дороиҳои ташкилоти қарзии муфлисшуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун дар бораи барҳамдиҳӣ бо чунин тарз тақсим карда мешаванд:

- маблағҳое, ки барои раванди муфлисшавӣ ё таъйини мудири махсус харҷ шудаанд;
- музди меҳнати кормандони ташкилоти қарзӣ, ба истисноӣ пардохтпулӣ ба аъзои Шӯрои нозирон, ки дар рӯзи қабули қарор дар бораи оғози мурофиаи судӣ аз рӯйи парвандаи муфлисшавӣ ҳисоб карда шудааст;
- маблағҳое, ки Ҳукумат ё Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод кардаанд;
- ҳар як талаби пасандоздорон, ки пардохт нашудааст ё аз тарафи Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” пардохт карда намешавад;
- ҳар гуна талаби Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ ба сифати шахсе, ки ба вай ҳуқуқи талаботи ба пасандоздорон пардохтшуда мегузарад, инчунин талаботи қарздеҳони таъминнашуда;
- андозҳое, ки муҳлати пардохти онҳо дар давраи на бештар аз як соли пеш аз рӯзи қабули қарор дар бораи муфлисшавӣ фаро расидааст;
- ҳар гуна талабот нисбат ба қарзи субординарӣ.

Дороиҳои боқимонда ба моликони ташкилоти қарзӣ баробар ба ҳиссаи онҳо дода мешаванд.

Инчунин, қонунгузорӣ муайян намудааст, ки талаботи қарздеҳон дар ҳолатҳои зерин пардохтшуда ҳисобида мешавад:

- агар талабот бо сабаби нокифоя будани дороиҳои ташкилоти қарзӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбиникардаи Қонуни мазкур, қонеъ нашуда бошад;
- агар мудири махсус талаботи қарздеҳонро қабул накарда бошад ва онҳо бо ариза ба суд муроҷиат накарда бошанд;
- агар талаботи қарздеҳонро суд рад карда бошад ё талабот баъд аз анҷомёбии раванди барҳамдиҳӣ пешниҳод шуда бошад.

Феълан, муфлис эътироф намудани ташкилоти қарзӣ омилҳои манфӣ низ дорад, чунки он натанҳо манфиатҳои молу мулкии ташкилотро, балки ба ҳуқуқу манфиатҳои гурӯҳи шахсони алоҳида низ таъсирбахш мебошад. Дар ин маврид сухан нисбат ба амонатгузорон, чи шахсони ҳуқуқӣ ва чи шахсони инфиродӣ меравад, ки дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзӣ хавфи барнагаштани маблағҳои ин гурӯҳ нисбатан бештар мебошад.

Аз ин рӯ, вобаста ба ин масъала низ қонунгузори як қатор чораҳоро пешбинӣ намудааст.

Аз ҷумлаи ин тадбирҳо, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” аъзогии ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ба ҳисоб меравaнд. Чуноне, ки маълум аст, бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун миёнарави молиявӣ, захираҳои пулии амонатгузорро ба қарзгиранда дар асоси шартҳои муайян пешниҳод менамояд, ки дар ин ҷо амонатгузор аз рӯйи пасандози худ ҳамчун фоиз даромад гирифта, қарзгиранда имконияти истифодабарии захираҳоро дар соҳаи фаъо-

лияти худ пайдо менамояд. Дар асоси чунин чараёни муттасили молиявӣ, бонкҳо даромади худро ҳамчун маржа ба ҳисоб мегиранд. Аз ин рӯ, мутобиқи стандартҳои ҷаҳонии пешбурди фаъолияти бонкӣ, дар бонкҳо, ҳангоми гузаронидани амалиётҳои қарзӣ, бо мақсади рушди даромади софи фоизии амалиёти бонкӣ, суғуртакунии хавфи қарзӣ ва идоракунии пардохтпазирии тавозуни он, пайдо хоҳад шуд.

Ба ғайр аз ин, дигар чораҳои зарурие, ки оид ба барқароркунии ҳолати пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо сармоякунонӣ (рекапитализация) ба ҳисоб меравад, ки он асосан барои пешгирии муфлисшавии сершумор равона гардида, дар ҳолатҳои зарурӣ аз ҷониби давлат ва Ҳукумат истифода карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло ва бо мақсади мутобиқгардонии талаботи меъёрии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" бо дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи бонк, аз нигоҳи мо, гузаронидани ислоҳотро дар намуди таҳия ва қабули Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" иқдоми зарурӣ ва саривақтӣ мешуморем.

Таҳияи чунин тафсир, мухолифатҳои гуногунфаҳмии меъёрҳои қонуни зикршударо бартараф намуда, ба содагардонии марҳилаҳои барҳамдиҳӣ, муфлисшавӣ, кам кардани хароҷот ва сарфаи вақт, инчунин дигар монеаҳои таъсиррасон заминаи мусоид хоҳад гузошт.

Дар як вақт, таҳияи Тафсир метавонад ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои рейтинги байналмилалии Тоҷикистон аз рӯйи ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ "Пешбурди тиҷорат" ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба соҳаи бонк таъсири мусбат расонад. Зеро, ки нишондиҳандаи мазкури Бонки Ҷаҳонӣ санади асосӣ маҳсуб мегардад, ки сармоягузорони хориҷӣ дар фаъолияти худ ба он такя мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, эҷоди монеаҳои гуногун дар фаъолияти бонкҳо боиси оқибатҳои харобиовар дар фаъолияти онҳо ва умуман дар тамоми иқтисодиёт мегардад. Чунки фаъолияти мӯътадил ва бонизоми бонкҳо, яке аз унсурҳои пешрафти иқтисодиёти миллӣ низ ба ҳисоб меравад.

Маҳз ба ин хотир, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол барои таъмини корбарӣ ва рушди низоми бонкии худ аз тамоми чораҳои муфид ва зарурӣ истифода мебарад.

**Т. Шарифов,**
*Коршиноси масъалаҳои иқтисодӣ-мудири махсус*

**Руйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муфлисшавӣ" №46 аз 8.12.2003 сол.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" №719 аз 28.06.2011 сол.
3. www.nbt.tj.
4. debra.kg
5. www. pavlodar.com
6. "Бонкдорӣ дар Тоҷикистон" // маҷаллаи иттилоотии бонкӣ.№5 (46), майи соли 2013. №11 (64), ноябри соли 2014.

# Қарзи бонкӣ ва рушди соҳибкорӣ: алоқамандӣ ва мушкилот




Дар илмҳои иқтисодӣ аз соҳибкорӣ ба сифати омили муҳимми рушди иқтисодӣ, воситаи таъмини шуғли пурраю ғанӣ гардонидани буҷетҳои маҳалӣ ва шарти асосии таъмини рақобати озод истиқбол менамоянд. Афзоиши шумораи соҳибкорони хурду миёна боиси афзоиши тақозо дар бозори захираҳои қарзӣ гардида, ба фаровонии бозори молҳои истеъмолию хизматҳо мусоидат менамояд ва сабаби пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ мегардад. Дар навбати худ рушди соҳибкорӣ аз дастрасӣ ба захираҳои молиявию қарзӣ ва таъсири механизмҳои гуногуни танзими давлатӣ вобастагии калон дорад. Сарчашмаи муҳимми дастрасии соҳибкорон ба захираҳои молиявию қарзӣ ин бозори молиявӣ (фондӣ) мебошад. Азбаски бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ташаккул наёфтааст, бинобар ҳамин ҳадди бештари соҳибкорон аз он ба сифати сарчашмаи асосии маблағгузорӣ истифода намекунанд ва ба институтҳои дар он амалкунанда бовар надоранд. Дар ин сурат қарзи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар институтҳои қарзӣ (фондҳо, ташкилотҳои хурди қарзӣ ва ғайра) сарчашмаи ягонаи дарёфти захираҳои молиявию сармоягузорӣ барои соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ ва умуман захираи қарзӣ боиси афзоиши сармоягузорӣ ва истеҳсоли бештари молу хизматҳо мегардад, ки дар маҷмуъ ба афзоиши ҳаҷми нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ оварда мерасонад. Умуман қарз ба нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ- Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) таъсири мустақим надорад, зеро ҳамчун қисмати асосии он ба ҳисоб намеравад. Қарз ба ҳаҷми ММД тавассути сармоягузории дохилию хусусӣ (J) ва ҳаҷми истеъмол (С) таъсир мерасонад. Бо афзоиши қарздиҳӣ ва беҳтар шудани имконияти қарздиҳӣ, фазои соҳибкорӣ беҳтар мешаваду ҳаҷми истеҳсоли молу хизматҳо меафзояд, ки ҳамаи ин ба афзоиши ҳаҷми ММД оварда мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши ҳаҷми ММД вобастагии мустақим надорад. Ин нуктаро олими тоҷик Ф.Мӯминова низ бо истифодаи усулҳои эконометрӣ исбот намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки аз соли 2008 инҷониб афзоиши ҳаҷми ММД бо афзоиши қарздиҳӣ алоқамандии мустақим надорад ва коэфиссенти коррелятсияи байни онҳо ба -0,1833 баробар аст . Ин маънои онро дорад, ки афзоиши ММД дар

> *Мувофиқи маълумоти оморӣ шумораи соҳибкорон ва даромади онҳо аз ҳисоби фурӯши маҳсулот сол аз сол меафзояд.*

**Ҷадвали 1.** Суръати афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳо ва шумораи умумии соҳибкорон нисбат ба соли ҷорӣ бо фоиз

| № | Номгӯйи нишондиҳандаҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Суръати афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳо бо фоиз | 12,21 | -31,63 | 28,73 | 12,95 | 38,92 | 24,07 |
| 2. | Суръати афзоиши шумораи умумии соҳибкорон бо фоиз | 12,83 | -3,46 | 15,28 | 9,93 | 11,49 | 11,77 |

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар омилҳо вобастагии бештар дорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки таъсири ғайримустақими қарзҳоро ба ММД нишон медиҳад, ин таносуби қарзҳои додашуда нисбат ба ММД мебошад *(Диаграммаи 1).*

Аз маълумоти дар диаграммаи 1 овардашуда бармеояд, ки баъд аз соли 2009 таносуби қарзҳои додашуда нисбат ба ММД кам шуда, аз соли 2011 инҷониб рӯй ба афзоиш доранд. Агарчи соли 2014 таносуби қарзҳои додашуда нисбат ба ММД 20,49 фоизро ташкил додаанд, дар муқоиса ба соли 2008 ин нишондиҳанда 7 фоиз камтар аст. Бояд қайд намуд, ки замоне, ки таносуби қарзҳои додашуда нисбат ба ММД коҳиш ёфт (солҳои 2010-2014), ҳаҷми ММД кам нашудааст. Таҳлили ин нишондиҳанда бори дигар собит месозад, ки афзоиши қарзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзоиши ҳаҷми ММД алоқамандии мустақим надорад.

Ҳаҷм ва дастрасии қарзҳо бо рушди соҳибкорӣ алоқамандии мустақим доранд, яъне бо афзоиши шумораи соҳибкорон, миқдори мизоҷони институтҳои қарзӣ меафзояд, ҳаҷми қарздиҳӣ зиёд мешаваду имкониятҳои қарздиҳӣ бештар мешаванд. Ин нуқтаро тадқиқоти иқтисодчиёни Бонки Ҷаҳонӣ низ исбот менамояд. Мувофиқи тадқиқоти онҳо соли 2015 Тоҷикистон дар пешбурди соҳибкорӣ хело муваффақ шудааст ва намояи пешбурди соҳибкорӣ дар ҳаҷми 11 зина тағйир ёфтааст. Агар соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи намояи пешбурди соҳибкорӣ дар ҷойи 177 меистод, соли 2015 мавқеи 166-умро соҳиб гашт. Мувофиқи тадқиқоти дар боло номбаршуда, намояи гирифтани қарзҳо барои соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маврид боло рафтааст ва мувофиқи он Тоҷикистон соли 2015 дар байни 189 кишвари дунё мавқеи 116-умро соҳиб аст, ҳол он ки соли 2014 мувофиқи ин нишондиҳанда дар ҷойи 178 қарор дошт. Дар асоси тадқиқоти мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ, омилҳои асосии боздорандаи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёри баланди андозҳо, мушкилоти маъмурӣ ҳангоми иҷозатгирӣ барои фаъолияту сохтмони нав мебошанд. Маҳз бар иллати таъсири ҳамин омилҳо, соҳибкории хурду миёна рушди дилхоҳ намекунад *(Ҷадвали 1).*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумоти Кумитаи сармоягузорӣ шумораи соҳибкорон (соҳибкорони бо шаҳодатномаю иҷозатнома (патент) фаъолияткунанда, шахсони ҳуқуқӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба шумор меафзоянд ва соли 2014 нисбат ба соли 2008 беш аз 72 фоиз шумораи соҳибкорон бештар шудаанд. Аз маълумоти ҷадвали 1 низ бармеояд, ки шумораи соҳибкорони дар Тоҷикистон фаъолияткунанда баъди соли 2011 рӯй ба афзоиш дорад ва дар сурати кам шудани суръати афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳо шумораи соҳибкорон ҳам кам мешавад. Масалан, агар соли 2010 ҳаҷми умумии қарзҳо нисбат ба соли 2009 ба миқдори 31,63 фоиз кам шуда бошад, дар ҳамин сол шумораи умумии соҳибкорон ба миқдори 3,46 фоиз кам шудааст. Таҳлили маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки бо афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳо шумораи соҳибкорон низ меафзояд ва байни онҳо алоқамандии корелятсионӣ вуҷуд дорад. Аз ҳамин ҷиҳат метавон гуфт, ки соҳибкорӣ дар Тоҷикистон бо дастрасии захираҳои қарзӣ алоқамандии мустақим (бевосита) дорад ва дуюмиро бе муҳобот метавон омили муҳимми рушди соҳибкорӣ номид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар алоқамандии байни рушди соҳибкорӣ ва қарздиҳӣ мушкилоти хосаи иқтисодӣ ва маъмурӣ вуҷуд дорад. Ин мушкилотро бояд аз назари соҳибкорон ва институтҳои қарзӣ (бонкҳои

**Диаграммаи 1.** Таносуби қарзҳо нисбат ба ММД бо фоиз




**Диаграммаи 2.** Даромади миёнасолонаи субъектҳои соҳибкории хурд аз ҳисоби фурӯши маҳсулот *(ҳазор сомонӣ)*




тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ) таҳлил намуд ва манфиатҳои ҳарду тарафро ба инобат гирифт. Чунин тарзи таҳлил имкон медиҳад, ки механизмҳои нави танзими муносибатҳои қарзӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд.

Ба фикри мо, барои истифодаи захираҳои қарзӣ аз ҷониби соҳибкорон меъёри баланди фоизи қарз омили асосӣ буда наметавонад. Дар баробари фоизи қарзи бонкӣ, инчунин як қатор омилҳои иқтисодию маъмурие ҳастанд, ки соҳибкоронро аз истифодаи захираҳои қарзӣ маҳрум менамоянд ё мегурезонанд. Аз нигоҳи макроиқтисодӣ, мушкили асосӣ ин дараҷаи меъёри фоизи қарзҳо нест. Мушкили асосӣ ин аст, ки бозори захираҳои қарзӣ чандон чандир нест ва бештари ҳаҷми қарзҳоро бонкҳои тиҷоратии мавқеи олигополиро ишғолкунанда пешниҳод менамоянд ва онҳо ба паст кардани фоизи қарзҳо ҳавасманд нестанду дигар институтҳои қарзӣ аз онҳо дар нархгузории захираҳои қарзӣ “сабақ” мегиранд. Масалан, соли 2014 мувофиқи маълумоти оморӣ беш аз 46 фоизи қарзҳо ба ҶСК “Тоҷиксодиротбонк" (26 фоиз) ва ҶСК “Агроинвестбонк” (20 фоиз) рост меомаданд. Ҳиссаи дигар бонкҳои тиҷоратӣ аз 1,3 фоиз (Бонки рушди Тоҷикистон) то 14,19 фоизро ташкил медиҳад, ки хело кам аст. Мутаассифона, дар Тоҷикистон механизми осон кардани фоизи қарз тавассути субсидияҳои давлатӣ вуҷуд надорад. Бинобар ҳамин, чунин механизм барои соҳибкорони истеҳсолӣ бояд ҷорӣ карда шавад. Яъне, давлат аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ пардохти як қисми фоизи қарзҳои соҳибкорони истеҳсолиро ба души худ гирад ва чунин дастгирӣ имкон медиҳад, то таъсири манфии меъёри фоизи қарз ба рушди соҳибкорӣ коҳиш ёбад.

Мушкили асосии соҳибкорони Тоҷикистон ҳангоми истифодаи захираҳои қарзӣ ин паст будани самаранокии соҳибкорӣ мебошад, зеро ки ҳануз соҳибкорӣ дар Тоҷикистон чандон рушд накардааст ва соҳибкорони ватанӣ дар муқобили соҳибкорони хориҷӣ ба рақобат тоб намеоранд. Масалан, яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии соҳибкорӣ, даромади миёнасолонаи соҳибкорони хурд аз ҳисоби фурӯши маҳсулот мебошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи соҳибкорон ва даромади онҳо аз ҳисоби фурӯши маҳсулот сол аз сол меафзояд. Аммо фоидаи миёнасолонаи соҳибкории хурд бо дарназардошти афзоиш ёфтан, чандон зиёд нест (нигаред ба диаграммаи 2). Масалан, агар соли 2005 ҳар як субъекти соҳибкории хурд ба ҳисоби 310 ҳаз. сомонӣ аз фурӯши маҳсулот даромад гирифта бошад, соли 2009 ин маблағ 520 ҳаз. сомонӣ ва соли 2010 - 640 ҳаз. сомониро дар як сол ташкил намуд *(Диаграммаи 2).*

Ҳисобҳои мо нишон медиҳанд, ки захираҳои қарзӣ дар Тоҷикистон ба сари як соҳибкор қариб 17 млн. сомониро ташкил медиҳанд, аммо бо 640 ҳаз. сомоние, ки як соҳибкор дар як сол аз ҳисоби фурӯши маҳсулот даромад мегирад, наметавон аз меъёри даромадаш бештар қарз бигирад. Бинобар ҳамин, аксарияти соҳибкорони хурду миёна дар бештар мавридҳо истифодаи захираҳои худиро нисбат ба қарзи бонкӣ авлотар

**Ҷадвали 2.** Нишондиҳандаҳои таҳлилии пардохтпазирии қарзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо /солҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми қарзҳои хурд (ҳаз. сомонӣ) | 1626810 | 1793085 | 2402513 | 3138167 | 4707526 |
| Пардохти қарзҳо (ҳаз. сомонӣ) | 1613328 | 1597798 | 2031301 | 2599271 | 3730052 |
| Қисми пардохтнашудаи қарзҳо (ҳаз. сомонӣ) | 13482 | 195287 | 371212 | 538896 | 977474 |
| Таносуби пардохти қарзҳо нисбат ба ҳаҷми умумии қарзҳо бо фоиз | 99,17% | 89,11% | 84,55% | 82,83% | 79,24% |
| Қисми пардохтнашудаи қарзҳо бо фоиз | 0,83% | 10,89% | 15,45% | 17,17% | 20,76% |

медонанд ва барои васеъ шудани тиҷорат чандон шавқманд нестанд.

Дигар мушкилоти соҳибкорон ҳангоми истифодаи захираҳои қарзӣ, ин ғайриимкон будани қарзгирӣ барои ташкили соҳибкорӣ "аз сифр" мебошад, зеро ки аксарияти институтҳои қарзӣ аз механизми гарав ба таври васеъ истифода мебаранд ва аксари соҳибкорон амволи гаравии серхаридор надоранд. Дар истифодаи механизми гарав бошад, стратегияи тиҷорат муҳим нест ва мавҷудияти амволи ба гарав мондашаванда ё кафолатдиҳандаи гарав дар ҷойи аввал меистад. Аз ҳамин ҷиҳат, сармояи ибтидоии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон наметавонад қарзи бонкӣ бошад ва аксари соҳибкорон фаъолиятро бенақшаи тиҷорат ва иштироки сармояи бонкӣ оғоз менамоянд.

Дар баробари соҳибкорон институтҳои қарзӣ низ ҳангоми пешниҳоди қарз ба соҳибкорон ба як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳо дар маҷмуъ ба кам шудани пешниҳоди қарз оварда мерасонанд. Яке аз ин мушкилот ин паст будани қобилияти қарзпардозии соҳибкорон мебошад *(Ҷадвали 2)*.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2, ҳаҷми қарзҳои хурд ва пардохти онҳо меафзоянд ва ин маънои онро дорад, ки соҳибкорон имконияти истифодаи васеи қарзҳоро доранд ва аз он истифода менамоянд. Аз нигоҳи институтҳои қарзӣ бошад, афзоиши бузургии нишондиҳандаҳои 3, 4 ва 5-уми ҷадвали 2 хело нигаронкунанда мебошад. Агар соли 2009 соҳибкорон 99,17 фоизи қарзҳоро пардохт карда бошанд, соли 2013 онҳо ҳамагӣ 79,24 фоизи қарзҳоро пардохтаанд ва 20,76 фоизи қарзҳо пардохт карда нашудаанд. Чӣ тавре, ки аз маълумоти ҷадвали дар боло овардашуда бармеояд, таносуби пардохти қарзҳо нисбат ба ҳаҷми умумии қарзҳо кам шуда истодааст ва ҳаҷми қисми пардохтнашудаи қарзҳои соҳибкорон меафзоянд. Ин ҳолат имкон намедиҳад, ки институтҳои қарзӣ дараҷаи фоизи қарзро паст намоянд ва захираҳои қарзиашонро васеъ намоянд. Инчунин бештари институтҳои қарзӣ манфиатдоранд, ки бо соҳибкороне қарз пешниҳод намоянд, ки таърихи "равшани" қарзгирӣ доранд ва шарики боэътимод ба ҳисоб мераванд. Ҳатто дар чунин ҳолат низ ба фикри ман институтҳои қарзӣ таваккали бузург мекунанд, зеро ки онҳо имкону механизми сари вақт мушоҳида намудани мушкилоти молиявии мизоҷонашонро надоранд.

Дигар мушкилоте, ки соҳибкорон барои институтҳои қарзӣ эҷод менамоянд, ин шаффоф набудани бизнес ва ҳисоботи молиявии онҳо мебошад. Хусусан соҳибкорони хурду миёна бо технологизатсияи ҳисоботи молиявӣ чандон шавқманд нестанд, зеро ки аз як тараф ин хароҷоти онҳоро зиёд мекунад ва аз тарафи дигар онҳо бо кам нишон додани фоидаашон ва камтар супоридани андозҳо сахт манфиатдоранд. Аз ҳамин ҷиҳат, қарздиҳандагон имкони пурра таҳлил намудани вазъу имкониятҳои қарзгирандагонро надоранд ва дар баъзе мавридҳо баҳогузории қобилияти қарзпардохткунии соҳибкорон нодуруст сурат мегирад.

Мавҷуд набудани таҳлили стратегии намудҳои гуногуни бозорҳо ва соҳаҳои иқтисоди кишвар низ мушкили институтҳои қарзиро афзун менамояд, зеро дар чунин ҳолат баҳо додан ба фоиданокии шаклҳои гуногуни бизнес ва сегменти бозорҳо корест басо мушкил, ки хароҷоти институтҳои қарзиро афзун менамояд. Бештари

институтҳои қарзӣ ҳангоми пешниҳоди қарз ба мизоҷони корпоративӣ назар ба пешниҳоди қарз ба якчанд соҳибкори хурду миёна камтар хароҷот мекунанд. Аз ҳамин ҷиҳат афзоиши хароҷот ҳангоми интихоби мизоҷон ба қимат шудани нархи захираҳои қарзӣ (меъёри фоизи қарз) оварда мерасонад.

Бо дарназардошти таҳлилҳои дар боло овардашуда барои ҳалли мушкилоти муносибатҳои қарзӣ ва самаранок намудани таъсири қарз ба рушди соҳибкорӣ бояд аз механизмҳои зерин истифода намуд:

1. Механизми ҷуброни қисман ё пурраи фоизи қарзҳои бонкӣ аз ҳисоби буҷет барои соҳибкорони истеҳсолӣ кор карда шавад. Минбаъд барои соҳибкороне, ки аз ҳисоби қарзи бонкӣ ҷойҳои нави корӣ бунёд менамоянду молҳои рақобатпазир истеҳсол менамоянд, субсидияҳои мақсадноки давлатӣ ҷудо карда шавад, ки танҳо ба хотири пардохти фоизи қарз истифода карда шаванд.

2. Дар баробари механизми гаравмонии амвол инчунин бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар институтҳои қарзӣ додани қарзро дар асоси бизнес-план (нақшаи бизнес) ба роҳ монанд. Яъне, институтҳои қарзӣ дар таҳия ва амалӣ шудани бизнес-планҳои соҳибкорон бевосита иштирок намоянд ва ба соҳибкорон танҳо барои амалӣ шудани ҳамин бизнес-план қарз дода шавад. Агар дар ҷараёни амалӣ шудани бизнес-план ягон монеаҳо ба вуҷуд оянд, институтҳои қарзӣ ба соҳибкорон маслиҳат диҳанд ва кумак расонанд. Бо чунин шакли кумакрасонӣ институтҳои қарзӣ қобилияти пардохтпазирии мизоҷонро идора намуда, онҳоро мудати дуру дароз нигоҳ медоранд ва ба баргаштани қарз эътимод пайдо мекунанд.

3. Азбаски фоиданокии баъзе шаклҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон хело кам аст, соҳибкорони хурду миёна барои васеъ намудани фаъолияташон ба маблағгузориҳои калон эҳтиёҷ доранд, бинобар ҳамин зарур аст, ки механизми қарздиҳии коллективӣ ба роҳ монда шавад. Чунин шакли қарзҳо ба соҳибкороне дода шаванд, ки ба истеҳсоли як намуди мол сару кор доранд ё манфиатҳои муштарак доранд ва ҳамдигарро дар сурати зарурӣ метавонанд аз нигоҳи молиявӣ кумак намоянд. Қарздиҳии коллективӣ имкон медиҳад, ки соҳибкороне, ки амволи гаравӣ надоранд, ба қарзҳо дастрасӣ пайдо намоянд.

4. Механизми қарздиҳии соҳибкороне, ки "аз сифр" оғози фаъолият менамоянд, кор карда шавад ва дар доираи он имтиёзҳои гуногун дар масъалаи ба гарав мондани амвол пешбинӣ шавад. Иштироки бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун шарики соҳибкорони истеҳсолӣ тавассути ин механизм низ метавон таъмин намуд ва ба онҳо имконият дод, ки дар истеҳсоли маҳсулот саҳм бигиранд ва аз ин ҳисоб даромад ба даст оварда дар як вақт ба сифати қарздиҳанда ва соҳибкор фаъолият намоянд.

**Ш.Қодиров,**
*номзади илмҳои иқтисодӣ,*
*корманди Пажӯҳишгоҳи иқтисод*
*ва демографияи Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Бюллетени омори бонкӣ, №12(233) 2014-www.nbt.tj
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар январ-декабри соли 2014. – Душанбе 2015
3. Муминова Ф.М. Развитие рынка микрокредитования в РТ как условие развития малого предпринимательства- http://www.mts.tj/ext/Ekanomika/Issledovaniya_publikatsiya_doklad/
4. Нишондиҳандаҳои рушди соҳибкорӣ ва секто-ри шахсӣ-http://gki.tj/tj/redprinimatelskaya_deyatelnost/okazateli_razvitiya_predprinimatelskoi_deyatelnosti_i_chastnogo_sektora_v_/
5. Рейтинги Бонки ҷаҳонӣ "Оиди пешбурди соҳибкорӣ"- http://russian.doingbusiness.org/data/exploreeconomies/tajikistan/resolving-insolvency
6. Тоҷикистон дар рақамҳо 2014. – Душанбе 2015
7. Тоҷикистон: 20-солагии истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ). – Душанбе 2011.

# Сиёсати бозори озод

*Дар давоми давраи солҳои 2000–2013 афзоиши шумораи аҳолии мамлакат 130,3 фоизро ташкил дода бошад, даромади пулии аҳолӣ 22,2 баробар, хароҷоти аҳолӣ барои харидӣ молҳо ва пардохти хизматҳо 24,2 баробар, дараҷаи музди миёнаи якмоҳа 4,5 баробар, музди ҳақиқии меҳнат зиёда аз 9,5 баробар зиёд карда шудааст.*



Аз замонҳои пеш иқтисодшиносони зиёде доир ба иқтисодиёти озоду бозори озод ақидаҳои ҳархеларо пешниҳод карда омадаанд. Мебояд иқрор кард, ки мафҳумҳои “иқтисодиёти озод” ва “бозори озод” дар мавридҳои ҷудогона ҳамчун ҳодисаву равишҳои ба ҳамдигар монанду якхела маънидод карда мешаванд. Дар асл бошад, ин гуна маънидод камбудиву зиддиятҳоро дарбар гирифта метавонад. Чунки ҳарчанд бозор рукни намоёну маркази иқтисодиёт мебошад, аммо амалан вай ҳеҷ гоҳ тамоми иқтисодиётро дарбар гирифта наметавонад. Албатта, бозор дар марҳилаи муайяни инкишофи иқтисодиёти ҷамъиятӣ ба миён оварда шуда, вай торафт зиёдтар ривоҷу равнақ меёбад ва ҳамчун қувваи пешбарандаю ниҳоят пурқуввати иқтисодиёт хизмат мекунад.

Дар бобати бозори озод ҳанӯз поягузорони илми иқтисодӣ Адам Смит ва Давид Рикардо – шаҳрвандони барӯманди Британиёи Кабир – сардафтарони илми иқтисодӣ маълумоти пурраву комил пешниҳод намуда буданд. Онон иқтисодиёти замонавии ин мамлакатро таҳлилу тасниф карда нишон дода буданд, ки омили муҳимтарину натиҷаовари рушди иқтисодии мамлакат бозори озод ва ё кушода буда метавонад. Дар ҳамин маром, иқтисодиётро тасниф карда нишон дода буданд, ки ҳарчанд дар он замонҳо саноати ватаниро аз рақобату ҳарифии аҷнабӣ ҳифз намудан зарур мебошад, аммо озоду кушод будани бозор имконияти васеътари рушду пешрафти иқтисодии мамлакатро ба миён оварда метавонад.

Ҳамин тарз, аз миёнаҳои асри бистум иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо чунин марҳилаи инкишоф омада расида буд, ки дигар дар маънои комилу пуррааш пӯшида буда наметавонист. Ҳолати зайлро бо ҳамон нишонаҳо пайванд медонанд, ки дар ин марҳилаи инкишофи тамаддун сатҳи рушди иқтисодии мамлакатҳо хеле дигаргун гардида вобастагию алоқамандии давлатҳо ба марҳилаи нав расида, ба ҷойи тобеъияту фармонвареи пешина пайвандии бевоситаи иқтисодии зинаи навро ба миён оварда буд. Ин ҳолат бо ҳамдигар пайвастану омезиши нави мамолики сершумори мавҷударо тақозо дошт.

Яъне, ҳамгироии иқтисодии давлатҳо ҳамчун ибтидои зуҳуроти ҷаҳонишавии минбаъда таъйи-

ноту вазифаҳои дигару навтарини иқтисодиву сиёсиро ба миён оварда буд. Акнун дар ин вазъият давлатҳо на роҳи ҷудоӣ, балки роҳу василаи ба ҳамдигар наздик шудан, пайвандию ягонагии онҳоро талаб мекард. Яке аз сабабҳои намоёни чунин вазъияти гуворо дар тақсимоти минбаъдаи меҳнат ва тахассуси бениҳоят нафъовари истеҳсолот дарёфтан имконпазир аст. Мувофиқи баъзе маълумот, дар ҷаҳони ибтидои асри 21–ум зиёда аз 25 млн. номгӯй маҳсулоту неъматҳо мубодила карда мешуданд. Ин миқдор неъматҳову маҳсулотро ҳатто гурӯҳи ҳамҷояи давлатҳо ҳам бо осонӣ тавлид карда наметавонанд. Яъне тақсимоту тахсиси меҳнату истеҳсолот то ҳамон дараҷае инкишоф ёфта ба камолот расидааст, ки дигар вазифаи истеҳсоли ҷамъи маҳсулоту хадамотро гурӯҳи алоҳидаи давлатҳо ҳам бар зимма гирифта наметавонад.

Пажӯҳишгарони алоҳида ҳанӯз дар нимаҳои аввали садаи бистум ба чунин хулосаи муҳим расида буданд, ки аввалан бозори озод дар сатҳу масоҳати давлати ҷудогона ба миён омада, ҳамчун сабабгори асосии ривоҷу равнақи иқтисодиёти миллӣ хизмат кардан мегирад. Дар оқибат иқтисодиёти давлатҳои рӯ ба бозори озод оварда босуръат пеш рафта, оқибатҳои нафъовари қувваи иқтисодиёт, иқтидори онро дучанд мегардонанд. Масалан, солҳои 60-70-уми асри сипаригардида давлатҳои Олмони федеративӣ, Италия, Ҷопон суръати пешрафти солонаи иқтисодиёташонро то 10-12 фоизи миёна расонида буданд. Давоми даҳсолаҳои 80-90-ум бошад, ҳамингуна суръати пешрафтро Ҷумҳурии Мардумии Чин ба даст оварда буд. Давоми даҳсолаи аввали асри бистуякум бошад, ин суръат, ки онро "мӯъҷиза" меноманд, аз адади 10 камтар шудааст. Дар мадди назар доштан зарур аст, ки суръати афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохили (ММД)-и Тоҷикистон ҳам ҳарчанд аз "мӯъҷиза" поёнтар қарор дошт, вале амалан 6-8 фоизи миёнаи солонаро дарбар гирифта омад. Ин суръат барои Тоҷикистони кӯчаку аз ҷанги шадиди шаҳрвандии солҳои 1991-1997 баромада суръати ниҳоят хубу айни муддао ҳисоб карда мешавад.



**Б.Исомат,** профессори кафедраи Назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

*Пажӯҳишгарони алоҳида ҳанӯз дар нимаҳои аввали садаи бистум ба чунин хулосаи муҳим расида буданд, ки аввалан бозори озод дар сатҳу масоҳати давлати ҷудогона ба миён омада, ҳамчун сабабгори асосии ривоҷу равнақи иқтисодиёти миллӣ хизмат кардан мегирад.*

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди навини фаъолияти иқтисодиёт наворариҳои куллан дигаргунаву замонавии фаъолияти бозори озодро ба миён овард. Дар давлатҳои баъдисаноатию пешрафтаи ҷаҳон мавқеи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба таври назаррас тағйир ёфтаанд. Замонҳои пештар ҳиссаи аз ҳама намоёни ММД (шояд 50-60 фоиз) дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ ба вуҷуд оварда мешуд. Ҳоло бошад, ин ҳисса ба таври назаррас кам шуда, дар ИМА ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ то 65-70 фоиз ММД расида истодааст.

Масъалаи дигари бо тағйироти бозори озод пайванд, ки зери таъсири ҷаҳонишавӣ суръат гирифта меояд, тағйироти тарзи коркарди маҳсулот (технология) ба шумор меравад. Мебояд иқрор кард, ки солҳои пешин чунон ки дар боло ёдрас кардем, истеҳсолоти саноатии мамлакатҳо миқёсан васеъ буда, ҳиссаи нисбатан калонтари иқтисодро дарбар мегирифт ва ба истифодаю корбурди дастгоҳҳои алоҳидаву ҷудогонаи сершу-

мор асос меёфт. Ҳоло бошад зери таъсири инқилоби илмию техникӣ куллан дигаргун гардида, аз ҳама зиёдтар ҳамчун занҷири яклухту пайвастаи хатҳои технологиву таҷҳизоти мураккаб амал карда меояд. Ин хатҳои технологии пайваста дар ҳамҷоягӣ кор фармуда мешаванд ва коркарду омодасозии маҳсулотро то ноил гардидан ба натиҷаҳои ниҳоӣ ё маҳсулоти тайёр дарбар гирифтаанд.

Инқилоби илмию техникӣ натанҳо равандҳои технологии тавлидгарии маҳсулоту неъматҳоро бо пуррагӣ дигаргун сохт, балки дар ҳамин марому равиш ба иқтисодиёту ҷамъият низ таъсири худро гузошт. Дар замони мо аллакай таркиби бозор низ дигаргуниҳои намоёнро соҳиб гардидааст. Агар солҳои пешина дар бозори ҷаҳонӣ аз ҳама бештар молҳои тайёру нимтайёр, ашёи хом, дастгоҳу олотҳои корӣ хариди фурӯш мешуда бошанд, ҳоло дар таркиби бозори ҷаҳонӣ чунин унсурҳои муҳимтаринро дучор омада метавонем:

а. бозори ҷаҳонии молиявӣ;
б. молҳову хадамот;
в. қувваи коргарӣ;
г. иттилоот ва воситаи ахборот;
д. ихтироот, кашфиёт ва навовариҳо.

Мо имкони таҳлили муфассали унсурҳои номбурдашударо надорем. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки дар таркиби бозори молиявӣ ҳиссаи бозори сармоя аз ҳама васеътар ва тезҳаракат дониста мешавад. Чунки интиқоли замонавии маблағҳо бо ёрии воситаҳои ҳозиразамони электронӣ сурат гирифта, барои гузаронидани маблағҳои ҳатто ҳангуфт вақти кам талаб карда мешавад. Ғайр аз он маълумоти пажӯҳишгарон собит месозанд, ки дар замони мо ҳаҷми гардиши бозори молиявӣ назар ба ҳамаи унсурҳои дигари бозор назарнамо зиёдтару зудбадал мебошад. Илова бар он, агар сатҳи фоиданокии сармоя дар истеҳсолоти саноатӣ тӯли садсолаи гузашта дар дараҷаи 20-25 ё 15-20 фоиз қарор дошта бошад, вай дар якчанд даҳсолаҳои охир то дараҷаи 10-12 фоиз паст фаромадааст. Аммо дараҷаи фоиданокии воситаҳои молиявию коғазҳои қиматнок мавридҳои ҷудогона то 50 фоиз расида метавонад. Чунки фондҳои молиявӣ амалан зудбадалу тезҳаракат мебошанд ва мувофиқан ковокиҳои намоёну самарабахшро бо зудӣ дарёфт намуда амал мекунанд.

Акнун таснифи баъзе масъалаҳои бозори озод дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 изҳор дошт: “Тавре ки борҳо таъкид карда будам, мо азму талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олӣ қабул ва амалӣ карда мешаванд”. Мувофиқи ҳамин таъйинот, соли равон дараҷаи музди кори кормандон 15-20 фоиз зиёд карда шуда, музди ҳадди ақал аз 250 то 400 сомонӣ зиёд карда мешавад.

Дар давоми давраи солҳои 2000 – 2013 афзоиши шумораи аҳолии мамлакат 130,3 фоизро ташкил дода бошад, даромади пулии аҳолӣ 22,2 баробар, хароҷоти аҳолӣ барои хариди молҳо ва пардохти хизматҳо 24,2 баробар, дараҷаи музди миёнаи якмоҳа 4,5 баробар, музди ҳақиқии меҳнат зиёда аз 9,5 баробар зиёд карда шудааст. Яъне иқтисодиёт бомаром пеш рафта, сатҳи камбизоатии шаҳрвандони мамлакат аз 83 фоизи соли 1998 соли 2014 то ба 32 фоиз паст карда шудааст.

Аз рақамҳои воқеӣ бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба истиқлолият расидан, кӯшиши ислоҳоти куллии иқтисодиро пеш гирифта, онро бомарому суботкорона дар ҳаёт татбиқ карда меояд. Сутунпояҳои ин ислоҳотро рӯоварӣ ба иқтисоди бозорӣ ва таъмин кардани озодии воқеии бозор ташкил медиҳанд.

Давлатҳои хурду сустинкишофи ҳозираи ҷаҳон мавридҳои алоҳида ба ҷойи сиёсати бозори озод раванди маҳдуд кардани савдои хориҷиро пеш гирифта меоянд. Чунин ҳолат, ҳамон вақт пеш гирифта мешавад, ки

савдои молҳои муайян маҳдуд карда шуда, барои воридоти ин гуна молҳо андоз таъйин карда мешавад. Бо ин роҳ, нархи фурӯши молҳои мазкур дар бозори дохилӣ баландтар муқаррар шуда, андозҳо ҳиссаи даромади буҷети давлатиро ташкил медиҳанд. Давлат бошад ин гуна даромадҳои зиёдатиро барои пешбурди иқтисодиёти миллӣ ва ё чораҳои иҷтимоӣ истифода мебарад. Мебояд таъкид кард, ки сиёсати савдои озод барҳам додани ҳаргуна маҳдудиятҳоро талаб мекунад. Дар натиҷаи он нархи молҳо дар бозори дохилӣ арзон шуда, ба дараҷаи некӯаҳволии мардумон таъсири мусбат мерасонанд. Аммо дар замони ҳозира на ҳамаи давлатҳои ҷаҳон озодии пурраю комили савдои берунии худро пеш гирифта метавонанд. Чунки дар он ҳолат ҳиссаи муайяни даромади буҷетро бой дода ба норасоии амалии даромади буҷеташон дучор мегарданд.

Мебояд иқрор кард, ки аз замони ба бозори озод рӯй овардан Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии номгӯйи ниҳоят сершумори молҳоро бартараф намуда, бозори дохилии худро нисбатан ғанӣ гардонид. Аммо ҳиссаи зиёди молҳои истеъмолии халқ, ки дар бозорҳои дохилӣ мубодила карда мешаванд, аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд. Ин вазъият нави навоварию ноустувории иқтисодиётро ба миён меоварад. Илова бар он, ҳиссаи муайяни мардумони қобили меҳнат ризқу рӯзии худро дар мамлакати хориҷа ҷустуҷӯ доранд. Барои аз ин ҳолатҳо раҳоӣ ёфтан истеҳсолоти дохилӣ бояд босуръат васеъ карда шавад ва соҳибкорони боғайрати ватанӣ рӯйи кор оянд. Иҷрои ин вазифаҳои намоёни иқтисодиёти ватанӣ дар озодии боз ҳам зиёдтари фаъолияти соҳибкорӣ, таълиму омӯзиши замонавии босуботи ҷавонон, ҳарчи зиёдтар дилангезу дилчасп гардонидани амали хоҷагидорӣ, фароҳам сохтани муҳити мусоиду фоидаовари фаъолияти соҳибкорӣ барои аҷнабиён, истифодаи комилу пурраи захираҳои мавҷудан ватанӣ қарор дорад. Зеро дар роҳи озодии бозор ҳар гуна монеаҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Бартарафсозии саривақтии ин монеаҳо ҳам тобеъ ба санъату маҳорати хоҷагидории давлатӣ мебошад.

**Б.Исомат,**
*н.и.и., профессори ДДТТ,*
**Ҷ.Машокиров,**
*устоди калони ДДТТ*

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Омӯзгор", № 5 (11969). 30.01.2015., саҳ 1.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014. – Душанбе., саҳ. 18-19.

# Пардохтҳои ғайринақдӣ шаффофияти молиявиро таъмин мекунанд




*Дар се моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии амалиётҳои тавассути қартаҳои пардохтӣ гузаронидашуда 1 333 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39,7 фоиз зиёд мебошад.*

Афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад. Зеро, бартарӣ доштани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ дар муомилоти кишвар аз сатҳи пасти рушди инфрасохтори молиявӣ шаҳодат дода, ба афзоиши иқтисодиёти пинҳонӣ мусоидат менамояд. Дар навбати худ, иқтисодиёти пинҳонӣ барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мамониат намуда, ба камшавии манбаи андозбандӣ оварда мерасонад ва мушкилотро ҳангоми муайян намудани дурнамою банақшагирии иқтисодиёт ба миён меорад. Бо назардошти муҳим будани ин масъала, мақомоти давлатӣ барои кам кардани миқёси иқтисодиёти пинҳонӣ ва афзоиши шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ чораҳои гуногунро рӯйи кор меоваранд.

Ҷиҳати чораҷӯйӣ намудани масъалаҳои коҳиши муомилоти пули нақд дар кулли амалиёти тиҷоратӣ, хариду фурӯши маҳсулот ва хизматгузорӣ, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳайати мутахассисони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти Гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва БДА ҶТ “Амонатбонк” Гурӯҳи корӣ байниидоравӣ таъсис дода шуд.

Дар ҷаласаҳои Гурӯҳи кории зикргардида масъалаҳои васеъ намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, танзим ва коҳиш додани муомилоти пули нақд дар амалиётҳои тиҷоратӣ, хариду фурӯши маҳсулот ва хизматгузорӣ муҳокима гардида, дар асоси таклифу пешниҳодҳои аъзои Гурӯҳи корӣ бо назардошти таҷрибаи муосири байналмилалӣ лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути қартаҳои пардохтии бонкӣ” таҳия гардид.

Лоиҳаи Қарори мазкур тибқи тартиби муқарраргардида барои баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2014 таҳти №815 Қарор “Оид ба тадбирҳои вусъат додани

ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути картаҳои пардохтии бонкӣ” қабул гардид.

Қарори мазкур барои кам кардани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ, афзоиши шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути картаҳои пардохтии бонкӣ мусоидат менамояд.

Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва дигар муассисаҳои дахлдор уҳдадор карда мешаванд, ки раванди қабули маблағҳоро ҳангоми пардохти молу хизматрасониҳо, пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба он баробарро ба таври ғайринақдӣ тавассути картаҳои пардохтии бонкӣ, таъмин намоянд. Бо ин мақсад, муассисаҳои зикргардида бояд ба таври ҳатмӣ бо дастгоҳҳои (терминалҳои) электронӣ муҷаҳҳаз шаванд. Терминалҳои электронӣ дар муассисаю ташкилотҳое, ки дар замимаи Қарори мазкур муайян гардидаанд, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ насб карда мешаванд.

Айни замон дар низоми бонкии кишвар 16 ташкилоти қарзӣ барориш ва хизматрасонии картаҳои пардохтии бонкиро ба роҳ мондаанд. Дар ин самт бонкҳои ватанӣ бо Низоми пардохти миллии “Корти миллӣ”, низомҳои пардохтии байналмилалии VISA, MasterCard, UnionPay ва бо дигар низомҳо ҳамкорӣ намуда истодаанд.

Ба санаи 1 апрели соли 2015 миқдори умумии картаҳои пардохтии аз ҷониби бонкҳои ватанӣ ба муомилот баровардашуда, 1160 670 ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39,5 фоиз зиёд мебошад. Миқдори дорандагони картаҳои пардохтӣ 1142 513 нафарро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 41 фоиз зиёд гардидаанд.

> *Давлатҳои ҳамсоя, аз қабили ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ўзбекистон, Озарбойҷон, Арманистон ва Украина чорабиниҳои таъсиррасонии давлатӣ натиҷаи мусбӣ дода, ба рушду равнақи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ин давлатҳо такони ҷиддӣ бахшиданд.*

Айни замон барои хизматрасонии дорандагони картаҳои пардохтии бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ 717 адад банкомат ва 1 633 адад терминалҳои электронӣ насб намудаанд. Шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 108 (17,7 фоиз) адад ва 461 (39,3 фоиз) адад афзуданд. Аз ин миқдор терминалҳои электронӣ 1 182 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва ҳамагӣ 451 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудаанд.

Дар се моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии амалиётҳои тавассути картаҳои пардохтӣ гузаронидашуда 1 333 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39,7 фоиз зиёд мебошад. Аз ин ҳаҷми амалиёт 1 279,4 млн. сомонӣ амалиёти гирифтани пули нақд буда, 54,7 млн. сомонӣ амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ мебошад. Яъне, аз ҳаҷми умумии амалиётҳои тавассути картаҳои пардохтӣ иҷрогардида, танҳо 4,1 фоиз ин пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ мебошад.

Новобаста аз афзоиши пуравҷи шумораи картаҳои пардохтии бонкӣ дар муомилот, истифодаи онҳо ҳангоми пардохти ғайринақдии молу хизматрасониҳо то ҳол дар сатҳи паст қарор дошта, ҳиссаи асосии ҳисоббаробаркуниҳо ба таври нақдӣ амалӣ гардида истодаанд.

Хусусияти бозори кортаҳои пардохтии кишвар аз он иборат аст, ки аксарияти дорандагон кортаҳои пардохтиро дар навбати аввал ҳамчун воситаи гирифтани пули нақд истифода мебаранд. Дар асл ба ҷойи ташкили низоми босамари ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, раванди додани маош ва нафақа ба таври нақдӣ бо истифодаи кортаҳои пардохтӣ амалӣ гашта истодааст.

Инфрасохтори хизматрасонии кортаҳои пардохтӣ асосан аз ҳисоби афзудани миқдори таҷҳизоти хизматрасон, аз қабили шабакаи банкоматҳо ва нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд тараққӣ карда, ҳиссаи зиёди онҳо дар пойтахт ва шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд.

Тадқиқоту таҳлилҳои гузаронидаи институтҳои бонуфузи байналмилалӣ ва бонкҳои марказӣ таъсири мусбии истифодабарии кортаҳои пардохтиро ба низоми молиявӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳанд.

Натиҷаи ин тадқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи оммавии кортаҳои пардохтӣ ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат намудааст. Масалан, ҳангоми ба 1 фоиз афзудани пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортаҳои пардохтӣ воридшавии андоз аз ин соҳаҳо 1,56 фоиз зиёд гардид. Яъне, зиёдшавии пардохтҳо бо истифодаи кортаҳои пардохтӣ ба иловатан афзудани воридшавии андоз мусоидат намуда, ҳамчун яке аз омилҳои устувори рушди иқтисоди миллӣ ҳисобида мешавад. Аз ин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки сиёсати давлатӣ, ки ба зиёд намудани истифодаи кортаҳои пардохтӣ равона шудааст, фоидаи муассисаҳои соҳаи савдо ва хизматрасониро барои андозбандӣ дастрас менамояд.

Инчунин, ҳангоми 1 фоиз зиёд шудани ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортаҳои пардохтӣ, ҳаҷми амонатҳо 0,13 фоиз зиёд гардидаанд. Аз ин бармеояд, ки бо афзоиши шумораи кортаҳои пардохтӣ дар муомилот ва истифодаи оммавии онҳо талаботи шахсони воқеӣ ба маблағҳои нақд кам мегардад. Дар натиҷа, ҳаҷми амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ афзуда, дар навбати худ барои афзоиши пардохтпазирии низоми молиявӣ ва рушди минбаъдаи иктисодиёт шароити мусоид фароҳам мегардад.

Таҷрибаи муосири рушди пардохтҳои электронӣ дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ нишон медиҳад, ки як қатор чорабиниҳои таъсиррасонии давлатӣ, метавонанд ба афзоиши истифодабарии кортаҳои пардохтӣ ва зиёд шудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат намоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар давлатҳои ҳамсоя, аз қабили ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Арманистон ва Украина чорабиниҳои таъсиррасонии давлатӣ натиҷаи мусбӣ дода, ба ривоҷу равнақи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ин давлатҳо такони ҷиддӣ бахшиданд.

Бовар дорем, ки татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортаҳои пардохтии бонкӣ” дар кишвари мо ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини шаффофияти ҷараёнҳои молиявӣ мусоидат мекунад.

**Ш. Салоҳиддинов,**
*Сардори Шуъбаи назорати низоми пардохти Департаменти низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон*

# Нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт



Яке аз омилҳои рушди иқтисодӣ дар замони муосир, ин сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи шарҳи васеи назарияи иқтисодӣ, боигарии миллӣ аз се унсур иборат аст: сармояи инсонӣ, захираҳои табиӣ ва сармояи истеҳсолӣ. Бояд қайд намуд, ки қисми зиёди боигарии миллии ҷаҳониро сармояи инсонӣ ташкил медиҳад.

Аммо ҳиссаи ниҳоии сармояи инсонии андӯхташуда дар боигарии миллии баъзе давлатҳо нисбат ба боигарии миллии ҷаҳонӣ камтар мебошад. Дар давлатҳои тараққикарда ба дӯши сармояи табиӣ (захираҳо) 10 фоиз, ба сармояи истеҳсолӣ 20 фоиз ва ба сармояи инсонӣ 70 фоиз боигарии миллӣ рост меояд.

Мафҳуми "сармояи инсонӣ" аввалин маротиба дар осори иқтисодчӣ Теодор Шултс, ки ба масъалаи вазъи душвори давлатҳои камбизоат ё қафомонда марок зоҳир менамуд, истифода бурда шудааст. Баъдан давомдиҳандаи кори ӯ Гэри Беккер ин мафҳумро васеътар карда самаранокӣ ва зарурияти маблағгузорӣ ба сармояи инсониро исбот намуд.

> *Тибқи баъзе тадқиқот афзоиши сармоягузорӣ барои рушди сармояи инсонӣ ба 1000 сомонӣ ба ҳисоби миёна боиси зиёд шудани ҳаҷми ММД ба 2 650 сомонӣ мегардад.*

Инсон маълумоти қабулкардаашро истифода бурда дониши нав ҳосил менамояд, ки он сарчашмаи навовариҳо мегардад. Дар шароити рушди инноватсионӣ, дониш сарвати асосии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истифодабарии дониш асоси рушди моддӣ ва маънавии ҷомеа мегардад. Тағйирёбии шароити иқтисодӣ боиси он гашт, ки бисёр иқтисоддонҳо намуди нави рушди иқтисодиро бо номи "иқтисодиёти донишӣ" ё "иқтисодиёти зеҳнӣ" ҷудо карданд.

Дар иқтисодиёти муосир сармояи инсонӣ бартарияти асосии рақобатпазирии он ба ҳисоб меравад. Чунки маҳз сармояи инсонӣ имкони амалигардонии навовариҳо, мутобиқшавӣ ба шароитҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ноилгардӣ ба рақобатпазирии баландро медиҳад.

Мавҷудияти сармояи инсонӣ ва дараҷаи инкишофёбии он омили асосии рушди инноватсионии дилхоҳ давлат ба ҳисоб меравад. Давлатҳое, ки ба нақш ва мақоми сармояи инсонӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, аллакай барои гузариш ба иқтисодиёти баъдииндустриалӣ замина фароҳам овардаанд. Ба ин мисол шуда метавонанд давлатҳои тараққикарда аз қабили ИМА, Ҷопон, Финландия ва ғайраҳо.

Таҷрибаи ИМА ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба таври кофӣ дурустии роҳи интихобнамудаашон ва самаранокии механизмҳои мавҷудбударо исбот намуданд.

Дар асоси истифодаи самаранокии назарияи сармояи инсонӣ Шветсия иқтисодиёти худро замонавӣ

гардонид ва дар аввали солҳои 2000 тавонист мавқеи худро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ пайдо намояд.

Финландия дар муддати кӯтоҳтарини таърихӣ тавонист гузариш аз иқтисодиёти ба ашёи хом асосёфтаро ба иқтисодиёти иноватсиониро таъмин намояд. Ин давлат тавонист технологияҳои муосири рақобатпазири худро ихтироъ намояд ва дар баробари ин аз коркарди амиқи сарватҳои бойи табиии худ, яъне ҷангал даст накашад.

Ин имкон дод, ки Финландия дар раддабандии ҷаҳонӣ (рейтинг) аз рӯйи рақобатпазирии иқтисодиёт ҷойи аввалро ишғол намояд. Финландия маҳз аз ҳисоби даромадҳои аз ҳисоби коркарди ашёи хоми ҷангал ва табдил додани онҳо ба молҳои дорои арзиши изофаи баланд тавонист ихтироъ ва истеҳсоли молҳои инноватсионӣ ва технологии муосири худро ба роҳ монад.

Ин гуфтаҳо пеш аз ҳама гувоҳи онанд, ки имрӯз сармояи инсонӣ пеш аз ҳама омили таъминкунандаи мақоми дилхоҳ давлат дар арсаи байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавонем қайд кунем, ки рақобатпазирии сармояи инсонӣ дар доираи давлати муайян бартариятҳои умумии рақобатпазирии ин давлатро дар сатҳи бозори ҷаҳонӣ муайян менамояд.

Ҳангоми фаҳмидани нақш ва мақоми волои сармояи инсонӣ маълум мегардад, ки сабаби асосии натиҷаҳои ғайриқаноатбахши фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар кишвар, маҳз сатҳи пасти рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯз иқтисодиёти мамлакат ва таъмини рушди он ба сармояи инсонӣ эҳтиёҷи аввалиндараҷа дорад. Мо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷудо нестем, балки имрӯз як ҷузъи асосии он мебошем. Дар баробари ин имрӯз ҳукумати ҷумҳурии мо сиёсати дарҳои кушодаро пеш гирифтааст. Аз ин лиҳоз вазъ ва ҳолати инкишофёбии сармояи инсонӣ ин танҳо мушкилии дохилӣ набуда, балки то ба дараҷае нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ низ муаррифӣ менамояд.

Мавриди қайд аст, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ имрӯзҳо маҳз ҳиссаи хариду фурӯши дороиҳои хусусияти ғайримоддӣ дошта афзуда истодааст. Аз ин лиҳоз нақши сармояи инсонӣ низ бештар ва фаъол мегардад.

Агар ба таркиби тиҷорати байналхалқӣ назар афканем, он гоҳ мебинем, ки давлатҳои асосии содиркунанда ин Олмон, Чин ва ИМА мебошанд, ки бар дӯши онҳо зиёда аз 30 фоизи содироти ҷаҳонӣ рост меояд. Аз ҳаҷми умумии тиҷорати байналхалқӣ қариб 30 фоиз бар дӯши хизматрасониҳо рост меояд. Ҳиссаи асосии тиҷорати хизматрасониҳои ҷаҳонӣ бар зиммаи ИМА, Британиёи Кабир, Олмон ва Ҷопон рост меояд. Аммо ба сохтори тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем он гоҳ мебинем, ки дар он ҳиссаи асосии содирот бар зиммаи алюминий аввалиндараҷа, нахи пахта ва меваҳои хушк рост меояд.

Яке аз сабабҳои асосии баланд шудани нақши сармояи инсонӣ дар пешравии иқтисодиёти давлатҳои тараққикарда, ин ҳиссаи баланди сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва илм мебошад. Агар ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи маорифро бо солҳои 1950-1990 муқоиса кунем, он гоҳ мебинем, ки имрӯзҳо ин сармоягузориҳо ночизанд. ИҶШС дар ҷаҳон ҳиссаи бештари хароҷот барои соҳаи маорифро дошт, ки он 10 фоизи даромади миллиро ташкил медод, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар он вақт дар ИМА ҳамагӣ 4 фоиз ва давлатҳои Аврупо 2-3 фоизро ташкил медод.

Имрӯзҳо дигар давлатҳо барои соҳаи илм ва маориф бештар сармоягузорӣ менамоянд. Танҳо сармоягузориҳои давлатӣ барои баландбардории сифати сармояи инсонӣ дар давлатҳои тараққикарда аз 10 то 12 фоиз ММД-ро ташкил медиҳад. Дар ҷумҳурии мо бошад сармоягузорӣ ба соҳаи маориф 5,2 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад.

Дар ин радиф дар шароити Тоҷикистон зарур аст, ки сифати сармояи инсонӣ мавриди тадқиқ қарор гирад. Натиҷаҳои ин тадқиқотро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва аъзогӣ дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои баҳодиҳии бартариятҳои рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва минтақавӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин натиҷаҳои ин гуна тадқиқот барои қабули хулосаҳои дуруст

доир ба идоракунии сармояи инсонӣ зарур мебошанд.

Роҳбари бахши макроиқтисодиёти департаменти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва идоракунии иқтисодиёти минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказии Бонки Ҷаҳонӣ Изворский қайд менамояд, ки барои рушди мунтазам барои Тоҷикистон зарур аст, ки сармояи инсониро тавассути рушди соҳаи маориф ва тандурустӣ инкишоф диҳад.

Тибқи гурӯҳбандии илмӣ, сармояи инсонӣ манфӣ ва мусбӣ ё худ вайронкунанда ва барқароркунанда мешавад. Сармоягузорӣ ба сармояи инсонии манфӣ ва ё вайронкунанда ягон натиҷаи хуб дода наметавонад. Ин гуна сармоягузорӣ метавонад боиси монеа барои баландбардории сатҳи некӯаҳволии мардум гардад. Ришвахорӣ, шаҳрвандони бекор, сатҳи пасти дониш ва дигар омилҳо худ инъикоскунандаи сармояи инсонии манфӣ ва ё вайронкунанда мебошанд.

Бинобар ин зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ бештар диққати ҷиддӣ ба сармояи инсонии манфӣ ва ё вайронкунанда дода шавад, то ин ки он ба иқтисодиёт зарарӣ манфӣ нарасонад.

Нақши сармояи инсонии мусбат ва ё барқароркунанда ҳоҷат ба тафсир ва ё шарҳ надорад, чунки он худ боиси рушди устувори иқтисодиёт мегардад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо сармояи инсонии босифат шарти асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад, ки дар интиҳо сатҳи рушди иқтисодиёти онро нишон медиҳад. Ин гуна нуқтаи назар алалхусус дар замони иқтисодиёти муосир рӯзмарра ба ҳисоб меравад, чунки инсоне, ки доимо дар ҳолати инкишофёбист, вай сарчашмаи инкишофёбии ҷомеа мегардад.

Тибқи баъзе тадқиқот афзоиши сармоягузорӣ барои рушди сармояи инсонӣ ба 1000 сомонӣ ба ҳисоби миёна боиси зиёд шудани ҳаҷми ММД ба 2 650 сомонӣ мегардад. Афзоиши сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ ба маблағи 1000 сомонӣ ба ҳисоби миёна боиси афзудани ММД дар ҳаҷми 800 сомонӣ мегардад.

Ҳамин тариқ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ идоракунии сармояи инсониро ба таври зер ба роҳ мондан лозим аст:

1. Зарур аст, ки дар сатҳи мақомоти соҳавии идоракунандаи иқтисодиёт омилҳое, ки боиси кам кардан ва ё аз байн бурдани фарқият байни маҳдудияти сармояи инсонии манфӣ ва мусбӣ мегарданд, муайян карда шаванд;

2. Бояд пешниҳод ва чораҳое андешида шаванд, ки боиси зиддият ба пайдоиш ва истифодабарии сармояи инсонии манфӣ ё вайронкунанда гардад. Ба сифати ин гуна омилҳо метавонанд баромад кунанд:

А) сармоягузорӣ накардан ба кормандоне, ки қобилият ва ё хоҳиши азхудкунии илм ва технологияи муосирро надоранд;

Б) сармоягузорӣ накардан ба барномаҳои илмӣ ва ё таълимие, ки ҷавобгӯйи раванди муосири ҷаҳонӣ нестанд;

В) сармоягузорӣ накардан ба технологияҳое, ки боиси истеҳсоли маҳсулоти замонавӣ ва қобили талабот намегарданд.

3. Зарур аст, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ "Стратегияи баландбардории сифати сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи дарозмуддат" таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад.

Дар хулоса ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки мо бояд имрӯз на танҳо ба масъалаи фаъолгардонии истифодабарии технологияҳои муосир диққати ҷиддӣ диҳем, балки ба масъалаи талафоти рушди иқтисодӣ аз ҳисоби сармоягузорӣ накардан ба сармояи инсонӣ низ диққат додан зарур аст.

**Б.Ҷӯраев, н.и.и.,**
*дотсенти кафедраи*
*хизматрасонии бонкии*
*Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат*

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Senge P.M. The Fifth Discipline / P.M. Senge. NY.: Doubleday, 1990. P. 69.
2. Бернди Э. Практика эконометрики: классика и современность/ перевод с англ. Под редакцией С.А. Айвазян М:2005г.863с
3. Блайндер А. Экономическая теория чистки зубов // THESIS. 1994. С. 887-891.
4. https://ru.wikipedia.org/wiki/Человеческий_капитал
5. Управление ресурсами системы высшего образования Республики Таджикистан в условиях финансового кризиса. Институт "Открытое Общество" - Фонд Содействия в Таджикистане. Душанбе, 2009.- С. 43.
6. Корчагин Ю.А. Российский человеческий капитал: факторы развития и деградации. Воронеж-2005г.
7. Акрамова Заррина Башировна // Формирование и развитие человеческого капитала в трудоизбыточной экономике (на примере Республики Таджикистан) / Автореферат Худжанд – 2012 г.

# “ВАҚФ” –
## сарчашмаи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар ислом



**“Вақф”** – амволе, ки ҳуқуқи моликият ба он бо изҳори ризоияти муассиси вақф - воқиф бо истифодаи пурра ва ё қисми даромад ва ё маҳсулот маҳдуд карда шудааст. Амволе, ки ба вақф (мавқуф) пешниҳод мегардад, дигар моликияти туҳфакунанда нест ва ҳамчунин моликияти оне, ки ба ӯ туҳфа шудааст, намебошад.

Амали ҳуқуқи моликият дар ин ҷо амалан қатъ мешавад. Ба вақф ҳама гуна ашёи мушаххас, табдил дода мешавад, ки онро дар натиҷаи истифода бурдан нобуд кардан имконнопазир аст ва он арзиши худро бо мурури замон аз даст дода наметавонад. Чунин ашё моликияти таркибии (мулк) Аллоҳ ба ҳисоб меравад, ҳол он ки шахс ва ё муассисае, ки ба фоидаи он вақф карда шудааст ҳуқуқ дорад, ки аз он истифода барад ва фоида ба даст орад.

Вақфро дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ пайдо намудан мумкин аст. Масалан, ба ихтиёрдории мусулмонон додани масҷидҳо, мадрасаҳо, библиотекаҳо, казармаҳо, бозорҳо, мағозаҳо ва объектҳои тиббӣ (касалхонаҳо, муолиҷахонаҳо ва ғайра).

**Намудҳои (шаклҳои) асосии вақф:**

**Вақфи бемуҳлат.** Ин маънои онро дорад, ки моликият, яъне амволи ғайриманқуле, ки ба ихтиёрдории вақф дода шудааст, абадан ба вақф мемонад. Барҳамдиҳии ин намуди моликият кори мушкил ва ҷараёни дурудароз мебошад. Ин моликиятро бо қарори суд ба дигар моликияти мутаносиб иваз намудан мумкин аст. Баъди ба анҷом расидани ин амалиёт, амволи ғайриманқул ба вақф мубаддал мегардад ва барои бенефитсиарҳо ҳамон мулки пешина ҳисобида мешавад.

Тағйирнопазирӣ дар шартномаи вақф. Бо сабаби он ки вақф амали хайрия мебошад, вай бояд ба шартҳои асосгузор амалӣ кунонида шавад, ба шарте, ки ба меъёрҳои шариат мутобиқ бошад. Ин чунин маъно дорад: даромад аз ҳисоби вақф, танҳо барои мақсадҳое, ки асосгузори вақф пешбинӣ намудааст, истифода бурда мешавад ва то замоне, ки ба шариат мутобиқ аст, амал менамояд, новобаста аз қарори суд ё ягон органҳои дигари идоракунанда.

**Тарафҳои шартномаи вақф**

Дар шартномаи вақф се тараф амал мекунад:

1. Муассиси вақф (вақиф);
2. Идоракунандаи вақф (мутаваллӣ)
3. Бенефитсиар (истифодабарандаи мулк).

Муассис андозаи моддаҳои гуногуни хароҷотро ба воҳидҳои мутлақ нишон медиҳад ва ё даромадро ба ҳиссаҳо ҷудо намуда, мутаваллиро таъйин менамояд. Зарурияти идора

намудани моликияти гуногун ва алоҳида-алоҳида ба он бурда расонд, ки вақф ба муассисаи ҳуқуқӣ мубаддал гардид.

Мутаваллӣ – дар шартномаи вақф шахсе мебошад, ки нақши асосиро иҷро менамояд. Тақдири моликияти ба вақф гузошташуда аз мутаваллӣ вобастагӣ дорад, яъне то чӣ андоза мутаваллӣ уҳдадориҳои худро босубот иҷро менамояд. Ба уҳдадориҳои мутаваллӣ дохил мешаванд: идоракунии вақф, дарёфт намудани иҷорагирандагони моликияти вақф, ки ба манфиати бенефитсиар мутобиқ мебошад. Дар ҳуҷҷати таъсисии вақф, аз рӯйи қоида андозаи мукофотпулии мутаваллӣ нишон дода мешавад. Одатан мутаваллӣ аз даромади вақф 10 фоиз мукофотпулӣ мегирифт.

Бенефитсиар бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад: дар ҳақиқат вуҷуд дошта бошад, нишонаҳои маълум дошта бошад. Бенефитсиарҳои асосии шартномаи вақф асосан масҷид ва ё рӯҳониёни он баромад мекарданд. Баъдтар муассисаҳои таълимӣ ва мардуми камбизоат низ дохил гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки вақф ин моликияте мебошад, ки барои мақсадҳои алоҳидаи хайрия равона карда шудааст. Вақф на барои шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳои алоҳида, балки барои ҷамъияти мусулмонон амалӣ кунонида мешавад (масалан, чоҳҳо, кӯлҳо ва ғайра). Ин шакли вақфро ҷамъиятӣ (оммавӣ) меноманд. Шакли дигараш вақфи муштарак, ки ҳам барои манфиати шахсони алоҳида ва ҳам барои ҷамъияти алоҳида нигаронида шудааст.

*Вақфро дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ пайдо намудан мумкин аст. Масалан, ба ихтиёрдории мусулмонон додани масҷидҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, бошгоҳҳо, бозорҳо, мағозаҳо ва объектҳои тиббӣ (касалхонаҳо, муолиҷахонаҳо ва ғайра).*

Барои таъсиси вақф шартҳои зерин лозим аст:

1. Моликият бояд амволи ғайриманқул ё ашёе бошад, ки арзиш дошта бошад. Дар ҷамъияти мусулмонон ба вақф замин, бино, уштур, модагов, гӯсфанд, ҷавоҳирот, шамшер ва дигар намуди таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ дохил мешуданд.
2. Моликият бояд барои истифодабарии доимӣ дода шавад. Баъзе аз ҳуқуқшиносон тасдиқ менамоянд, ки вақфи муваққатӣ фақат барои оилаи алоҳида иҷозат дода шудааст.
3. Асосгузори вақф аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ бояд дар ҳолате бошад, ки аз уҳдаи иҷрои амалиёт барояд, яъне кӯдак, девона ва шахсе, ки соҳибмулк нест, вақфро таъсис дода наметавонанд.
4. Мақсади асосии вақф, аз нуқтаи назари шариат ва муассисон бояд амали хайрия бошад. Бинобар ин, ба фоидаи шахсони сарватманд вақф равона карда намешавад.
5. Дар охир, бенефитсиарҳои вақф бояд зинда ва қонунӣ таваллудёфта бошанд.

Вақф дар мавзеи ибодатгоҳ ҳам ташкил карда мешавад, ки мардуми ин минтақаи дар ҷамоати динӣ-мазҳабӣ зиндагӣ ба сар мебаранд, яъне дар ин минтақа сарчашмаҳои сармояи иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Ба ин ҷо маблағҳо аз сармоягузорон, аъзои ҷомеъа, шахсони алоҳида, сохторҳои тиҷоратӣ, соҳибкорони маҳаллӣ, аз ҷумла иттифоқи қарзгирон дохил мешаванд.

Амалиётҳои қарзие, ки тавассути иттифоқи қарзгирон амалӣ мешаванд:

1. **Қарз-ул-ҳасан** (қарзи нек) ба

мизоҷ пешниҳоди маблағи муайянро аз ҷониби иттифоқи қарзгирон таъмин месозад ва мизоҷ уҳдадор мешавад, ки ин маблағро бо ба охиррасии муҳлати муайян ба иттифоқи қарзгирон баргардонад. Мизоҷ бо баргардонидани қарзи асосӣ ба ташкилот, аз рӯйи хоҳиши худ маблағи муайянро дар шакли мукофотпулиҳои ихтиёрӣ ба ташкилот пардохт менамояд (ҳибо). Худи иттифоқи қарзгирон ҳеҷ вақт мукофотпулӣ талаб наменамояд. Ин хусусияти муносибатҳои мутақобилаи ташкилотҳои исломӣ бо мизоҷони худ мебошад, ки бо дӯстӣ ва боварӣ асос ёфтааст.

Дар асл бошад, ин навъи маблағгузорӣ – ёрии бозгардони моддӣ ба шахсони эҳтиёҷманд, ҷамъиятҳо, минтақаҳо ва ё қарзи бефоиз ба фаъолияти муайяни хоҷагидории корхонаҳои хурд ва миёна аст, ки бисёр вақт ҳамшарики ташкилоти қарзии хурд мебошад.

**2. Байъъ** (бо нархи аҷил) (араб. – фурӯш бо нархи батаъхиргузошта) – шартномаи хариду фурӯш аз рӯйи пардохти батаъхиргузошта. Мутобиқи шартномаи мазкур, як ҷониб (фурӯшанда) молро харидорӣ менамояд ва онро ба ҷониби дигар (харидор) бо нархи мувофиқашуда мефурӯшад ва он хароҷоте, ки фурӯшанда кардааст, ба нархи мол илова карда мешавад. Маблағ барои мол дар оянда пурра ва ё қисман пардохт карда мешавад. Дар иттифоқи қарзгирон ин шартнома додугирифти байни ташкилот ва харидор мебошад, ки дар он ташкилот молро ба даст меорад ва онро ба харидор бо нархи баландтар мефурӯшад ва ин мол дар муҳлате, ки байни ду ҷониб мувофиқа шудааст, пардохт карда мешавад. Шартномаи мазкур дар қонунгузории исломӣ иҷозат дода шудааст, зеро аз рӯйи табиати худ он на шартномаи қарзӣ, балки яке аз навъҳои шартномаи хариду фурӯш мебошад. Ҳамин тариқ, амалиёте, ки аз рӯйи чунин шартнома амалӣ карда мешавад, ин амалиёти молиявӣ набуда, ба амалиёти тиҷоратӣ маҳсуб мегардад.

**3. Қарзи ипотекӣ.** Дар ҷамоъаи мусулмонон тавассути иттифоқи қарзгирон дигар роҳҳои паст намудани сатҳи камбизоатиро низ истифода мебаранд. Масалан, иттифоқи қарзгирон ба мизоҷон ягон намуди таҷҳизот, бино, иншоотро ба иҷора медиҳанд. Мутобиқи шартҳои шартномаи байни ташкилот ва мизоҷ басташаванда, иттифоқи қарзгирон бо талаби мизоҷ таҷҳизот ва ғайра харидорӣ менамояд ва ба ӯ ба иҷора медиҳад. Давомнокии иҷора ва андозаи пардохти маблағи иҷора пешакӣ муайян мегардад.

Хулоса, тавассути истифодабарии вақф ба бахши хусусӣ ёрии молиявӣ расонида мешавад, ки аз буҷети давлат ягон маблағ сарф намешавад ва хароҷоти давлат камтар мешаванд. Ин амали нек касри буҷетро низ паст менамояд ва қарзи давлатӣ низ камтар мешавад. Дар ин раванд, маблағгузорие, ки давлат барои бахши хусусӣ равон менамояд, камтар мешавад ва ин амал сармоягузоронро ҳавасманд мегардонад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Мехрибан Алиева: "Сегодня для развития благотворительного сектора в Азербайджане существует несколько серьезных препятствий" [www.day.az], 20 марта 2008.

2. Исламские финансовые проекты в России/ Под ред. М.Э. Калимуллиной. М.: Исламская книга. 2012.

3. Шариатский стандарт № 8. Мурабаха. Пер. с англ. [Ред. Совет: Р.Р. Вахитов и др.]. Организация бухгалтерского учета и аудита исламских финансовых учреждений (ААОИФИ). М. Исламская книга. 2010.

**Р. Сайисмонов,**
муовини аввали раиси раёсати
Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон,
номзади илми иқтисод, дотсент


АХБОР. .
АХБОР. .
РАСМӢ . . . . БОНКӢ . . . . ИҚТИСОДӢ
АХБОР. .
РАСМӢ . . . . БОНКӢ . . . . ИҚТИСОДӢ

# Ахбор: расмӣ... бонкӣ... иқтисодӣ

## Расмӣ

### Мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Корея ва роҳбари Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ



*12 апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чаҳорчӯби сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Корея бо Президенти ин кишвар хонум Пак Хин Хе мулоқоти расмӣ анҷом дод.*

Дар вохӯрӣ масъалаҳои вобаста ба рушди муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши Тоҷикистону Корея баррасӣ шуд.

Аз рушди муносибот ва густариши ҳамкории ду кишвар, ба хусус дар солҳои охир изҳори қаноат карда шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки давоми 10 сол ҳаҷми гардиши мол миёни Тоҷикистону Корея 7 баробар афзудааст. Ҳоло 16 корхонаи муштарак бо сармояи кореягӣ дар Тоҷикистон фаъолияти самарабахш доранд.

Пас аз анҷоми мулоқот 5 санади нави ҳамкории дуҷониба ба имзо расид.

*12 апр 15/БТ*

### Иштирок дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об




*12 апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Дэгуи Ҷумҳурии Корея дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об иштирок ва суханронӣ намуд.*

Форуми мазкур дар маҷмааи биноҳои Экспо Кореяи шаҳри Дегу бо иштироки қариб 35 ҳазор нафар ва зиёда аз 170 кишвари ҷаҳон баргузор гардид.

Хотиррасон бояд намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин форум ба ҳайси ташаббускори асосии қабули даҳсолаи байналмилалии "Амалиёти об барои ҳаёт" иштирок кард. Даҳсолаи байналмилалии "Амалиёти об барои ҳаёт" аз ҷониби маҷмааи кулли Созмони милали муттаҳид барои солҳои 2005-2015 эълон гардида буд ва инак соли даҳум аст, ки ҳамаи чорабиниҳои ҷаҳонии вобаста ба об дар тамоми гӯшаю канори дунё барои татбиқи амалии нишондодҳои ҳамин ибтикор ҷараён мегиранд.

*12 апр 15/БТ*

### Натиҷагирии семоҳаи соли равон дар назди Сарвазир

*16 апрел дар ҳузури Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар семоҳаи аввали соли равон ҷаласаи корӣ доир гардид.*

Бино ба иттилои АМИТ "Ховар", вазири рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ Неъматулло Ҳикматуллозода оид ба дастоварду пешравиҳо ва мушкилоту норасоиҳои соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар моҳҳои январ-марти соли равон гузориш дод.

Таъкид гардид, ки новобаста аз таъсири манфии ҳолати ноустувори иқтисодиёти кишварҳои шарики Тоҷикистон ва дигар омилҳои берунӣ дар ин давра, ММД-и ҷумҳурӣ ба 8,3 млрд. сомонӣ ва афзоиши воқеии он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 5,3 фоиз баробар гардид. Ин афзоиш асосан аз ҳисоби рушди устувори соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва гардиши савдои чакана, ки мутаносибан 16,3 фоиз, 5,3 ва 10,7 фоизро ташкил медиҳад, таъмин гардидааст.

Дар муҳокимаи натиҷаҳои рушди семоҳаи соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат ҳамчунин роҳбарони вазорату идораҳои саноат ва технологияҳои нав, молия, кишоварзӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, роҳбарият ва масъулони Бонки миллии Тоҷикистон, кумитаи андоз, хадамоти гумрук ва дигар сохторҳои дахлдор иштирок намуданд.

*16 апр 15/БТ*

### Иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум



*17 апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум иштирок ва суханронӣ намуд.*

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум бори нахуст баъди интихоби ҳайати нави аъзои он баргузор шуд.

Тибқи муқаррарот тариқи овоздиҳии пинҳонӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев бо ҷонибдории ҳамаи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ аз нав ба мақоми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд.

Сипас, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, нахуст ҳамаи аъзои нави Маҷлиси миллии Маҷлиси Олиро ба муносибати интихоб ва таъйин шуданашон ба узвияти ин мақоми олии қонунгузори кишвар ва нафарони ба мансабҳои роҳбарии он интихобшударо табрику таҳният гуфт.

*17 апр 15/БТ*

## Бонкӣ

### Ҳайати Тоҷикистон дар маҷлиси Шӯрои мудирони БОР иштирок мекунад

*Ҳудуди 3 ҳазор нафар мансабдорони давлатӣ, тоҷирони муваффақ,*

*сармоягузорон, рӯзноманигорон ва намояндагони ҷомеа рӯзҳои 2-5 май дар Маҷлиси 48-уми солонаи Шӯрои мудирони Бонки осиёии рушд (БОР) дар шаҳри Боку ҷамъ меоянд.* Дар ин маҷлис иштироки ҳайати ҷумҳурӣ бо роҳбарии муовини аввали нахуствазири Тоҷикистон Д. Саидов низ дар назар аст. Мавзӯи маҷлиси соли 2015 – “Шарикӣ барои рушд” аст, ки муҳим будани сафарбарии захираҳо ва тақвияти шарикӣ миёни БОР, кишварҳо ва дигар шарикони бисёрҷонибаву дуҷонибаро таъкид менамояд.

Тоҷикистон соли 1998 ба узвияти Бонки осиёии рушд пазируфта шуда, то имрӯз БОР барои Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии ҳудуди 1,3 млрд. долл. ИМА ёрӣ намудааст.

*6 апр 15/www.news.tj*

### Бонки Ҷаҳонӣ бо ҷараёни амалисозии лоиҳаҳо ошно шуд



*Намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Патрисия Виверс-Картер бо мақсади муҳокимаи рафти татбиқи лоиҳаҳои тавассути бонк дар соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, нақлиёт ва рушди бахши хусусӣ маблағгузоришуда, бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва баҳрабарандагон дар вилояти Суғд ба ин минтақаи Тоҷикистон ташриф овард.*

Хонум Виверс-Картер зимни вохӯрӣ бо раҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ухдадориҳои ба зиммагирифтаи Гурӯҳи Бонки Ҷаҳониро дар самти идомаи дастгирии ислоҳот дар бахши хусусӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ, аз он ҷумла таваҷҷуҳ ба беҳсозии хизматрасониҳои коммуналӣ ва иҷтимоӣ бори дигар тасдиқ намуд. Сандуқи фаъоли Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон 21 лоиҳаро дар бар мегирад, ки маблағи умумии онҳо 283,4 млн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад.

*7 апр 15/БТ*

### Омӯзиши асосҳои бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон

*Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (ШХМИ) ва Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи як машғулияти омӯзишӣ ба бонкдорони Тоҷикистон рукнҳо ва меъёрҳои бонкдории исломиро омӯхтанд. Дар ин семинар, ки 4 рӯз давом кард, 70 нафар намояндагони низоми бонкии ҷумҳурӣ иштирок намуданд.*

Дар семинар ёрдамчии Дабири кулли ШХМИ доктор Шариф Аюб ва мутахассисони варзидаи Департаменти техникию тадқиқотии созмони мазкур ба иштирокдорони машғулият дарс доданд.

Ҳамчунин, дар семинар меъёрҳо ва рукнҳои асосие, ки барои татбиқи бонкдории исломӣ дар ташкилотҳои дахлдор заруранд, бо мақсади тақвияти фаҳмиши иштирокчиён мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Иштирокдорони машғулият имкон пайдо карданд, ки маълумоти мукаммалро дар бораи заминаи маблағгузории исломӣ ва амалиётҳои бонкии исломӣ, рукнҳои асосии идоракунии хавфҳо барои ташкилотҳои дорои хизматрасониҳои молиявии исломӣ, рукнҳои асосии низоми идорасозӣ тибқи усулҳои исломӣ, стандарти кифоя набудани сармояи азнавдидашуда ва ғайраҳо ба даст оранд.

*8 апр 15/БТ*

### Фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ боздошта мешавад

Бо дастури Бонки миллии Тоҷикистон аз 16 апрели соли равон бо мақсади таъмини устувории бозори дохилии асъор, суботи қурби сомонӣ ва ҳифзи манфиатҳои муштариёни ташкилотҳои қарзӣ аз 17 апрели соли ҷорӣ сар карда,




фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ боздошта мешавад.

Тибқи дастури мазкур ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ ӯҳдадор карда мешаванд, ки ҳар як амалиёти фуруши доллари ИМА-и нақдро ба мизоҷон ва ё ба шаҳрвандон бо таври махсус бо дарҷи тамоми мушаххасоти шахсияти онҳо анҷом дода, ба расмият дароранд.

*17 апр 15/www.nbt.tj*

### ҶСК “Бонки Эсхата” фоизи қарзҳо бо асъори хориҷиро паст кард

*ҶСК “Бонки Эсхата” аз санаи 15-уми апрели соли ҷорӣ фоизи қарзҳои бо доллари ИМА пешниҳодшавандаро барои ҳама намуди қарзҳо 2 фоиз паст намуд.* Агар қаблан фоизи қарз барои пахтакорӣ ва коркарди он 24-22 фоизи солонаро ташкил мекард, ҳоло бошад фоизи он то 22-20 фоиз паст карда шудааст. Фоизи қарзи ипотекӣ низ паст карда шуда, ҳоло 20 фоизи солонаро ташкил медиҳад. Қарзи “Манзилӣ”, ки барои таъмир ва сохтани хона пешниҳод гаштааст, қаблан 26 фоизи солона буд ва акнун он бо 24 фоизи солона пешниҳод мегардад.

Қарзҳое, ки дар доираи лоиҳаи иҷтимоӣ-экологӣ барои пармакунии чоҳҳо, сохтани гармхонаҳо ва обёрии қатрагӣ дода мешаванд, акнун 18 фоизи солонаро ташкил медиҳанд, ки қаблан 22 фоизро ташкил мекард. Бояд қайд намуд, ки самти қарздиҳӣ сол аз сол яке аз самтҳои афзалиятноки ҶСК “Бонки Эсхата” ба ҳисоб рафта, мунтазам рушди ин соҳаро фароҳам овардааст.

*20 апр 15/БТ*

### Пешниҳоди вазорати молия барои афзоиши бурсҳои Фонди зиддибуҳрони БАОР

*Муовини аввали вазири молияи Тоҷикистон Ҷ. Нуралиев бо ҳайати*

# Ахбор: расмӣ... бонкӣ... иқтисодӣ



***Фонди зиддибуҳронии Бонки АвруОсиёии Рушд (БАОР) гуфтушунид анҷом дод.*** Бино ба иттилои Вазорати молияи кишвар, зимни мулоқот оид ба масъалаҳои муҳимми рӯз ва дурнамои ҳамкориҳо дар бахши молия ва дигар соҳаҳо табодули назар сурат гирифта, ҳамчунин самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳукумати кишвар ва масъалаҳои сиёсати умумӣ баррасӣ шуданд. Ҷонибҳо ба масъалаҳои рушди бахши энергетика дар Тоҷикистон, шартҳои баррасӣ ва маблағгузории лоиҳаҳо аз ҳисоби воситаҳои Фонди зиддибуҳронии БАОР таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Ҷ. Нуралиев ба таъсири манфии буҳрон ба иқтисоди Тоҷикистон таъкид намуда, қайд кард, ки назар ба воситаҳои қарзӣ, афзоиши пешниҳоди воситаҳои бурсӣ ба бахшҳои афзалиятноки кишвар мувофиқи мақсад аст.

*27 апр 15/www.news.tj*

### Пешбинии Бонки Ҷаҳонӣ: коҳиши интиқоли пул дар Осиёи Миёна



***Бонки Ҷаҳонӣ дар гузориши тозаи худ пешбинӣ кардааст, ки ҳаҷми пулҳои интиқолӣ ба кишварҳои рӯ ба рушди Аврупо ва Осиёи Миёна дар соли ҷорӣ 12,7 фоиз коҳиш хоҳад ёфт.*** Соли 2014 ҳаҷми пулҳои интиқолӣ ба ин кишварҳо дар муқоиса бо соли 2013 6,3 фоиз коҳиш ёфта буд. Бино ба иттилои Бонки Ҷаҳонӣ, ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ба панҷ кишвари Осиёи Миёна дар соли 2014 беш аз 10 фоиз ва ё 11,1 млрд. долл. ИМА коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии коҳиш ёфтани ҳаҷми пулҳои интиқолиро Бонки Ҷаҳонӣ ба рукуди иқтисодӣ дар Россия вобаста донистааст, ки боиси аз даст додани ҷойи кори муҳоҷирон шудааст.

*14 апр 15/Ведомости*

### Мақомоти қазоқ: Иттиҳоди АвруОсиё пули ягона намебарорад

***Тимур Жаксиликов, муовини вазири иқтисоди миллии Қазоқистон изҳор доштааст, ки Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мақсади сохтани пули ягонаро надорад.*** Ба қавли ӯ, Қазоқистон дар мавриди имкониятҳои истисноии роҳандозии пули ягонаи миллӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, мавкеи мушаххас ва устувор дорад ва ин гуна масъалаҳоро баррасӣ намекунад. Ба таъкиди ин мақоми қазоқ, ташкили иттиҳоди пулӣ ва эҷоди асъори ягонаи миллӣ дар ин иттиҳод баррасӣ нашудааст ва чунин корҳо роҳандозӣ намешаванд. Дар ҳамин ҳол дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё то соли 2025 ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар соҳаи танзими бозори молиявӣ ба нақша гирифта шудааст.

*21 апр 15/ca-news.org*

### Пулҳои нави 20-евроӣ ба муомилот мебароянд

***Бонкҳои маркази минтақаи евро 25 ноябри соли 2015 пулҳои нави арзишашон 20-евроиро ба муомилот мебароранд.*** Пулҳои нави 20-евроӣ идомаи силсилаи пулҳои 10-евроӣ ва 5-евроӣ ҳастанд, ки аллакай ба муомилот бароварда шудаанд ва дорои дараҷаи баланди ҳифозат аз тақаллуб мебошанд. Пули наvro ба номи яке аз қаҳрамонони мифологии Юнон духтари подшоҳ Агенор, ки



Аврупо ном доштааст, гузоштаанд. Дар рӯйи 20-евроиҳои нав акси ин қаҳрамон ҷой дода шудааст, ки аз як гулдони даврони антиқа гирифта шудааст. Бо он, ки ин пулҳои нав ба муомилот ворид мешаванд, пулҳои пешинаи 20-евроӣ низ ба сурати номаҳдуд дар муомилот боқӣ мемонанд.

*21 апр 15/Интерфакс*

### JCB ва China UnionPay аз ҳамкорӣ бо "СМП Бонк" худдорӣ карданд

***Низомҳои пардохти JCB-и Ҷопон ва China UnionPay-и Чин дархости ҳамкории "СМП Бонк"-и Россияро барои истифодаи қартаҳои ин бонк рад карданд.*** Дар ин бора Елена Дворових, муовини раиси "СМП Бонк"-и Россия хабар дод. Мақомоти Россия яке аз роҳҳои коҳиш додани таъсири таҳримҳои Ғарб ба низоми пардохти худро ҳамкорӣ бо низомҳои пардохти Ҷопону Чин медонистанд. Россия барои таъмини амалиёти муттасили дохилӣ бо қартаҳои пардохтӣ, Низоми миллии қартаҳои пардохтиро таъсис додааст.

*21 апр 15/bankir.ru*

### Deutsche Bank дар ду сол 200 филиалашро мебандад




*Deutsche Bank, ки яке аз бузургтарин бонкҳои Олмон ба шумор меравад, тасмим гирифтааст, ки дар зарфи ду сол фаъолияти 200 адад*

*филиалҳояшро масдуд созад.*

Коҳиш ёфтани шумораи филиалҳои Deutsche Bank мутобиқи барномаи кам кардани хароҷот ва таҳкими бонки мазкур сурат мегирад. Ин иқдом бояд то соли 2017 ба иҷро расад. Айни замон шумораи кормандони ихтисоршавандаи намояндагиҳои ин ташкилотҳои молиявӣ маълум нест.

*27 апр 15/pronedra.ru*

### Фаронса ба Бонки миллии Украина кумак мекунад




*Бонки марказии Фаронса ба Бонки миллии Украина кумак хоҳад кард. Дар ин замина президентҳои Украина ва Фаронса ба тавофуқ расиданд.* Бо ин мақсад байни Бонки марказии Фаронса ва Бонки миллии Украина ҳамкориҳо ба роҳ монда хоҳанд шуд. Фаронса омода-аст, таҷрибаи бонкдории худ, ба вижа назорати бонкдориро ба бонкдорони украинӣ омӯзад.

*27 апр 15/www.ukrinform.ua*

## Иқтисодӣ

### Тавозуни савдо манфӣ ҷамъбаст гардид

*Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гардиши савдои хориҷӣ дар моҳҳои январ-марти соли равон 966 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 11,8 фоиз кам аст.* Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил 13,7 фоиз ва бо кишварҳои хориҷаи дур 9,8 фоиз коҳиш ёфт. Коҳиши мазкур бо назардошти номуътадилии сиёсию иқтисодӣ дар ҷаҳон, коҳиш ёфтани ҳаҷми интиқоли пулӣ ва ба ин васила паст гардидани сатҳи талабот дар бозор алоқамандӣ дошт.

*15 апр 15/АМИТ Ховар*

### Вазорати молия натиҷаҳои фаъолияти молиявиро ҷамъбаст кард



*Дар Вазорати молияи Тоҷикистон ҷаласаи васеъи ҳайати раёсат аз рӯйи натиҷаҳои семоҳаи якуми соли 2015 баргузор гардид.*

Назар ба иттилои АМИТ “Ховар”, муовини вазири молия Меҳринамо Ҷонмамадова аз натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва иҷрои Буҷети давлатии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2015 ва вазифаҳо оид ба рушд ва истифодаи судманди маблағҳои давлатӣ дар семоҳаи дуюми соли 2015 ва вазифаҳои пешорӯ дар семоҳаи дуюми соли ҷорӣ гузориш дод.

Вазири молия Абдусалом Қурбониён дар навбати худ, ба кормандони масъули вазорат ҷиҳати сари вақт ва хушсифат иҷро шудани Буҷаи давлатӣ дар семоҳаи дуюм ва дар маҷмуъ соли 2015 супоришҳои мушаххас дод.

*21 апр 15/БТ*

### Россия ба Қирғизистон 200 млн. долл. ИМА медиҳад

*Россия барои кумак ба узвияти Қирғизистон дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, 200 млн. долл. ИМА медиҳад.* Дар ин бора, Сергей Сторчак, муовини вазири молияи Россия хабар дод. Россия ва Қирғизистон дар ин бора аллакай созишнома ба имзо расонидаанд. Ба қавли масъулин, ин ба Қирғизистон дар навсозии чор гумруки марзӣ кумак кунад. Бо шомил шудани Қирғизистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё марзҳои Қирғизистон ба марзи ин иттиҳод табдил хоҳанд ёфт.

*2 апр 15/РИА Новости*

### 46 млрд. долл. ИМА сармоягузории Чин дар Покистон



*Сӣ Ҷинпин, президенти Чин ва Навоз Шариф, нахуствазири Покистон, лоиҳаҳои бисёрмиллиардаи иқтисодии Чин барои сармоягузорӣ ба иқтисоди Покистонро баррасӣ карданд.*

Хабаргузориҳои Покистон навиштанд, ки Чин барои тарҳҳои муштараки иқтисодии кишвараш бо Покистон дар ҳаҷми 46 млрд. долл. ИМА сармоя ҷудо кардааст. Мақомоти ин кишварҳо умедворанд, ки Долони Иқтисодии Покистон ва Чинро боз мекунанд. Тавассути ин долон Чин ба бандари ҷанубии Гвадари Покистон ва ҳамин тавр бо бандарҳои Халиҷи Форс роҳ меёбад.

*20 апр 15/REGNUM*

### Россия аз таҳримҳои Ғарб 26,7 млрд. долл. ИМА зарар дид

*Иқтисоди Россия дар натиҷаи таҳримҳои Ғарб тақрибан 26,7 млрд. долл. ИМА аз даст додааст ва натиҷаҳои таҳримҳои Ғарб соли ҷорӣ ба маротиб бештар хоҳад буд.* Дар ин бора Дмитрий Медведев, нахуствазири Россия зимни суханронии худ дар парламент изҳор дошт ва гуфт, ММД-и ин кишвар дар семоҳаи аввали соли 2015 2 фоиз кам шудааст. Медведев гуфт, зарари Россия аз таҳримҳои Ғарб “эҳсосшаванда аст ва мо онро пинҳон дошта наметавонем”. Россия барои тобеъ кардани Қрим ва барои кумак ба ҷудоихоҳони ҷонибдори худ, ба таҳримҳои иқтисодии Иттиҳодияи Аврупо ва Ғарб дучор шуд.

*21 апр 15/ РИА Новости*



# **Шарҳи бонкиву иқтисодии** ВАО-и ҷаҳон




**Wall Street Journal** ***(6 апр 15).***
Италия тасмим гирифтааст, то дар ин сол аз коҳишёбии иқтисодиёт кишварро берун кунад. Бино ба андешаи ҳукуматдорони итолиёвӣ, дар солҳои 2016 – 2017 рушди иқтисодиёт дар ин кишваре, ки чун сеюмин иқтисодиёти пешбар дар ҳавзаи Аврупо эътироф гаштааст, бояд суръати нав ба худ касб кунад.

Бино ба баҳогузории ҳукумат, Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) то 0,7 фоиз боло рафта, дар солҳои 2016-2017 рушд аз 1,4 то 1,5 фоизро дар бар хоҳад гирифт.

Рушди иқтисодиёти Италия дар тӯли се сол, оғоз аз соли 2012 коҳиш ёфт ва он тӯлонӣ гашт. Тибқи гуфтаи таҳлилгарон, имрӯз тавассути роҳандозии тадбиру чораҳои самаровари Бонки Марказии Аврупо нишонаҳои барқароршавии иқтисодиёт дар Италия ба чашм мерасад.

Ҳамчунин, ҳукумат он гуфтаро низ таъйид кардааст, ки касри буҷет оид ба натиҷаҳои соли 2015 2,6 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад, яъне Италия қоидаи буҷетии Иттиҳоди Аврупоро вайрон накардааст, ки тибқи он касри буҷет набояд аз 3 фоизи ММД бештар бошад.

**Wall Street Journal (8 апр 15).**
Бино ба маълумоти бонкҳои марказии Чили ва Перу, дар назар аст, ки сиёсати васеи монетарии онҳо анҷом ёбад. Бонкҳои марказӣ ҷиҳати рушди иқтисодиёт меъёрҳои фоизиро коҳиш додаанд, ки интихоби чунин роҳ дар маҳдудгардонии вазъияти таваррумӣ мусоидат хоҳад кард.

Бино ба гуфтаи президенти Бонки марказии Чили Родриго Вергари, фаъолнокии иқтисодии солона дар Чили камтар аз 3 фоизро дар бар мегирад, ки мебояд дар тӯли сол нишондоди мазкур афзоиш ёбад. Вергарна бар ин назар аст, ки дар мавриди рӯ ба беҳбудӣ овардани вазъият дар иқтисодиёт, зарурати баргузор кардани муътадилии монетарӣ дигар нест. Баргашт ба сиёсати муътадилгардонии монетарӣ мумкин аст, дар ибтидои соли 2016 рӯйи кор ояд.

Аз октябри соли 2013 танзимгари бонки Чили меъёри бозтамвилро то 3 фоиз коҳиш дод. Дар ҳамин ҳол, намояи нархҳо дар Чили дар моҳи марти соли ҷорӣ то 4,2 фоиз расид. Бонки марказии Чили кӯшиш дорад, то сатҳи таваррумро дар ҳаҷми 3 фоиз нигоҳ дорад.




**Frankfurter Allgemeine** ***(15 апр 15).***
Тибқи навиштаи нашрия, рушди дуюмин иқтисодиёти бузурги ҷаҳонӣ - Чин коҳиш ёфтааст, аммо ба ин нигоҳ накарда, қурби саҳмияҳо дар Шанхай ба худ рекордҳои азим касб мекунанд. Дар пайи як назарсанҷӣ ба суоли он, ки киҳо чунин "харидории аз ақл бегона"-ро роҳандозӣ кардаанд, посух додаанд, ки МАРДУМ.

Таҳқиқот аз ҷониби Университети иқтисоду молияи Чин рӯйи кор гирифта шудааст. Университети мазкур беш аз 4 ҳазор нафар аз соҳибхонаҳоро мавриди пурсиш қарор додааст. Маълум гаштааст, ки қурби саҳмияро наврасон ва ронандагони таксиҳои мусофирбар боло бурдаанд.

Чунончи, аз се ду қисмати саҳомони чиноӣ соҳиби маълумоти миёнаи нопурра мебошанд, ки аксари онҳоро наврасон ташкил дода, дар синни 12 солагӣ тарки мактаб кардаанд.




**Wall Street Journal (18 апр 15).**
Дар моҳи феврали соли равон ММД-и Ҷопон то 2,1 фоиз коҳиш ёфтааст.

Маълумоти мазкурро маркази таҳқиқоти иқтисодии Ҷопон фароҳам овардааст. Бино ба маълумоти ин Марказ, дар моҳи март иқтисодиёти Ҷопон мебоист то 1,5 фоиз рушд мекард. Аммо бино ба пешбиниҳои Вазорати иқтисодиёту савдо ва саноати Ҷопон, ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар моҳи март коҳиш ёфта, он дар моҳи апрели соли равон барқарор хоҳад шуд.

Агар ММД дар семоҳаи якуми соли равон воқеан ҳам коҳиш ёбад, пас ин амалкард сеюмин пастравӣ тайи чаҳор семоҳаи охир аст.



Чӣ омил сабаби коҳиш гаштааст? Бино ба андешаи иқтисоддони маркази таҳқиқоти иқтисодии Ҷопон Тетсуаки Такано, ин ҳамаро сабаб хароҷоти пасти истеъмолӣ аст. Соҳибхонаҳо дар моҳи декабр ва январу феврал дар муқоиса бо дигар моҳҳо пули камтар харҷ кардаанд.

Таҳлилгарон хулоса мекунанд, ки истеҳсолкунандагони ҷопонӣ ба муътадил гардидани вазъи иқтисодӣ бовар надоранд.

### Wall Street Journal (20 апр. 15).

Бино ба маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, коҳиш ёфтани нархи нафт ва рушди сусти суръати иқтисодиёт дар кишварҳои мутараққӣ, сабаби нишондоди пастро соҳиб гаштани суръати рушди иқтисодиёти кишварҳои Африқо дар соли 2015 гаштааст.

Тибқи ҷамъбасти сол, вазъи иқтисодӣ дар кишварҳои мазкур то 4 фоиз рушд кардааст, ки бино ба маълумоти БҶ пасттарин нишондод ба ҳисоб меравад.

Дар баъзе аз кишварҳои африқоӣ, вазъи иқтисодӣ дар ҳолати вазнин қарор дорад. Чунончи, дар Ангола ва Ҷумҳурии Конго, ки аз содироти нафт вобастагии бештар доранд, имкони пайдонамоии сарчашмаи кофӣ ҷиҳати рушди истеҳсолот дар ихтиёр надоранд.

### New York Times (25 апр 15).

Бонкҳои амрикоӣ оид ба семоҳаи аввали соли 2015 ҳисоботи худро ба нашр расонидаанд. Бино ба натиҷаҳои Wells Fargo ва JPMorgan Chase, қарздиҳии истеъмолӣ суръати сустро ба худ касб кардааст. Wells Fargo, ки намунаи рушди соҳаи бонкӣ ба ҳисоб мерафт, аз коҳиш ёфтани даромади худ дар моҳҳои январ - марти соли равон



маълумот додааст. Даромади семоҳаи бонки мазкур аввалин маротиб аст, ки тайи ҳафт сол коҳиш меёбад. JPMorgan Chase баръакс семоҳаи аввали соли ҷориро хуб натиҷагирӣ кардааст.

Фоидаи JPMorgan Chase то 12 фоиз рушд карда, даромади софи Wells Fargo 5,8 млрд. долл. ИМА-ро ташкил додааст.

### Reuters (28 апр 15).

Бузургтарин бонки Олмон – Deutsche Bank, ҷиҳати пардохти 2,5 млрд. долл. ИМА ба фоидаи Амрико ризоият додааст. Бахши британиёии бонки мазкур бошад, ҷавобгариро ба иттиҳоми қаллобӣ пазируфтааст. Бино ба гуфтаи коршиносон, ин аллакай ҳаштумин гурӯҳи молист, ки ба иттиҳоми қаллобӣ гунаҳгор дониста мешавад. Ҳаҷми ҷарима ниҳоят ҳам бузург маънидод мешавад.

Ба танзимдорорандагони амрикоӣ аз Deutsche Bank 2,175 млрд. долл. ИМА, Британиё бошад 227 млн. фунт стерлинг ҷарима меситонанд. Бино ба иттилои Раёсат оид ба танзими молӣ ва назорати Британиё, (Financial Conduct Authority, FCA), дар қаллобӣ беш аз 29 нафар аз ходимони Deutsche Bank, бештар дар Лондон, Франкфурт, Токио ва Ню-Йорк ширкат кардаанд.

Тибқи навиштаи расонаҳо, нафаре ҳам аз аъзои раёсати Deutsche Bank аз қаллобӣ хабар надошта, дар ин кор даст ҳам надоранд.

Бар асари чунин иттиҳомот теъдоде аз ходимони Deutsche Bank тарки кор карда, ҳафт нафари дигар дар рӯзҳои наздик аз кор ронда мешаванд.



### Financial Times (30 апр 15).

Ҷопон аввалин маротиб аст, ки баъд аз бӯҳрони иқтисодӣ-молии солҳои 2008-2009, бори дигар чун дорандаи бузурги вомбаргҳои амрикоӣ эътироф гашта, дар ин мақом аз Чин пеш гузаштааст. Пекин аз сабаби коҳиш ёфтани иқтисодиёти худ портфели вомбаргҳои амрикоиро иваз намекунад.

Сармоягузорони хусусӣ ва институтҳои давлатии Ҷопон дар охири моҳи феврали соли ҷорӣ 1,2244 трлн. долл. ИМА вомбаргҳои амрикоиро дар ихтиёр доштанд, Чин бошад дар ҳаҷми 1,2237 трлн. долл. ИМА. Тайи солҳои охир портфели вомбаргҳои Ҷопон то 13,6 млрд. долл. ИМА рушд кард, аммо аз Чин бошад то 49,2 млрд. долл. ИМА коҳиш ёфт. ■

# Пурсишу Посух

Гӯшаи “Пурсишу Посух” гӯшаест, ки дар асоси талабу дархости хонандагони маҷалла, бахусус бахши иқтисодии мактабҳои олии кишвар таҳия шудааст. Посухҳо дар асоси андешаву афкори олимону мутахассисони дахлдор пешниҳод мегардад.

**Пурсиш:**

**Ман ба фарзандам, ки дар Маскав таҳсил мекунад қариб, ки ҳар моҳ маблағ мефиристам. Фаҳмидан мехостам, ки ҳамон як фоизе, ки бонк барои хизматрасонияш аз ман мегирад чӣ гуна миёни ду бонк яъне бонки интиқолдиҳанда ва қабулкунанда тақсим мегардад?**

*Савол аз ҷониби соҳибкор Ф.Умарова пешниҳод шудааст.*

**Посух:**

Амалиётҳои интиқолӣ тавассути низомҳои интиқолии байналхалқӣ ва минтақавӣ мутобиқи шартномаи ташкилоти қарзӣ бо ҳар як низоми онҳо анҷом дода мешавад. Ҳақи хизмат ва тақсимоти он бо ҳар яки низомҳо ва ташкилоти қарзӣ дар алоҳидагӣ шарту байн карда мешавад.

Маълумоти мушаххас оид ба ин масъаларо мизоҷ метавонад аз ташкилоти қарзии хизматрасон талаб намояд ва он бояд ҳатман дар ин хусус маълумоти мушаххас пешниҳод намояд.

*Департаменти танзими асъори*
*Бонки миллии Тоҷикистон*

**Пурсиш:**

**Фаҳмидан мехостам, ки лизинги молиявӣ аз лизинги зудамал чӣ фарқият дорад?**

*Савол аз ҷониби донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қаюмов Амруллоҳ пешниҳод шудааст.*

**Посух:**

Иҷора (лизинг) як намуди фаъолияти сармоягузорие мебошад, ки дар худ элементи иҷора ва қарздиҳиро дар маҷмуъ муттаҳид менамояд.

Дар иҷораи молиявӣ се ҷониб иштирок менамоянд: ширкати лизингӣ, иҷорагиранда ва таъминкунандаи амволи иҷоравӣ. Ширкати иҷорадиҳанда (лизингӣ) амволро аз таъминкунандаи амвол харидорӣ намуда, барои истифода ба иҷорагиранда (лизинггир) медиҳад ва пас аз ба анҷом расидани шартномаи иҷораи молиявӣ амвол ба моликияти иҷорагиранда мегузарад. Шартномаи иҷораи молиявӣ бо мӯҳлати мувофиқ ба мӯҳлати амортизатсияи пурраи объекти иҷора баста мешавад.

Иҷораи амалиётӣ, баръакс ба мӯҳлати камтар аз мӯҳлати давраи амортизатсионии объекти иҷора баста мешавад.

Фарқияти иҷораи амалиётӣ аз молиявӣ дар он аст, ки пас аз ба итмом расидани шартномаи иҷора предмети иҷора ба ширкати иҷорадиҳанда (лизингӣ) бозпас гардонида мешавад.

*Департаменти назорати бонкии*
*Бонки миллии Тоҷикистон*

**Пурсиш:**

**Амалиёти факторингӣ чӣ гуна амалиёт аст?**

*Савол аз ҷониби донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азимов Хуршед пешниҳод шудааст.*

**Посух:**

Аслан факторинг ин, маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ мебошад.

Принсипи асосии амалиётҳои мазкур ба таври зайл амалӣ мегардад: ширкати факторингӣ талаботи муштарии худро аз шахси сеюм харидорӣ намуда, андозаи аз 70 то 90 фоизи онро дар муддати 2-3 рӯз пешпардохт намуда, боқимонда 10-30 фоизи онро баъд аз иҷро шудани уҳдадорӣ аз ҷониби шахси сеюм (пардохткунанда), пардохт менамояд. Дар ин ҳол, комиссия ва фоиз баъд аз пурра пардохт шудани маблағи талаботи гузаштакардашуда гирифта мешавад.

Мафҳуми “факторинг” (factoring) аз калимаи англисӣ factor комиссионер (даллол), агент, миёнарав (ва ҳоказо-омил, сабаб) реша гирифташуда, маъноящ харидани (талаб кардани) талаботи фурӯшандаи мол (хизматрасонӣ) бо гирифтани уҳдадории рӯёнидани он ва хавфи пардохт накардан аз ҷониби шахси сеюм, мебошад.

*Департаменти назорати бонкии*
*Бонки миллии Тоҷикистон*

# Лаҳзаи фароғат



## ЛАТИФА

Марде бо занаш сари кадом як масъалаи зиндагӣ ҷанҷолу хархаша мекунанд. Зан ба ғазаб омада ба шавҳараш мегӯяд:

— Мебахшед рафиқ мардак, ман ғуломи ҳалқабаргӯши шумо нестам, ки ин қадар азобу шиканҷаам диҳед.

Мард ҳам зуд посух мегардонад:

— Ҳамсари азиз, узри бисёру лекин ман ҳам барои Шумо банкомати ҳамешафаъол нестам.

* * *

## Муаммои №18

Як нафар муштарии бонк бинобар хатокории хазинадор тариқи варгаи пешниҳодгашта, ҳаҷми нодурусти маблағро дастрас мекунад. Хазинадори бонк ба ҷойи сомониҳо ҳамин миқдор маблағи дирам ва ба ҷойи дирамҳо ҳамон миқдор маблағи сомонӣ медиҳад. Муштарӣ пулҳоро ҳисоб накарда онҳоро ба ҷайб мегузорад. Дар роҳ ӯ 5 дирамро гум мекунад. Дар хона ӯ дармеёбад, ки пули ӯ ду маротиб аз варгаи нишондодашуда бештар аст. Дар варгаи муштарӣ чӣ миқдор пул нишон дода шуда буд?

* * *

**Посух ба муаммои №15, 16, 17 ки дар гӯшаи "Лаҳзаи фароғат" дар шумораи феврали соли 2015, №3 (68) ба нашр расид:**

## Муаммои №15

***Ҷавоб: Олмонӣ***

| Рақами хона | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Миллат** | Норвежӣ | Даниягӣ | Англис | **Олмонӣ** | Швед |
| **Ранги хона** | Зард | Кабуд | Сурх | Сабз | Сафед |
| **Сигорҳо** | Данҳилл | Ротманс | Пелл Мелл | Малборо | Филипп Моррис |
| **Ҳайвонҳо** | Гурбаҳо | Аспҳо | Паррандаҳо | **Моҳиҳо** | Сагҳо |
| **Нӯшокӣ** | Об | Чой | Шир | Қаҳва | Оби ҷав |

## Муаммои №16

Дар маҷмуъ тоҷир 11 маротиб равуо кард, ки аз ин 7 сафарашро интиқоли қуттиҳои бузург (7x8=56) ташкил медиҳад. Дар равуои чордафъаина бошад, қуттиҳои хурдро интиқол намудааст (4x10=40). Дар маҷмуъ: 40+50=96.

## Муаммои №17

Ин бухорӣ, оташ ва дуд аст.



# Рӯйдодҳои муҳимми моҳ

**7 апрел** – Намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ Патрисия Виверс-Картер бо мақсади муҳокимаи рафти татбиқи лоиҳаҳои тавассути бонк дар соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва рушди бахши хусусӣ маблағгузоришуда дар вилояти Суғд ба ин минтақаи Тоҷикистон ташриф овард.

* * *

**8 апрел** – Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (ШХМИ) дар Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи як машғулияти омӯзишӣ ба бонкдорони Тоҷикистон рукнҳо ва меъёрҳои бонкдории исломиро омӯхтанд.

* * *

**12 апрел** – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Тегуи Ҷумҳурии Корея дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об иштирок ва суханронӣ намуд.

* * *

**15 апрел** – ҶСК "Бонки Эсхата" фоизи қарзҳои бо доллари ИМА пешниҳодшавандаро барои ҳама намуди қарзҳо 2 фоиз паст намуд.

* * *

**17 апрел** – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум иштирок ва суханронӣ намуд.

* * *

**29 апрел** – тахти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

* * *

**29 апрел** – Бонки миллии Тоҷикистон ба ифтихори "600 - солагии Абдураҳмони Ҷомӣ"- шоир, нависанда ва мутафаккири бузурги адабиёти классикии тоҷику форс, "700 - солагии Алӣ Ҳамадонӣ"- шоир ва файласуфи форсу тоҷик, "20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", се адад танга ба ифтихори "90-солагии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе" бо тасвирҳои "Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ", "Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар маҷмуъ шаш намуд тангаҳои хотиравии арзишашон 500 сомониро, ки аз нуқраи холис сохта шудаанд, барои ҳадафҳои нумизматӣ баровард.

* * *

**30 апрел** – дар Душанбе мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Томас Йордан, раиси Бонки миллии Швейтсария баргузор шуд. ■

***Таҳияи Ҳ.Туфонова***

## Барои қайдҳо

## Барои қайдҳо


# Эълон

Маҷаллаи "Бонкдорӣ дар Тоҷикистон" омодааст, ки маводҳои илмӣ-оммавии олимону мутахассисон ва хоҳишмандонро ба нашр расонад. Барои мақолаҳои нашршуда ҳаққи қалам пешниҳод мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд, мақолаву маводҳои худро ба нишонии зерин фиристанд:

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 23/2.

Бонки миллии Тоҷикистон, идораи маҷаллаи “Бонкдорӣ дар Тоҷикистон”

E-mail: majalla@nbt.tj

Тел: +992 (44) 620 05 37

Факс: +992 (44) 600 32 49




# ТАВАҶҶУҲ!!!

## Маҷаллаи
## “Бонкдорӣ дар Тоҷикистон”
## обунаро барои соли 2015
## идома медиҳад!

**“Бонкдорӣ дар Тоҷикистон”:**

- маҷаллаи иттилоотӣ-бонкӣ буда, минбари баҳсу андешаронии иқтисоддонҳою мутахассисони соҳаи низоми бонкист;
- маҷаллаест, ки аз навгониҳои иқтисодию бонкии мамлакату ҷаҳон хонандагонро ошно месозад;
- тавассути маҷалла, таҳлилу пешниҳодҳои олимони иқтисоддон атрофи Дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар манзури хонандагон мегарданд;
- маҷаллаест, ки аз тарзу усули нави хизматрасониҳои бонкию дигар муассисаҳои молӣ маълумот медиҳад;
- ахбори дақиқи иқтисодӣ, шарҳи ВАО-и ҷаҳон, рӯйдодҳои муҳимми моҳ ва шарҳи иқтисодиёти ҷаҳон, пурсиши хонандагону посухи нашрия, мавзӯи матлаби ҳар шумораи маҷалла аст.

**АРЗИШИ ЯК ШУМОРА:** 35 СОМОНӢ

**АРЗИШИ ОБУНАИ СОЛОНА:** 495,6 СОМОНӢ

Хоҳишмандон метавонанд маблағи обунаро ба мушаххасоти зер интиқол диҳанд:

с/ҳ 40830972600001,

РМБ 350101101,

РМА 010008715

Бонки миллии Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 107А

**Мушаххасот барои маълумот:**
Факс: +992 (44) 600-32-49; Тел: +992 (44) 620-05-37
E-mail: majalla@nbt.tj